

Баҳром Фирӯз

# Тафти дил

Баҳром Фирӯз

# Тафти дил



Шеърҳо

ДУШАНБЕ
НАШРИЁТИ «ИРФОН»
1984

Тоҷик[2]
Ф 76

**Фирӯз, Бахром**

Ф 76 Тафти дил; Шеърҳо, Душанбе, «Ирфон», 1984.
208 саҳ.

Дар ин китоб осори дар тӯли бист сол сурудаи шоир ба тарзи гулчин фароҳам шудааст. Бештарин абьёти шоир аз муҳаббати ватан, обу хоки сарзамини диловез, мардуми ҳунарпарвари он гуфта шудаанд.

Фируз Бахром
Жар сердца

Ф 70403—226 --84
70403—226

Тоҷик[2]

© Нашриёти «Ирфон», 1984.



**БАҲРОМ ФИРӮЗ**

01.11.1939 – 25.09.1994

# ПЕШГУФТОР

Хонандаи азиз!

Даҳ сол аз ин муқаддам китоби ашъори ман дастраси ҳаводорони шеър гашта буд. Дар тӯли ин даҳ сол ман хеле кам шеър гуфтам ва бештарин айёми худро сарфи қиссаву ҳикоянависӣ кардам ва дар ин миён агар фурсат даст медод, ашъори овони навмашқиамро дигарбора месанҷидаму ба такмилу танвини он машғул будам. Дарвоқеъ, шуғли асосии ман дар ин солҳо қиссанависӣ буд, ки умедворам шумо аз он таснифот воқифед.

Чи шуд, ки ман ҳамчун шоир ба арсаи адабиёт қадам ниҳодаму ба ин тариқа зуд дастгоҳи шеърро бастам ва гӯё аз шоирӣ истеъфо намудам ва рӯи ихлосу иродат ба ҷониби наср овардам? Ин матлабро бисьёр китобхонон ва ҳаводорони адабиёт аз ман савол мекунанд, баъзан суханони устод Айниро аз ваҷҳи тангии чорчӯбаи назм ба ман хотирнишон мекунанд. Аз ин хусус хеле андешидаам ва ҳақиқати кори ман ин аст, ки мавзӯъ, матлаб ва мадорики шеър дигар аст ва пояи наср бар мадорики дигаре асос барниҳодааст. Шеър ҳикмат аст, сӯз аст, оҳанг аст, панди рӯзгор аст, хулосаест аз зиндагӣ, вале он ба ҳеҷ ваҷҳ тасвири комил ва возеҳи

зиндагӣ нест ва инчунин тасвирро аз шеър чашм доштан натавон. Агар дар замони Рӯдакӣ таълифи қиссаву романҳои воқеӣ расм мебуд, мо имрӯз ҳаёту зиндагӣ, андешаву омоли ниёгонамонро нисбат ба ахбори ҷамъи китобҳои дигар равшантар қиёс мекардем.

Охири солҳои шастум ва ибтидои солҳои ҳафтодум айёме буд, ки ҷустуҷӯ ва такопӯҳои эҷоди маро оромиш намедоданд ва ба тақозои тасвири фароху мушаххаси зиндагӣ боре ҳикояте навиштаму ба табъ расонидам. Устоди шодравон Мирзо Турсунзода ва муаллими азизи ман Мирсаид Миршакар баъди мутоалаи он ҳикоят бо як овоз гуфтанд: «Баҳром, шеърат хуб аст, аммо насрат хубтар омад, домани ин шуғлро сидқан сахт бигир». Каломи ҳидояти ин ду тан устодони мӯътабарро ба худ далел гирифтам. Ба ин минвол, ман аз як соҳил ба соҳили дигари дарьёи адабиёт гузаштам.

Инак, боз омадам ба сари шеър, ки машқи он ба ман заминаи устувори эҷодкорӣ бахшид. Чунон ки арз шуд, дар тӯли ин даҳ сол ман шеъри зиёд нагуфтаам, вале ашъори пешинамро суфтакорӣ мекардам, аз осори Михаил Лермонтов, Александр Блок, Нозим Ҳикмат, Давид Кугултинов, Ҳамид Олимҷон, Фазу Алиева ва як идда шоирони дигар шеъру достонҳо тарҷума кардам.

Ногуфта намонад, ки ашъори айёми ҷавониамро суфта кардам, вале саъям бар он буд, ки рӯҳи пешини онҳоро барҳам надиҳам.

***12 июни соли 1983.***

***Баҳром Фирӯз***

# ШЕЪРҲО



## Субҳи ид

Дасти хуршед аз рухи кӯҳсор чодар мекашад,
Кӯҳи сарболо кулоҳи шом аз сар мекашад.
Лаълии хуршед мисли тоҷи мулки тоҷикон
Рӯи гулгуни Душанберо хати зар мекашад.
Модарон хобу саҳаргаҳ баччагон бедор, аҷаб,
Файзи ид аз шаҳру деҳ
бар осмон сар мекашад.
Чист зеботар ба даҳр аз бомдоди рӯзи ид?!
Кишварам гӯё бисоти ид дар бар мекашад.
Гӯиё тӯй аст дар ҳар хонадоне ин саҳар,
Ханда дар рухсораҳо
сад ҳусни дигар мекашад.
Духтаре чун гул шукуфта шона бар мӯ мезанад,
Ҳар замон бар абрувонаш усмаи тар мекашад.
То ки ид ояд,
сафо ояд ба дуньё ҳар саҳар,
Кӯдаки сесолае нақши кабӯтар мекашад.

***1962***

## Мулоқоти нахустин

Кашида бар ҳам абрувони худро
Чунон ошуфта буд он шаб табиат,
Чӣ давроне расида ба сармо,
Ки мешӯриду боди тунд мезад.

Нишаста зарраҳои барфи серун
Ба мӯҳои ту чун алмос метофт.
Ту мисли наварӯсе шоду мамнун,
Ҳаво аз барф бар ту парда мебофт.

На фикре аз канору бӯса моро,
На биншастем бо ҳам  дӯш бар дӯш.
Зи дасти якдигар гирем гоҳо,
Хиҷил аз кори худ мондем хомӯш.

Ба мисли зарраи барфе, ки он шаб
Нишаста бар лаби ту об мешуд,
Ба ёдам чун расад,
                    ҷоно, ҳамон шаб,
Зи шодӣ меравам то ҳол аз худ.

***1962***

# Шабе бо хаёлат

Баромад моҳи нав чун доси заррин,
Ба ҳар сӯ дарзаи гандум пошид...
Намудам ёди деҳу ёри ширин,
Дил аз ишқи фаромӯшам хурӯшид.

Ба ёдат ҳаст он шабҳои дерин
Ба деҳи мо чӣ файзе медаромад?
Маҳи дуҳафта чун лаълии заррин,
Чигуна аз паси кӯҳ мебаромад?

Гаҳе шабҳо ба хона дер рафтам,
Гуселонида маҳтоби дилоро,
Ба модар боз «маҷлис буд» гуфтам,
Агарчи буд аз дарди ман огоҳ...

Дар ин дам ҳар куҷое, ки набошӣ,
Ту ҳам наззора дорӣ,
балки бар моҳ?
Аҷаб не, бо суруди дилхароше
Намоӣ ёди он шабҳои дилхоҳ?

Ҳавои ту, ҳавои дӯстонам,
Ҳавои кӯҳҳои сарбаландам
Зи дуродур чун оҳанрабое
Ба сӯи хеш доим мекашандам.

***1963***

## Сир — махзани сирҳои ман

Сар ба сар гаштам Ватанро. Ҳар кучое по ниҳам,
Дур аз ту, руди Сир, бо ёди ту месӯхтам.
Борҳо мегуфтам, эй ҷон, кошкӣ, бори дигар,
Дидаро бар мавҷҳои оби Сир медӯхтам.

Дида бар дидор омад, дар канори дилкашат
Боз медӯзам ба мавҷат дидаи муштоқро,
Дар сарат истода чун кӯҳи Муғул андешаманд,
Рӯзҳои рафта меорам ба пеши чашмҳо:

Сир, дар оби ту саҳар шуста рухашро модарам,
Хоби ширинаш ба гӯши ту ҳикоят кардааст,
Гуфта бар ту орзуҳои ҷавонӣ, ҳамчу ту
Поктабъӣ, беғубориро ба дил парвардааст.

То нашӯяд рӯи манфураш адӯ бо оби ту
Рехт хуни худ падар дар ҷангҳои бас шадид.
Халқи ман он рӯзҳо ҳар қатраи оби туро,
Дар иваз бо хуни фарзандони маҳбубаш харид...

Ёд дорӣ, ки канорат бо сияҳчашмак шабе.
Чун нишаста хайрухуш пеш аз сафар кардем мо.
Дар нафасҳои хамӯшӣ,
бо дили пуризтироб
Ҳар ду бар ин мавҷҳои ту назар кардем мо.

Ку кунун вай? Бахти худ аз ҷои дигар ёфтаст,
Бар забон о, Сир, ту будӣ шоҳиди паймони мо.
Ту, фақат ту гӯш кардӣ дар ҳамон шаб аҳди мо,
Ту, фақат ту дида будӣ он нахустин бӯсаро.

Сир, ту таърихи манӣ, ту махзани сирҳои ман,
Шоҳиди дирӯзи ман, имрӯзи бас фирӯзи ман.
Дар ғаму дар шодиям ҳамдарду ҳампаҳлуи ман,
Сарнавишти мо як аст, эй модари дилсӯзи ман!

***1963***

## Сафедӣ медамад

Сафедӣ медамад дар торҳои сип-сиёҳи мӯ,
Ҳанӯзам сила нокарда ягон дасти навозишкор!
Сафедӣ медамад ҳайҳот, дар мӯи чу қатронам,
Ниҳад ҳар як нафас дар умр бояд нақши худ ночор,

Намеранҷам кунун шӯхи ба ҳусни хеш мағруре
Ба сӯям як назар нокарда аз наздам гузар созад.
Намеояд малолам навҷавоне гар амак гӯяд,
Баҳори умри рафта бериё бар рӯям андозад.

Ба сар тори сафеди мӯ маро ёд орад аз пирӣ,
Аз он фасле, ки он мегираду бар мо намебахшад.
Аз он кӯҳи сукуте, ки ба сӯяш ҷумла раҳ пӯянд,
Баландӣ дораду аммо наметобад, намерахшад.

Намеёбам зи пирӣ ин дами тундат ҷавониам,
Намегирам зи дасти хушки он подоши дилхоҳам.
Ту водии гулафшонӣ,  дар он саҳро намеёбам
Гули мақсуди худро, эй ҷавонии дилогоҳам.

Намеёбам ман аз он олами сокит нишонатро,
Қаноат мекунам бо ёди ту,  эй पояи умрам.
Ман аз ҳар навниҳоле дида нақши қадкашиҳоят,
Бигӯям гашта-гашта васфи ту, сармояи умрам.

Ба сар тори сафеди мӯ... Маро андеша мегирад,
Нагуфта шеъри хуби ман ҳанӯз,
эй табъи ноҳинҷор!
Бигӯям то ки беҳуда накардастам сафед ин мӯй,
Сафедӣ сабр кун қадре, накарда корҳо бисьёр.

***1963-65***

## Ёдат ҳаст ё не?

Ҳамин ҷо шоҳиди он гуфтугӯ буд,
Саодатгоҳи мо ин боғу ҷӯ буд.
Намедонам ки ёдат ҳаст ё не,
Ҳамин  ҷо сайргоҳи мову ту буд,

Ҳамин ҷо мегирифтам пешвозу
Гуселат менамудам з-ин лаби ҷӯ.
Дар ин ҷо ҳар дарахту сангу сархор
Гувоҳи аҳду паймони ману ту.

Чаро тори дили ошиқ хурӯшон.
Агар боде расад ояд ба афғон?
Чаро ингуна захми ишқ носур?
Агар ёде расад,
сӯзад дилу ҷон.

Бувад маъзур агар шӯхи ҳаваскор
Ба бедардӣ занад ангушт бар тор
Мабодо ки ба тори дил ҳавасбоз
Занад гар захмае беҳуда як бор.

Кунун бо ёди ишқат ҳеҷ донӣ,
Ба тан ҳар мӯи ман дорад фиғоне.
Ту аз ман рафтию аз дил нарафтӣ,
Накардӣ раҳм бар ҷони ҷавоне.

Нишаста инчунин андеша дар сар,
Гирифтам суратат аз ҷайб дилбар.
Назар кардам ба чашми дилфиребат,
Ки аз афсуни онам зору музтар.

Ҷавонам, аз ҳаёт уммедворам,
Бихоҳам дигареро дӯст дорам.
Вале ёдат намегардад фаромӯш,
Ба кӣ бахшам диле маҷрӯҳ дорам...

***1963***

## Эй дили ман!

Дили аз ғуссаву аз дарди ҷаҳон бехабарам
Танг шуд, эй санам, аз нози дилозор имрӯз.
Чӣ кунам, ки дигар он нознабардор шудаст,
Бигзарам аз сари ин дағдаға ночор имрӯз.

Дили ман, эй дили ман, боз малолат накашӣ,
Духтаре сӯзи туро ҳеҷ надиду нашинохт.
Дили дармонда на ҳар бебасаре дарьёбад,
Дасти афтода на ҳар кас бигирифту бинавохт.

Ишқи ту шабнами покизаи субҳ аст, дилам,
Ман ба ҳар рӯи гули хор варо нанҳодам.
Ҳайкали меҳру вафоӣ ту, дило шояд агар
Гули афтода ба раҳ будӣ,
ба ӯ медодам.

Дили ман, чашмаӣ ту, лек аз оби покат
Нӯш созад фақат он кас, ки сафое дорад.
Ҳар назарбоз наолоядаш онро ба ҳавас,
Нӯшад он кас, ки ба дил тухми садоқат корад,

Дили якрав, дили берӯю риёе дорам,
Дили бар чашми касон ростнигар дорам ман.
Бедарак нест дили хеш ба дарьё задаам,
Лангари ишқаму аз сидқ сипар дорам ман.

*1963—79*

## Пайроҳаи хотирнавоз

Баҳорам буду ман гул чидам он рӯз,
Гуло, дастат ба дастам дидам он рӯз.
Ҳамин боғу раҳу ҷӯям гувоҳанд
Ба ту ҷону дилам бахшидам он рӯз.

Аз он пайроҳаи хотирнавозам,
Аз он дарьёчаи розу ниёзам
Туро бар ёд оварда гузаштам,
Ба ёд омад куҳан сӯзу гудозам.

Гаҳе аксат зи оби ҷӯй ҷустам,
Паи пои ту аз ҳар сӯй ҷустам.
Дилам фарьёд мекард: «ӯ куҷо рафт?!»
Садоятро ман аз ҳар кӯй ҷустам.

Туро пурсидам аз ҳар мурғи хушхон,
Туро пурсидам аз боди гулафшон,
Суроғат кардам аз он навниҳоле,
Ки ту биншонда будӣ навбаҳорон.

Дарахте гаштааст он бас дилоро,
Дучандон аз қадат гаштаст боло,
Ба шохи себи мо печида шохаш,
Нахустин меваҳояш пухта кайҳо.

Ба чашмам аз паси барги дарахтон
Намояд себҳои сурхи алвон,
Рухи ту пеши чашми интизорам,
Ту чашмак мезанӣ гӯё ҳаросон.

***1963***

## Сири ишқ

Фасли уммеду талошу самари умрам буд,
Ишқ омад.
Ба руҳаш сидқ дари хеш кушуд.
Хоби ширин парид аз дида ба якбора чу дуд,
Оламу одам аз он гашт дигар дар назарам.

Дил дар оташ задаву дар табу сӯзам тану ҷон,
Рӯзу шабҳо ба такопӯй давидам, ҷонон.
Чӣ  кунам, ҳукми дили  шӯху ҷавонам буд он,
Чӣ  кунам, маслиҳати дӯст намекард асарам.

Оташи синаи ман машъали хошок набуд,
Ки ба як сония хомӯш шавад рӯ зада зуд.
Оташи синаи ман лахчаи ангиште буд,
Ки аз он умр ҳароррат  бигирифт ин қадарам.

Чӣ кунам, ҳар  нигаҳат сабри дили танг рабуд,
Ҳар табассум зи лабат аз дили ман занг рабуд.
Ҳар сурудам зи каломи хушат оҳанг рабуд,
Буд дар умр ҳамон рӯзи басо пурсамарам.

Лек имрӯз азоби сухани пасту баланд,
Ғуссаҳои нигаҳи дидаю нокарда писанд
Рафт аз хотири ман, ҷумла фаромӯш шуданд,
Монд дар ёд ҳамон даст, ки мондӣ  ба сарам.

***1963***

## Рӯзҳо

Ҳамчу тифли интизори рӯзи иде ҳар саҳар,
Рӯзҳо, дар роҳатон ман беқарорӣ мекашам,
Мепарад сӯи шумо ҳар гаҳ хаёли ман зи сар,
Аз сари шаб то саҳар ман интизорӣ  мекашам.

Беқарорам, рӯзҳо, бо шавқи роҳовардатон,
Домани шабҳои ман бар субҳатон пайванд шуд.
Чашмдорам, рӯзҳо, оед чун оби равон,
Ғунчаҳои орзӯям бо шумо хоҳад кушуд.

Дар ҳаво тайёраҳо ҳар гоҳ  бе ман мепаранд,
Дар шаби осуда хоб аз дидагонам мепарад.
Рӯдҳоро сӯи саҳроҳо чу бе ман мебаранд,
Ҳастиямро, рӯзҳо, мавҷи хиҷолат мебарад.

Хоҳам ин, ки ҳар яке бар ман дареро во кунед,
Хоҳам ин, ки пухта бинмоед ҳар хоми маро.
Хоҳам ин, ки дасти ман гиред дар роҳи умед,
Рӯзҳо, чун кӯдаки наврах баредам по ба по.

Аз шумо хоҳонам умри дар талошу дар хурӯш,
Ҳамчу рӯд аз тохтан меёбам умри безавол,
Ҳукми рӯди кӯҳ дорам, рӯзҳо, ҷӯшам диҳед,
Аз давидан дар замин ҳар лаҳза мегардам зулол.

***1964***

## Савти рӯд

Дар бағали кӯҳ ба сад печутоб
Оҳуи симоб бувад мавҷи об.
Бори нахустин ба мулоқоти ёр,
Гӯӣ чу дилбохта дорад шитоб.

Рӯд сурудаш зи кӣ омӯхтаст?
Шӯри дилашро кӣ забон додааст?
Бар касе нокарда назар меравад,
Дар паи дидори кӣ афтодааст?

Дар сари ҳар мавҷ фиғон мекунад,
Дард ба дил гӯӣ ниҳон мекунад.
Дар паси ҳар парда вале, эй аҷаб,
Рози дили  хеш баён мекунад.

Мерасад аз дур садояш ба гӯш,
Мавҷи дилошӯби суруди накӯш,
Мезанад аз санг ба санге сараш,
Ҳуш зи сар мебарад аз савти хуш.

Гӯш кунам савти хуши рӯдро,
Шуд ба садои дили ман ҳамсадо:
Зодаю парвардаи як хоки пок,
Тори навои дили як кӯҳ мо.

Зӯр гирифтем зи як кӯҳсор,
Савт биомӯхт ба мо  чашмасор,
Сидку сафо ёфта аз зиндагӣ,
Ҷӯш гирифтем зи як навбаҳор.

Рӯд — ҷавонии ба раҳ дар шитоб,
Рӯд — чу умрест сар андар итоб.
Номаи нохондаи пурпечу хам,
Рӯд сурудест пур аз изтироб.

***1964***

## Ин ҳам зи ноз бошад..?

(Дар ҷавоби баъзе сурудаҳои ҳофизон.)

То чанд дар забон ин сӯзу гудоз бошад?
Ин ҳарфи дилхарошат дар савту соз бошад?
На лутфи маънӣ  дидам,
на шеваи назокат,
Ин ҳарзагӯиҳо ҳам оё зи ноз бошад?
Зарбофт пираҳанро бар хӯсае мапӯшон,
Шеъре ба соз овар, лоиқ  ба соз бошад.
На ҳурмате ба санъат, на паси хотири халқ,
Дарди саре шудастӣ, «умрат дароз бошад».
Ҳар миннате пазирем  аз аҳли санъат имрӯз,
Ин гуфтаҳои мо ҳам ғар чорасоз бошад.

*1964*

## Ғалбери дарида не, дили ман

Ғалбери дарида не дили ман,
Ки дурри вафо аз он  бирезад.
Меҳр аст зи умр ҳосили ман,
Надҳам ба ман ар чаҳон ситезад.

Онро надиҳам тамоми дуньё
Гар душмани ҷони ман шавад  ҳам,
Аз ман рухи худ панаҳ кунад моҳ,
Хуршед гар аз сарам равад ҳам.

Ман даст ба даст бо муҳаббат
Дар  умр раҳи субот ҷустам,
Шуд  меҳри рухе ба ман саодат.
Дар он шарафи ҳаёт ҷустам.

Гар теғ биёядам, ки бар сар,
Дар умр раҳи дигар наҷӯям.
Ҳар он чи сафед гуфтам аз сар,
Зинҳор варо сияҳ нагӯям.

***1964***

## Ин қадар ноз макун...

Ин қадар ноз макун, миннати ту тоҷи сарам,
Бар қаду басти ту бо меҳр агар менигарам,
Сӯи ту менигарам лек ба фикри дигарам.
Аз ту, эй шӯх, нишони дигаре меҷӯям.

Гар ба чашмони сиёҳи ту назар месозам,
Лек бо чанбари мижгони дигар анбозам.
Ту мапиндор, ки аз баҳри ту бошад розам,
Дар дилам ҳасрати худ бо дигаре мегӯям.

Заҳрханде манамо ғусса маро афзуда,
Беҳаё, гуфта марав қаҳру итоболуда.
Меравам бо ту пасопеш наям осуда.
Дар хаёлам раҳи бигзаштаи худ мепӯям.

Як нишони рухи ёрам зи рухат дидам ман,
Шеваи лафзи диловехта бишнидам ман.
Ёд аз фасли гулам омаду болидам ман,
Машунав дасту лил аз дилбари худ мешӯям.

Меҳр аз ман маталаб, бар дили ман чанг мазан,
Ба гумонҳои ғалат бар дили ман санг мазан,
Бесабаб байни ду абрӯи худ оҷанг мазан,
Чашм бар рӯи туву ҳуш ба дигар сӯям.

***1964***

## Падруд

*Ба шаҳри Ленинобод*

Ман меравам аз бари ту, падруд,
Эй шаҳри азиз, хайр, хуш мон!
Бар манзараҳои дилкушоят
Бигзошта меравам дилу ҷон.

Чун меравам аз ту боғшаҳрам,
Ёди ту ҳамеша дар дили ман.
Меҳри рухи духтарони дилҷӯт
Омехт як умр дар гили ман.

Бо меҳр навозишам намудӣ,
Илму ҳунару камол додӣ,
Ту бар рухи ман дари муҳаббат
Дуньёи ҷавониро кушодӣ.

Ман меравам, аз бари ту, хуш бош,
Ҷое, ки сиришти ман ниҳодаст.
Ҷое, ки суруди чашмаҳояш
Бар ман дили  шоирона додааст.

***1964***

## Зани тоҷик

Бӯсаҳо мезанам аз меҳр кафи дасти варо,
Ки аз он шуставу покизагӣ дорад дуньё.
Аз ҳамин даст сафову зи ҳамин даст сахо.
Аз ҳамин даст ба сар дамдамаи ишқу вафо.

Зани тоҷик, мабодо ба ту озору газанд,
Дасти шахшӯли ту, эй модари ҷон, мебӯсам,
Шафқату меҳру вафои ту ба ман буд баланд,
Даст чӣ, хоки раҳатро ба ҷаҳон мебӯсам.

Бе ризои ту ҷаҳон кунфаякун меояд,
Зиндагӣ бо ту диловезу замин хандон аст.
Аз ду чашмони ту хуршед бурун меояд,
Дар сари дасти ту ин олами мо гардон аст.

Ин ҳамон даст, ки бо сӯзани ақлу идрок
Чокҳои дили абгори ҷаҳонро медӯхт.
Ҳама олудагӣ аз заҳмати ӯ мешуд пок,
Ҳар куҷо оташ агар дарзадаанд, ӯ месӯхт.

Аз кафи ту чӣ касон ризқ нахӯрданд, бигӯ,
Аз дили гарми ту кӣ меҳр надидаст, бубин.
Дар куҷо ҷону ҷигарҳот намурданд, бигӯ,
Дар куҷо ашки ду чашмат начакидаст, бубин.

Ҷанг шуд... Як ба як афтода ту бо қисмати сахт,
Бонии хонаву заҳматкаши саҳро будӣ.
Тан ба тан буд набарди ту дар он кулфати сахт,
Модаро, бо ғами худ яккаву танҳо будӣ.

Саҷда оварда даҳ ангушти туро бо ихлос,
Қиблаи меҳр, ба чашму рухи худ мемолам.
Дар сари ҳар қадамам хотири ту дорам пос,
Туӣ шеъру суханам, орзую омолам!

# Роҳи сафед

*Барои  дӯстам Қаримҷон Ботуров*

Меравӣ  баҳри ҳифзи давронат,
Ҳифзи бахти диёри пуршонат.
Аз паи ҳифзи навбаҳоронат,
Навбаҳорони лолапӯшонат.

Гар гузорат ба Олмон афтад,
Саҷда кун хоки ҳар шаҳидеро,
Саҷда кун, дӯстам, ту бо ҳурмат,
Хуфта моро бародаре он ҷо.

Гарчи синни падар гирифт имрӯз,
Монда фарзанди рӯйнодидаш,
Ёри нокоми дар вафо пирӯз.
3-ӯ наканда ҳаиӯз уммедаш.

Дар таҳи бори дард бо кулфат
То нагардад камон қади пирон,
То нагардад сафед мӯи ёр,
Бемаҳал аз малолату армон.

Рав ту, эй дӯст, то ки дар дуньё
Ҳар чавон бо нигори худ монад,
Ҳар гаҳе даргузашт аз дуньё,
Тан ба хоки  диёри худ монад.

Зиндаву зор дар сари паймон
То нагӯянд алвидоъ ёрон,
То насӯзанд, то нарезанд ашк,
Модарон дар фироқи фарзандон.

***Декабри соли 1964.***

## Кӯҳҳо — гаҳвораи ман

Кӯҳҳо — гаҳвораи ман, аввалин ҷавлонгаҳам,
Аз ҳамин ҷо роҳи умру зиндагӣ сар кардаам.
Аз ҳамин ҷо бори аввал чашми ҳайрат дӯхта,
Ман ба паҳноии олам низ бовар кардаам.

Кулбаи сангин... Дар ин ҷо ман ба дуньё омадам,
Дар ҳамин ҷо  шеъри сангин суфта шуд, пардоз ёфт.
Дар ҳамин ҷо меҳр бастам ман ба инсон, бар замин.
Аз ҳамин ҷо роҳи ноҳамвори ман оғоз ёфт.

Дар баҳорон ман ба чашми чашмаҳои чун булӯр
Борҳо танҳо нишаста дидаро медӯхтам.
Шояд аз он обҳои беғубори дилхурӯш
Ин қадар дар зиндагӣ ҷӯшу хурӯш омӯхтам.

Даври шӯхӣ, баччагию мактабии ман гузашт,
Рафтам аз оғӯши деҳ  ғӯтида  дар сели ҳаёт.
Дар адои қарзи фарзандӣ  аё, эй кӯҳҳо,
Аз шумо омӯхтам як умр тамкину субот.

***1964***

## Рози маҳтобшаб

Шаби маҳтоб, гулгаштеву дарьё,
Нигоҳи ёри бепарвою хомӯш...
Фаромӯшам намегарданд асло,
Намегарданд як умре фаромӯш.

Агар дарьё забон медошт, мегуфт,
Муҳаббатро чӣ подоше супурд ӯ.
Дили бечораамро бетараҳҳум
Ба монанди аноре мефишурд ӯ.

Ба роҳи хеш вай ҳам рафт, ман ҳам,
Бирафту бахти осон ҷуст ҳар ҷо.
Валекин ман наҷустам бахти дигар —
Нашуд доғи вай аз дил шуст асло.

Ғами норафтанӣ ҳаргиз набудаст,
Чу кӯҳ бошад, ки мӯ-мӯ меравад он.
Бирафтам, гарчӣ тан додам ба қисмат,
Дили якрав вале дар банди ӯ монд.

Ҷавонӣ меравад, ҳайҳот, дигар
Намеояд ба ҷӯи умр ин об!
Ба соҳилҳои ту, руди азизам,
Намеоям дигар шабҳои маҳтоб.

Агар он ваъдабоз ояд, аё дӯст.
Сари роҳаш бигир аз мавҷ занҷир.
Фаромӯшат нагардад, руди маҳбуб,
Дили сӯзони ман аз дасти вай гир.

***1964***

## Орзу

Ба мисли қатрае дар орзуи домани рудам,
Хурӯшам дар талотумҳо, ба ин уммед мавҷудам.
Ба ҳар як санг сар монам, ба ҳар хоке зар афшонам,
Ба лаҳни худ сароям, зиндагиро таҳният хонам.
Сароям васфи кӯҳам, қуллаҳои пок-покамро,
Замини зарфишонамро, шуҷоатбахш хокамро
Сароям, дар замин ҳамрози ҳар пиру ҷавон бошам,
Забони ошиқон бошам, ба дилҳо тарҷумон бошам.
Сурудам, зодаи ҳаври замини дилрабои ту,
Гули аз хоки гарме рустаӣ, сӯзи вафои ту!
Садои меҳри ноолудаӣ, дарди сухангӯӣ,
Навои сози пурмеҳрӣ, фиғони зиндагиҷӯӣ.
Ба ту ман ҳадья кардам, ҳаббазо,
умри ҷавонамро,
Дили сӯзони ҳар як ҳамдиёри шеърхонамро.

***1964***

## Булҳавас

Рӯзгори тираи ноком дорӣ, булҳавас,
Инқадар андешаҳои хом дорӣ, булҳавас.

Субҳидам гар хоки пойи нозанине мешавӣ,
Шом дар сар майли дигар бом дорӣ, булҳавас.

Як дили нопокро ҳар дам ба ёре садқаю
Ҳар замон бар дигаре инъом дорӣ, булҳавас.

Дар кароҳат ҷони мардум аз раҳу рафтори ту,
Лек аз худ ифтихори том дорӣ, булҳавас.

Гашта нури одамӣ аз чеҳраи ту нопадид,
Тиратар аз ботинат андом дорӣ, булҳавас.

Номи ту манфуру зишту хулқу атворат қабеҳ,
Одамиро инқадар бадном дорӣ, булҳавас?!

Тарҳи шодӣ мезанӣ ҳарчанд бар андоми худ,
Лек дидам — айши заҳрошом дорӣ, булҳавас.

***1964***

## Ғурури ҷавонӣ

Дар сари роҳ рӯ ба рӯ омад,
Лаҳзае ду нигоҳ бархӯрданд.
Чашми оҳуи ҷоншикорашро
Дӯхт бар чашм, ҳуши ман бурданд.

Солҳо гарчи нақши сарди худ
Монда дар гунаҳои серобаш,
Дил ҳанӯз аз итоатам мебурд,
Печиши миллаҳои хуштобаш.

Дуд мекард аз итобу ноз
Дар рухи ҳамчу барф ду абрӯ
Печ мезад чу тори шаршарае
Аз сари фарқ то ба доман мӯ.

Қомати чун ниҳол  мавзунаш
Дар шаҳомат аҷаб дилоро буд,
Авҷ дида, назокат афзуда,
Дар малоҳат  ҳанӯз  якто буд.

Боз ӯ саркашу сарафрозе,
Боз ҳам худписанду худсар буд.
Боз беқайду боз беташвиш,
Боз худбовари ситамгар буд.

Офарин бар ғурури ӯ гуфтам,
Офарин бар чунин дилафрӯзе!
Ифтихор аз касон надорад ӯ,
Кист дигар ба сар чунин сӯзе?!

Ӯ  ҷавону ҷавоние дорад,
Хешро кам надид аз Афлотун,
Ҳашмати даҳр пеши чашмаш чист?
Хоки саҳрост ганҷи  Афредун.

***1965***

## Дӯст дориам агар...

Дӯст дориям агар, эй нозанин,
Ҳамдилу ҳамдарду хамтақдир бош.
Хира маҳтобе машав дар осмон,
Шамъ бошу хонаамро нур пош.

Дӯст дориям агар, эй нозанин,
Сар матоб аз теғи тези зиндагӣ.
Оташе дар дил агар дорӣ, бисӯз,
Рӯ ба рӯ  рав бар ситези зиндагӣ.

Дӯст дориям агар, эй нозанин,
Бо раҳи пасту баландам дӯст дор!
Бахти безаҳмат намехоҳам зи умр,
Бо дили мушкилписандам дӯст дор.

Дӯст дориям агар, эй нозанин,
Бо баҳору бо хазонам дӯст дор,
Ҳамчу он кабке, ки дар сармои сахт
Санг хӯрду монд андар кӯҳсор.

Дӯст дориям агар, эй нозанин,
Боядат як бор умре дӯст дошт.
Меҳр ҳам монандаи тухми гиёх,
Метавон онро фақат як бор кошт.

***1965***

## Дар дили ман туӣ, ту

Сафари бехатарат мехоҳам,
Раҳи чун роҳи сабо.
Бурдборӣ талабам, ёри азиз,
Ту маро сабр бихоҳ.

Рафтию  чаҳ-чаҳи мурғон дар боғ
Гашт хомӯш саҳар.
Сурби вазнини сукунат овехт
Гӯиё  ҳалқаи  дар.

Нанамуд ин саҳарӣ меҳр ба боғ,
Моҳ бе ту начамид.
Нагузашт аз бари гулзор насим,
Накҳати гул нашамид.

Рафтию пай ба паят аз хона
Шӯхию шодӣ рафт,
Партави зиндагӣ аз дида парид,
Нури ободӣ рафт.

Рафтию баст гиребони маро
Накҳати гесӯи ту.
Гармии дасти ту боқист ба даст,
Дар дили ман туӣ, ту.

***1965***

## Ман ваъда намекунам биҳиштат

Ман ваъда намекунам биҳиштат,
Бахти хушу рӯзи пурсафоят.
Дар сояи ман маёби  роҳат,
Аз давлати ман маҷӯ фароғат.

Мақсуди маро куҷост поён?
Осоиши ман набошад осон.
Анҷом надорад ин талошам,
Аз умр вале наям пушаймон.

То ҳаст ба даҳр як сияҳдил,
Афроди дасисаҷӯй ҳастанд,
То ҳаст ба пои мо сад ишкел
Аз дасти замонасози раҳзан.

То беҳунари хушомадосор
Бинам ба хари худаш нашинад,
Нодони даҳанкалон ба иқрор
Кӯтоҳии фикри худ набинад.

Ман роҳати дашту дар дорам,
Парвои шабу саҳар надорам,
Ҷуз фикри башар, ки бошад озод
Ман зиндагии дигар надорам.

Ман афтаму хезаму дар ин роҳ
Бар хеш расам, камол ҷӯям.
Дар кашмакаши баду накӯҳо
Ман зиндагии ҳалол ҷӯям.

Тарсам, ки ба касрати ман аз даҳр
Ту рӯзи бароҳате набинӣ...
Тарсам, ки гузашта аз манат боз
Дар гулшани бахт гул начинӣ.

***1965—79***

## Илтиҷо

Ба ман як равзане бинмудаву дарвозаам бастӣ,
Намудӣ ахтари дурею бурдӣ  чилчароғамро.
Ниҳоли нимҷону наврасе бигрифтаму аз ту,
Ба ғорат додам, эй илҳом, ранговарда боғамро.

Кунун як сӯзи  хокистарнишинам, маҳви эҳсосам,
Маро шояд ки роҳи дигаре буду дигар қисмат.
Аҷаб не, ҷои  дигар бахти ман  ҳам интизорам буд,
Аз он тарсам, маро аз раҳ  задӣ, беҳуда, беҳоҷат.

Ба дард ояд дилам имрӯз ҳамсолони худ бинам,
Даҳ  ангушти ҳунар доранд, волоянду дороянд,
Ҳунарвар, соҳибэҷоду азизу судманди халқ,
Дили беғам, сари бедард, осуда зи фардоянд.

Ба ту бахшидам, эй илҳом, ман умри ҷавонамро,
Баҳорам, навбаҳори бебадал, бебозгаштамро.
Бисотам — дидабедории шабҳои ҷавониам,
Умеду орзӯи ношикаста даргузаштамро.

Ба ҳукми вақти қайсар он нафасҳои саодатбахш
Куҷо монданд дар ин рӯзу шабҳои варақгардон?
Куҷо он роҳҳои кӯи матлаббар, муродовар?
Нашояд бозгашт дигар,
ки як умрест бар инсон!

Ба даргоҳи ту рӯ овардам, эй сармояи уммед,
Ба лутфат зиндаам, бо ҷӯши ту парвоз мегирам.
Масозам ноумед имрӯз дар ин чорсӯи умр,
Туӣ сарриштаи корам,
зи ту гумкардатадбирам.

Дар ин раҳ носипосу нопазиронам нигаҳ доранд,
Дағалсозу ҳунарнобин басо даъвогарон дорам.
Бидеҳ тақвияте, илҳом, ман кони суханҷӯшам,
Бигир аз дастам, эй дилсахт, ними роҳ магзорам.

***1965—79***

## Ҷомӣ

*Шоҳ фармуд, ки марқади он бузургворро*
*кушода, нашъи ӯро аз гӯристон*
*берун афкананд. Аз таърих.*

Гӯянд, ки шоҳи  иллатандеш.
Аз фитрати шоирон дилаш реш
Бар шоири халқ кинавар шуд,
Он сон, ки зи бухл кӯру кар шуд.
Бар тӯҳмати шеъри ӯ  бипардохт,
Мехост ба ном-ш соя андохт.
Лекин чи кунад, ки шеъри ғарро
Мекард адо сифоти худро,
Андешаи он писандатар буд,
Фикраш ҳамарӯза зиндатар буд.
Овози дили  ҳазорҳо буд,
Фарьёди сухангузорҳо буд.
Бадгӯии шах чу барҳадар шуд,
Овозаи шеъри пурҳунар буд,

Печид ба худ чу мор он шоҳ,
Барҷаст газандавор он гоҳ.
Фатво ба кафаш ба номи «кофир»,
Омад сари хоки поки шоир.
Фатводеҳи ӯ ду хирқапӯше,
Ду малъуни оқибатфурӯше.
Доданд ба даст ҳукми шаръаш,
То зеру забар намуда қабраш,
Берун фикананд нашъи ӯро,
Бадном шавад ба халқи дуньё.
Дилҳои ба мисли санг бедард,
Дастони ба мисли оҳани сард
Он марқади меҳр пора карданд,
Пас нек ба он назора карданд,
Гуфтанд, ки нест ӯ ба қабраш,
Худ хок надода раҳ ба қалбаш...
Халқ аз ғаразу зи кина огоҳ,
Хандид ба ҷоҳилии он шоҳ.
Ӯ нашъи сухансарои худро
Дар мадфани нав бидод маъво.

***1965***

## Навиди рӯҳбахш

Ҳар саҳаргоҳ хаткашон орад.
Меҳру пайғоми дӯстонамро.
Дӯстони чӣ дур, чӣ наздик —
Ҳамдиёрони қадрдонамро.

Мӯҳри почтаи деҳаи хурдам
Рӯи ҳар як пакет меҷӯям.
Ҳар паёму ҳар навиди он
Мисли гулҳои деҳа мебӯям.

Мерасад бар машомам аз ҳар хат
Меҳрафзой накҳати дерин —
Атри наврӯзу навбаҳори деҳ.
Бӯи чун ёди баччагӣ ширин.

Менависанд аз деҳоти дур
Ҷумла ёрони баччагии ман.
Дар сари кор, дар сари сӯҳбат,
Менависанд аз сари хирман.

Шӯхчашме гаҳе ба истеҳзо
Менависад номае беном:
«Шаҳридухтар магар сарат гардонд,
Инқадар гум шудӣ ту, эй гумном?»

Менависад гаҳе падар бо меҳр
Дона бар дона чида ҳарфашро.
Мекунад то ба ҳол адаб  талқин,
То намонам ягон қадам беҷо.

Ҳар паёми шумо, азизонам,
Ҳуш бар сар, ба дил субот орад.
Қаламамро диҳад ба дасти ман,
Қарзи фарзандиам ба ёд орад.

***1965***

## Мумиё

Як замоне дар миёни ҷонварон
Дилнавози кӯҳсор оҳу будаст.
Хушнигаҳ, хушгашту беозор он.
Дар латофат ҳамчу оби ҷӯ будаст.

Дар гузар сайёд аз домани кӯҳ,
Толиби оҳуи зебо мешавад.
То ки онро зинда гирад, аз паяш
Кӯҳ бо кӯҳ, саҳро ба саҳро медавад.

Тохтаст оҳу ба сӯи кӯҳҳо,
То дар оғӯши ватан ёбад паноҳ.
Тохтаст оҳу ба сӯи теғаҳо,
Тохтаст имдодҷӯю додхоҳ.

Санги раҳ беҳтар зи меҳри худпараст,
Марди сайёд оҳуро дил бохтаст.
Пай гирифта омадасту аз камин
Бар сурини барра тир андохтаст.

Кӯҳ аз қаҳру ғазаб ларзидааст,
Рӯд печутоб хӯрда аз фиғон,
Бар сари сайёд ғурридаст абр,
Кардааст аз чашм оҳуро ниҳон.

Ланг-лангон ҷонвари имдодҷӯ,
Зери зову шах паноҳ овардааст.
Сангҳо карда ниҳон аз чашми бад,
Бод пеши он гиёҳ овардааст.

Оҳуи маҷрӯҳ сар монда ба санг —
Бар сари китфони модар — кӯҳсор,
Аз ду дида.ашки ҳасрат рехтаст,
Нолаҳо кардаст аз дил зор-зор.

Кӯҳ бирьён гашта аз ин  ранҷи ӯ,
Чашм бикшодасту гиристаст санг.
Оби чашмаш захмро марҳам шудаст,
Мумиё гаштаст бар оҳуи ланг.

***1965***

## Арзи хизмат

Сари танҳо бирафтам аз барат... ҷуфт омадам, модар,
Ба истиқбол о, ин гул ҳам аз файзи баҳори туст.
Ба моён қӯшапирӣ хоҳ, гир аз дасти ин духтар,
Сарашро сила кун, ӯ лаб газида интизори туст.

Ҳазориспанд дар оташ фикан бо расми аҷдодӣ,
Ба даври машъали поку муқаддас чарх гардонаш.
Ба рӯи остони худ, сафедӣ пахн кун, модар,
Қудумаш нек гардад гӯ,
дуои хайр бархонаш.

Чу фарзандон ба ӯ ҳам қавлу ҷаҳди мустақим омӯз,
Дили худро ба рӯи изтироби дигаре во кун.
Ба дастархони ӯ ҳам нақши пурнури саховат дӯз,
Ба ӯ ҳам меҳр кун, модар,
Варо ҳам дар дилат ҷо кун!

Набудӣ якнафас фориғ зи кору бори беохир,
Ҳамеша меҳнату ташвишҳоятро набуд анҷом.
Ҳамеша орзӯят буд, насибат бошад аз такдир,
Арӯс оварда, пас  хоҳӣ нишаст осудаву ором.

Вале имрӯз мебинам, чу як фарзанди ту ду шуд,
Гумонам ташвишат ду шуд, туро боз изтироб афзуд
Ту мисли шоҳи пурборӣ, ба бори хеш менозӣ,
Аз ин нороҳатии худ қаноатмандию хуншуд...

Зи арзи хизмати худ бар ту хушбахтанд фарзандон,
Биё ҳоло бишин дар пешгоҳи қадр, эй модар.
Насибат боду арзонӣ  ба ту ин давлати пирӣ,
Муборак бод ин рӯзи муродат, модар, эй модар!

***1965***

## Манор

Ҳайкали дасти ҳунар афрохта,
Ёдгори санъати мумтози халқ.
Чун муаззини замонҳо гӯиё
Медиҳад ҳар дам сало аз рози халқ,

Рост истодаст ин зебо манор,
Ҳамчу рамзи ифтихору эътибор.
Ёдгоре аз закои устод,
Ҳайкале бар рӯҳи халқи номурод.

Дидааст ин дидбони асрҳо
Оташи аз синаҳо печидаро.
Дидааст он оҳҳои ҳамчу дуд,
Даҳшати дар хобҳо нодидаро.

Дидааст аз фитнаҳои нокасон,
Қатли мардони ғаюру покро.
Дидааст аз фарқи худ афканданӣ
Соҳибони ин ватан, ин хокро.

Бори заҳматҳои сахти рӯзгор,
Дарду кулфатҳои халқи бешумор
Баски умре бор бар дӯшаш буданд,
Аз гаронборӣ  хамида буд манор.

Шодам имрӯз, эй манори  дерсол,
Қоматат бардоштастӣ  бовиқор.
Бори ғам аз дӯши худ афкандаӣ,
Мисли тоқи нусрати ин рӯзгор.

Хоҳам ин, ки рост бошӣ умрҳо,
Ҳамчу тимсоли саодат устувор.
Қоматашро рост гирад халқи ман,
Ҳар гаҳе аз назди ту андар гузор.

***1965***

## Модар

Агар себе канам, аз боғи кас банди дилат меканд,
Фиристодӣ маро бар боғбон, эй модари дилбанд.
Агар аз шӯхию густохиҳо озурдаме касро,
Гуноҳам то набахшид ӯ, набахшидӣ ту бар фарзанд.

Намесозам ниҳон андешаҳои хоми бебурдам,
Ба модарҳои ҳамсолони худ гоҳе ҳасад бурдам.
Чаро чун холаам ё аммаам ту нестӣ  дилнарм,
Накарда неку бадро фарқ он  гаҳ ҳукм мекардам.

Ҳанӯз аз дӯши  ту ман ногирифта дӯшборатро,
Замони  пириат аз дасти ту нагрифта коратро
Ба роҳ афтода  рафтам аз паи уммеди фардоям,
Ту мондӣ дӯхта бар роҳ чашми интизоратро.

Маро ҳар дафъа бар роҳе гуселонида, эй дилҷӯ,
Зи ҳар як изтиробат монд  як тори сафеди мӯ.
Ба роҳи умр ҳар як саҳв, ҳар  як нобарориам,
Аё модар, як оҷинге фузуд андар ҷабини ту.

Нигоҳи ростгӯю ростхоҳи ту маро ёд аст,
Нигоҳе, ки ба умри ман нумӯи ростӣ додаст.
Нигоҳе, ки нахустин раҳбару устоди ман буд он,
Нигоҳе, ки ба чашмонам аз онҳо меҳр афтодаст.

Чӣ созам ман ба ин дуньё, ки бошад ёдгори ту?
Чӣ шеъри дилрасе гӯям, ки бошад ифтихори ту?
Китобамро ба номи ту накардам ибтидо, модар,
Намеарзанд ин шеърам ба шаъну эътибори ту.

Чӣ сон ман бо сухан меҳри туро гӯям? Намегӯям,
Сухан берӯҳ, тасвири туро аз он намеҷӯям.
Нагуфтастам ба маргат шеъри пур аз дард, эй модар,
Дилам доғ аст бо оби сухан онро намешӯям.

Наарзад хидматам як умр ранҷи беҳисобатро,
Ба ман аз баҳри як лаб нон кашида изтиробатро.
Ба модарҳои соли ҷангу қаҳтӣ аҳсану аҳсан,
Агар дуньё ба пошон сар ниҳад, арзанд инобатро.

Туро озод гуфтанду муборак, эй зани озод,
Ба дӯшат бори марду зан, гаҳе шоду гаҳе ношод...
Сано бодо ба номи ту, ба хоки поки ту раҳмат,
Ҳар он чӣ ояд аз дастам, нисори ёди покат бод!

***1965***

## Салом, кӯҳсор!

Ба истиқболи ман меояд оби рӯди пурғавғо —
Рафиқи тундхӯю, беқарори кӯҳсоронам.
Ба сӯям мевазад боди баҳори гулфишон аз нав,
Табассум мекунад бар ман замину осмон хуррам.

Ҳушамро мебарад, кӯҳсор, парвози уқобонат,
Аз он мурғи хаёли ман зи нав парвоз мегирад.
Дилам гум мезанад, ҳар бутта ин ҷо ошно бар ман,
Сурудам аз хурӯши чашмаҳо  оғоз мегирад...

Ба ёдат ҳаст он рӯзе, к-аз оғуши ту мерафтам,
Диёрам, чашмаю кӯҳҳот мекарданд падрудам.
Сафарнокарда фарзанди ту сомони сафар мебаст,
Ба дил ҳузни ҷудоиро нахуст эҳсос бинмудам.

Ба ҷуз модар касе бо ман накард он рӯз хушбошӣ,
Чу боде ноаён, бе хайру бехушбод мерафтам,
Мақому қадри ман ин буд пеши одамон он рӯз:
Яке донист, дигар не, ман аз деҳот мерафтам.

Маро шавқи ҳунар з-оғӯши ту мебурд  дуродур,
Вале  ҳастии ман ҳар ҷо, ки рафтам бо ту буд пайванд,
Деҳи ман, бе ман истиқбол бинмудӣ баҳоронро,
Надидам арғувону  олую бодом бишкуфтанд.

Фитода дур аз ту, қадри ту бишнохтам дар умр,
Ба дуньё аз чудоиҳо дили ман қадрдонӣ  кофт.
Нашуд  бебаҳрае сарфи ҳавасҳо гарчи умри ман,
Ҷавонӣ  рафту акнун қадри умри навҷавонӣ ёфт.

Маро андешаҳо ҳар лаҳза бар сад кӯй мебурданд.
Вале ҳар санги раҳ медод ёд аз кӯҳсоронам.
Ба ҳар ҷое тавонам зист, лек эҳсоси ишқу шеър
Фақат  обу ҳавои кӯҳро парвард  дар ҷонам.

Зи нав дар фарқи кӯҳам... Медавад наҳр аз таҳи поям
Зи кӯҳу дарра меояд ба гӯш акси садои ман.
Аз ин ҷо решаҳои боғи шеърам об мегиранд,
Дар ин ҷо  рӯи барфи қулла пайдо нақши  пои ман.

***1965***

## Эҳсон

Имшаб зимоми ақли ман дар панҷаи дил меравад,
Бо ишқи саркаш ин дили якрав ба мушкил меравад.
Аз ахтаре бар ахтаре дил меҷаҳад, дил мепарад,
Ин сӯзи ишқи хокиён савғо ба кайҳон мебарад.

Фардо агар насли башар
Гирад раҳи мулки қамар,
Ҷуз ишқ дастовези хуш
Ҳаргиз намеёбӣ дигар.

Мисли радифи маснуне парвоз мебахшам ба дил,
Рӯ сӯи боло меравам, ноканда дил з-ин обу гил
Бо маҳтоби нозанин саргарми сӯҳбат мешавам,
Ин шомро бо дидаи бедор месозам гусел.

Эй моҳи сарди осмон.
Эй роздони ҳар ҷавон,
Шабҳои ҳиҷрон ёр ту,
Дар зиндагии ошиқон.

Чун гӯямат аз он, ки ӯ бо ман қаринӣ мекунад,
Чун оламаш дар кору дар ҳусн офарине мекунад.
Ӯ дар замин биншаста кори осмонӣ  мекунад.
Аз ростӣ  ҳам ӯ  зи ту болонишинӣ  мекунад.

Боре назар кун сӯи ӯ,
Боре гузар аз кӯи ӯ.
Биншаста рӯ  бар рӯи ӯ
Бишнав ту гуфтугӯи ӯ,

Эй моҳ, тори дидагон имшаб ба гардун метанам,
Мижгони худ бардошта бар осмон гул меканам.
Аз кокули заррини ту бигрифта шӯхӣ мекунам,
Бо ҳар ситора дар замин хобида, чашмак мезанам.

Ман  ишқ эълон мекунам.
Анҷум парешон мекунам,
Бар мавҷудоти коинот
Шӯри дил эҳсон  мекунам.

***1965***

## Шол

Ҳамон шоле, ки ришту бофт бо дасти худаш модар,
Бисоти бебаҳои хонаи наврӯзгорам шуд.
Ба зери по наандозам,
Ки он чун мӯътабар маҳзар
Азизасту муқаддас чун зи модар ёдгорам шуд.

Фақат чашмони фарзандаш бубинад  бо чӣ нийятҳо
Ба шолаш модари дилсӯз ин гулҳои хуш партофт.
Зи ҳар нақшаш фақат фарзанд хоҳад хонд дар дуньё,
Ки модар бо чӣ уммеду ниятҳо  тору пудаш тофт.

Чу лавҳи зиндагии модарӣ, чӣ содаю беғаш,
Чу хатти умри ӯ озод аз банди такаллуфҳо.
Мисоли ҳастиаш бар ҷони ман наздикию дилкаш,
Маро ҳар лаҳза ёд  дорӣ аз он дидори рӯҳафзо.

Зи шавқаш роз мегӯяд ба ман ҳар гул, ки ӯ афканд,
Нишони дасти ӯ ҷӯям ман аз ҳар тору пуди он.
Бубинам дар сари ҳар як гиреҳе изтиробашро,
Нигоҳаш ҷӯям аз ҳар ранг, аз ҳар ҷилваи тобон.

Умедаш буд рӯзе зери пои наварӯси худ
Ба дасти хеш густурда намояд сарфарозиҳо.
Барои рӯзи хушбахтию шодӣ тӯҳфа кард онро,
Ба рӯяш гул фиканд аз нақши меҳру дилнавозиҳо.

Маро рӯзе расад дар зиндагӣ аз неъмати фардо
Ба фарши хона қолинҳои  рангоранг андозам,
Фаромӯшат накарда он замон ҳам андар ин даргоҳ,
Туро дар пешгоҳ густурда, шолам, бо ту менозам!

Назар бинмуда бар ту заҳмати модар ба ёд орам,
Бигирам чун писар аз дасти ҳар як модари дуньё.
Ҳар осорест заҳматро азизу мӯътабар дорам,
Зи дасти ман наафтад доғ рӯи шоли модарҳо.

***1965***

## Рӯ ба рӯи накшҳои соҳирӣ

Чеварони номдори шаҳри ман,
Гӯиё нусха гирифта аз чаман,
Ранг чида аз рухи сабзи баҳор,
Як замоне беқасаб бофидаанд.

Он матоъ бигрифта меъмори замон
Гӯиё ин қасрро печондааст,
Кохи навбуньёдро аз беқасаб
Ҷомаи домодие пӯшондааст.

Ҳамчунон дирӯза накши мӯқалам
Медурахшад ранги сабзаш асрҳо.
Гӯиё дирӯз рангаш додаанд,
Гӯиё дирӯз пӯшид ин қабо...

Солҳо бар рӯятон, эй нақшҳо,
Боду борон, нури тафсон рехтанд.
Худ чӣ асроред, эй мӯъҷизаҳо,
Бар шумо ҳукми табиат нописанд?!

Одамон имрӯз бар маҳ мепаранд,
Сайри кайҳон, сайри анҷум мекунанд.
Лек андар кашфи асрори шумо
Ақлҳо тадбири худ гум мекунанд.

Нақшҳо, эй нақшҳои  соҳирӣ,
Аз куҷоҳо ҷӯям асрори шумо?!
Бар забон оед ман афсун шудам,
Рӯ ба рӯи банди тӯмори шумо.

Нақшҳои оҳарӣ, дар ҷилваед,
Ранг нашкастед дар тӯли ҳаёт.
Ҷомаи домодиашро қасри пир
Ин қадар бо меҳр кардаст эҳтиёт!

***1965***

## Самарқанд

Достон хонад ба ман ҳар хишти ту
Аз дили пурдарди бобоёни суғд,
Рангҳо аз хуни ҳар як сарбадор
Қисса мехонанд гӯё бо суҷуд.

Зери гумбадҳои сабзу нилгун,
Рӯ ба рӯи ҳар манори дилписанд
Даргузар андеша мегирад маро;
Рамзхоне ку ба ин таъриху панд?!

Ранг гирад то ки ин нақшу нигор,
Нури чашмони азизон рехтаст.
Тарҳ бандад то ки ҳар як хишти сахт,
Хоки он бо ашку хун омехтаст.

Мерасад бар гӯшам аз ҳар гумбаде
Гӯиё акси садои он замон:
Гаҳ салои базму гаҳ  шӯри гадо,
Гаҳ талошу баҳси гарми шоирон.

Тофт андар нақши гумбадҳо шафақ,
Ҷилвагар дидам дар онхо бостон;
Акси дилҷӯи Мароқанди кадим,
Қалъаи Афросиёби бенишон.

По ниҳам оҳиста бар ҳар зинае,
Бигзарам аз ҳуҷраҳои он хамӯш.
Балки Ҷомӣ дар яке аз ҳуҷраҳо
Дӯхтаст ин дам ба сафҳа чашму ҳуш.

Балки Давлатшоҳ меояд бурун
Ин замон аз ҳуҷраи паҳлуи ман?
Ё Низомии Арӯзӣ мерасад
Зинаҳоро даргузашта сӯи ман?

Чашм пӯшидам даме... Пеши назар
Ҷилвагар шуд он шукӯҳи бостон.
Пурсише кардам зи қасри мӯҳташам:
-- Одамӣ озод буде он замон?

Гуфт қасри пир:
                                                    -- Зери осмон
Одами озод камтар будааст.
Тифл озод аз тааллуқ дар ҷаҳон,
Фориғ аз дуньё ҳунарвар будааст.

Дасту пои одамӣ озод буд,
Лек аз ҳирсу тамаъ юғе гирифт.
Ақлу дилро баст занҷири талаб,
Кам кас аз ин банд вораст, эй шигифт!..

Танг шуд дил андаруни синаам,
Шӯрише дар сар ба дар биштофтам.
Шоми Регистони пурғавғо маро
Дур кард аз он ҷӣ ман мекофтам.

***1965***

## Боз аз розҳои маҳтобӣ

Шом аз сояҳои нилобӣ
Хайма бар рӯи пахтазорон зад,
Бар машом аз насими бегоҳӣ
Накҳати кокулони ҷонон зад.

Ман дар оғӯши хотироти дур
Мегузаштам аз ин раҳи саҳро,
Дар сари роҳи ман тарозудор
Пахта бар мекашид бо ғавғо.

Нарму оҳиста аз канори рӯд,
Хандаи дилбарона меомад,
Аз ҳама сӯй нағмаҳои шӯх
Мавҷҳои тарона меомад.

Пахтачиндухтарони хушгуфтор
Аз муҳаббат тарона мехонданд,
Дили манро ба ҷӯш оварда,
Ғазали ошиқона мехонданд.

Боз ёди нигори дерина,
Оташ афрӯхт дар тану ҷонам.
Розҳои нагуфтаам бо ёр
Шӯр афганду кард ҳайронам.

Боз дар банди ишқи деринам,
Боз дар байни пахтазоронам.
Орзуҳои рафтаам аз нав
Аз куҷо зинда шуд, намедонам.

***1965***

# Маслаҳат

Дар баробар бо қадат қад ёфтӣ,
Лоиқат аммо диле пайдо нашуд.
Ёри ҳамдасту ҳамилҳон кофтӣ.
Як замон бозори ҳуснат гарм буд.

Пеши ту сад бор қурбон мешуданд,
Саҷда бар хоки қудумат доштанд.
Дар сухан дарьёи паймон мешуданд,
Аз паси ту лек ғайбат доштанд.

Дил ба ваъда додиву ҳазьёни пуч,
Лек он гулҳо хама бебор буд.
Теғ зад бар синаат паймони пуч,
Бар ту изҳори вафо озор шуд.

Ҷои гул гар бар кафат хоре задаст,
Ин қадар аз умр домангир ту?
Ноҷавонмарде умедатро шикаст.
Пас чаро аз зиндагӣ дилгир ту?!

Ҳаст дилхоҳи ту, эй гул, ҳар куҷо —
Якдилу яккавл, ёри бовафо.
Номи неку хулқи шево боядат,
То ки он озода ҳам хоҳад туро.

***1966***

## Соя

Соя дар об фитад, тар нашавад,
Гар ба оташ фитад, ахгар нашавад,
Гардад он дар паи сад маҳпайкар.
Лек ҳайҳот, ки пайкар нашавад.

Таҳ кун аз сабзаву гул бистари он,
Чу шафақ ранг бирез аз  сари он.
Ҳеҷ гаҳ ранг нагирад соя,
Ҳайф бошад ки шавӣ чокари он.

Соя ҳаргиз нениҳад пой ба пеш.
Соя часпад ба паят ҳамчу ширеш.
Ҳуш дорӣ магар, эй роҳнавард,
Сояро мебарӣ ту аз паи хеш.

На варо бохт, на як бурде ҳаст,
На варо ғуссаву на дарде ҳаст.
Соя чун ҳайкали холист равон,
Не дар он гармию не сардӣ ҳаст.
Дӯстам, соя машав!

*1965*

## Суруде хон

Бихон, ёро, суруди шодмонӣ,
Бихон, ёро, суруди дилситонӣ,
Саро аз меҳри покат бори дигар,
Саро аз орзуҳои ҷавонӣ.

Бихон монанди мурғони хушилҳон,
Ки то сайёд гардад моту ҳайрон.
Бихон то ғулғул афтад дар дили кӯх,
Бихон, оҳуи шӯх ояд ба ҷавлон.

Суруде хон, ки ғам гардад фаромӯш,
Суруде хон, ки дилро оварад ҷӯш.
Аз овозат ҳамеша дӯстонро
Расад шодӣ, расад уммед бар гӯш.

Сурудат ҳамсафар бошад ба ёрон,
Сурудат то бигардад роҳати ҷон.
Бихон аз шавқи дилҳои ҷавонӣ,
Сурудат болу пар бахшад ба инсон.

***1966***

## Зан

Шохи лутфу назокатӣ, эй зан,
Рангу бӯи баҳор кори туст.
Дар фалак офтоби оламтоб
Нусха аз рӯи шӯълабори туст.

Офаридат табиат афсунгар,
Бас ба ту нозпарварӣ омӯхт.
Баъд бечора устод аз ту
Дилнавозию дилбарӣ омӯхт.

Меҳр дар ту, муҳаббат андар ту,
Сеҳр аз туст, соҳирӣ аз туст.
Офаридгори орзуҳоӣ,
Шеър аз туст, шоирӣ аз туст.

Ишқ дар туст, зиндагӣ дар  ту,
Рашк аз туст, фитна ҳам аз туст.
Захри ту расида позаҳр аст,
Ҳар гуноҳу савоби ту некӯст.

Чашми меҳру шафоати олам,
Дасти гарми навозиши инсон,
Ҳалқаи дарду изтироби даҳр,
Домани хайру шафқату эҳсон!

Бе ту дар умри ман сафое нест,
Бе ту дар сози ман садое нест,
Сӯзаму рози зиндагӣ гӯям,
Ҷуз ризои ту муддаое нест.

***1966***

## Гулдаста

Ғайри ёди ту кору борам нест,
Рӯзу шаб аз паят давон будам.
Ҳар куҷо по мениҳодӣ ту,
Ҳамчунон соят равон будам.

Ишқ гул кард дар хомӯшиҳот.
Дар сукути хазордастонат.
Дар нигаҳҳои ваъдабахши ту,
Дар таҳи хандаҳои пинҳонат.

Ишқро ҳазли кӯҳна мегуфтӣ,
Ҳарфи ман ношунида мерафтӣ.
Дар раҳи ту нигоҳи ман мерехт,
Ёд дорӣ, надида мерафтӣ?

Сайри дарьёву кӯҳ нанмудем,
Роз гуфтем мову ту пинҳон.
Бар ту гулдастае набурдам ман,
Дар дили ман бимонд он армон.

Аз хами абрувони пурчинат,
Ҳам ба ёди нигоҳи ҷонсӯзат.
Бастаам бо тарона гулдаста,
Гӯяд он розҳои Фирӯзат.

***1966***

## Масӯзон номаҳои ошиқона

Бароят нома не, як пора дил буд,
Ба хилват хонда механдидӣ ҳар бор.
Шабонгаҳ монда дар зери сари худ,
Ба оби дида тар мекардӣ бисӣёр.

Нигоро, номаи ошиқ масӯзӣ,
Суруди ошиқи содиқ масӯзӣ.

Масӯз он номаҳои ошиқона,
Масӯзаш боз хоҳӣ шуд пушаймон.
Миёни дафтарат бигзор монад,
Ба мисли шохаҳои хушки райҳон.

Масӯзон номаҳои ошиқона,
Масӯз он монад аз сӯзе нишона.

Чаро дар оташ андозӣ хати ёр?
Масӯз он номаҳо бо оҳу нола.
Басо оянд мурғон ҳам дигар бор
Ба сӯи лонаҳои порсола.

Масӯзон номаҳои меҳрубонӣ,
Масӯзон рози дилҳои ҷавонӣ.

Саросар номаҳои бегуноҳӣ,
Ба ҷуз меҳру вафо сирре надоранд.
Ба ту аз ҳеҷ марде, ҳеҷ гоҳе
Чунин мактубҳо дигар наоранд.

Масӯзон номаи уммедворӣ,
Аз он беҳтар дилосоӣ надорӣ.

***1966***

# Хоки ватан

Аз ҳади хоки Ватан рафта бурун,
Ранҷаи заҳри ҷудоию фироқ,
Ҳар куҷо ҳамватане ҳаст маро,
Сокини Кобулу Табрезу Ироқ.

Сари раҳ дар сафари кишвари ғайр
Дӯш бо ҳамватане биншастам.
Иштиёқи ватан ӯро месӯхт,
Соате гӯш ба ҳарфаш бастам.

Сарвату давлати афзунаш буд,
Манзилу маскани ободе дошт.
Беватан буд вале марди ғариб,
Айши талху дили ношоде дошт.

Хондам аз ҳикмати Саъдӣ байте,
Чун ба ҳолаш, ки мувофиқ буд он:
«Пой дар занҷир пеши дӯстон,
Беҳ ки бо бегонагон дар бӯстон».

Ашк аз дида чу марҷон мерехт,
Зор менолиду мегуфт «Ватан!»
Илтиҷо дошт зи ман марди ғариб
Як каф аз хоки  ватан —- атри кафан.

Аз ҳади хоки ватан рафта бурун,
Ранҷаи заҳри ҷудоию фироқ,
Ҳар куҷо ҳамватане ҳаст маро,
Сокини Кобулу Табрезу Ироқ.

***1966***

## Қисмати ҳалолам деҳ!

Орзу ҳамчун ваъдаи ширин
Хуш нигоҳи биё-биё дорад.
Гар қадам монӣ бар сари парвин,
Боз бар пеш дорад исрорат.

Нуқтаи интиҳои ин раҳ нест,
Ҳаст оғозу несташ анҷом.
Турфа роҳест, ҳамчунон шохест,
Меваҳои баланд дар он хом.

Одамӣ дар талош меҷӯшад,
Меситезад, чу  барқ метобад,
То ки он орзуи худро баъд
Пухта бинад, расида дарьёбад.

Хоҳам, эй бахт, аз ту ҷавлонгаҳ,
Ки дар он по ниҳам, ҷаҳон гардам.
Хоҳам аз ту ба роҳ фармоне,
Дар пояш сӯзаму ҷавон гардам.

Орзу деҳ, умед деҳ бар ман,
Нақша бахри ҳазор солам деҳ!
Ҳаргиз аз чормағзи пуч доман
Пур накун!
Қисмати ҳалолам деҳ!

***1966***

## Ҳулбӯй

Ранг додаст замин ҷумла гиёҳу гулро,
Ранги худро ба ту додаст ҳамин хоки Ватан.
Бурдаанд атри заминро ҳама гулҳо бо худ,
Бӯи худ дода ба ту хоки  фараҳноки Ватан.

Дур аз ёру диёр атри диловези туро,
Ёфтам дар лаби дарьёчаи шӯхоби дигар.
Обаки сарду зулоли деҳа ёдам омад,
Кофтам накҳати гумкардаам аз сабзаи тар.

Обаки кӯҳии мо таъми шифобахши ту дошт,
Сар ниҳад то ки ба пои ту, давон меомад.
Ба машом атри фараҳбахши ту меомад аз он,
Пояи барги туро бӯсазанон меомад.

Дар хумори туям, эй меҳргиёҳи хокам.
Дар машомам ҳама дам бӯи фараҳбахши ту буд.
Дур аз соҳили Варзоб дилам ёди ту кард,
Дар назар ҳулбаи хушбӯи лаби ҷӯй намуд...

Дар лаби ҷӯй ба ёди ту нишинам нафасе,
Зи насими ту нафас гираму гӯям ҳар бор:
Бӯи ту, бӯи замин, атри шифобахши ватан,
Бӯи тифливу ҷавониву баҳори кӯҳсор.

***1966***

## Саҳаргоҳон

Саҳаргоҳон ба истиқболи хуршед
Баро бар қуллаҳои кӯҳсорон.
Рух андар чашмаи нури шафақ шӯй,
Нафас гир аз насими обшорон.

Ҳавояш соф чун оби равонаш,
Заминаш поку пок аст осмонаш.
Ҳама гарду ғубори тира дар паст,
Чу оби каъри кӯза таҳнишин аст.

Сабукрӯҳ аст инсон дар баландӣ,
Намебинад аз ин ҷо  пастии рох,
Ба қайди худ гирифторӣ надорад,
Набистезад ба ҳар ошӯби бадхоҳ.

***1967***

## Хоҳиш

Ба ту рӯҳи қавӣ,
тани солим,
Ба ту сӯзу гудоз мехоҳам.
Дасти мушкилписанд дар ҳар кор,
Бахти беимтиёз мехоҳам.

Рӯзи кӯтоҳ, бо талоши кор,
Солҳои дароз мехоҳам.
Ақли мушкилкушой дар ҳар боб,
Фикрати чорасоз мехоҳам.

Ба ту хони кушодаи эҳсон,
Ба ту дарҳои боз мехоҳам.
Пои ту пойдор дар ҳама кор,
Дасти ту бениёз мехоҳам.

*1967*

## На ину на он

На дар ту хазоне, на дар ту баҳоре,
Ба ҷуз тирасурат ба дунёь чӣ дорӣ?

На обӣ, на оташ, на бодӣ, на хокӣ,
Ба ҳар чашми бино нишаста ғуборӣ.

Чу шабтоб кирме ту зулматпаноҳӣ,
Чи мавҷуди хокӣ, ки гардунвиқорӣ?

Ба нармӣ на лаҳмӣ, на сахтӣ чу сутхон,
На ину на онӣ, маи бехуморӣ.

Чӣ гӯям туро ман, чу лойе дар ин раҳ
Ба ҳар по нишаста қадам мегузорӣ.

Забон дар даҳон каш зи мардумфиребӣ,
Малахро чӣ даъвӣ ба шоҳиншикорӣ.

***1967***

# Мактаб

Гарданд бе ман дар ин дабистон,
Гарданд бе ту дар ин хиёбон.
Навошиқон боз ашъор хонанд,
Гулдухтарон боз ин ҷо хироманд,
Ҳар субҳ бе ту, ҳар шом бе ман.

Занги танаффус, зангӯлаи дарс
Дарҳои шодӣ во мекунад боз,
Чун кӯҳсорон оғози сад рӯд
Дар оғӯши худ ҷо мекунад боз,
Ҳар рӯз бе ту, ҳар рӯз бе ман.

Рафтему ҳамчун эълони кӯҳна
Акси ману ту аз лавҳа гиранд.
Дар хотири мо такрор-такрор
Он рӯзгорон бас беназиранд,
Ҳар рӯз бе ту, аз ҳар шом бе ман.

Пайроҳае, ки мо медавидем,
Гардад алафпӯш, ором гардад,
Чун ресмони дар раҳ фитода
Баъд аз назарҳо гумном гардад,
Ҳар рӯз бе ту, аз ҳар рӯз бе ман.

Аз паҳлӯи он шояд ҷавоне
Пайроҳаи нав месозад оғоз.
Дар қад-қади он балки нигоре
Бар ишқи ёре дилро кунад боз,
Ҳар рӯз бе ту, ҳар рӯз бе ман.

***1967***

## Бе ту дар сайр будам

Бе ту дар сайр будам,
Дар шафати абр будам,
Дар бари қулла -
Таҳи шаршараи наҳр будам.
Борҳо бо ту дар ин гулдара биншаста будам,
Ёд дорӣ, ба сарат чанбари гул баста будам...
Кӯҳ, он кӯҳу чаман, он чамани сабзи баҳор,
Рӯд, он рӯди булӯрини ҳамон замзамакор.
Кабкҳо нағмасаро санг ба санг мепаранд,
Шабпаракҳои чаман нусхаи гул мешумаранд.
Пок аз гард рухи сабзаву себаргаи тар,
Хушҳавоест, ки полуда чу чашмони саҳар.
Омадам бе туву бо ёди ту дилтанг шудам,
Ёр, ин ҷо ҳама ҷон ёфту ман санг шудам.

***1967***

## Дар канори деҳа

Дар канори деҳа ин ҳавлӣ
Қиблаи ошиқони мафтун буд.
Ҳар ҷавон дошта дар дилаш майле.
Сеҳри ин духтар аз ҳад афзун буд.

Буд чашми ҳама ба ин манзил,
Лек маҳви нигор будам ман.
Ҳамдами он ягонаи хушгил,
Ҳар шабе интизор будам ман.

Паҳлуи ман нишаста дар ин ҷо
То дили шаб тарона мегуфт ӯ.
Хушдилиҷӯ фариштаи раъно
Ишқро як баҳона мегуфт ӯ...

Гарчи рафтаст он гул аз бӯстон,
Баҳри ман монда як ҷаҳон армон,
Чашмам ин боғро хазон медид,
Гарчи аз файз бенишон медид,

Ҳар сафар даргузар аз ин маъво,
Боз дил метапад, ки меояд.
Мисли ман дӯстдори он зебо
Гӯиё модаре намезояд.

***1967***

## Сурат

Ба нигоре, ки аз ин сафҳа ба ман менигарад,
Ҳеҷ кас чун мани дилдода гирифтор набуд.
Ҳар яке дошт умеде дили ӯро бубарад,
Лек монанди манаш ташнаи дидор набуд.

Дар муҳаббат ба ҳама толеи хуш ёр нашуд,
Ҳеҷ кас варна чу ман ошиқи дидор нашуд.
Ба муҳобот зи чарх ахтараш орам, ки чи суд,
Рафт ӯ бо дигаре, ёри мани зор нашуд.

Нигарам сурати ӯ,
ёди ман ояд ситамаш,
Солҳо рафтаву доғаш наравад аз дили ман.
Ин варақ пеши назар оварадам он оташ,
Ки дар он сӯхт ҳама кишти ману ҳосили ман...

Боз дил додаву ошиқ шавам, аммо ба ҷаҳон
Ба чунин сӯз дигарбора тапидан нашавад.
Бо пару боли муҳаббат,
ки буридаст нигор,
Метавон зист, вале ҳеҷ паридан нашавад.

***1967***

## Ман дилеро намекунам қисмат

Духтаре чун ниҳол мавзун буд,
Ошиқи ҳусни сабзи ӯ будам.
Ҳар шабу рӯз дар канори рӯд,
Дилпур аз бахт назди ӯ будам.

Гӯиё аз нигоҳи сайёд ӯ
Ҳамчу оҳу рамида меомад.
Аз чи бошад, хамеша ношод ӯ,
Боибо, сархамида меомад.

То набинанд бо манаш ҳамдард,
Ҳамчунон барги бед меларзид.
Рӯй аз одамон панаҳ мекард,
Дар паси кокулони маҷнунбед.

Шеър мехонд дилбари дильёб,
З-он, ки мо дар ҷаҳон намепоем,
Меравад умр ҳар нафас чун об,
Мо ба дуньё дигар намеоем.

Шеър мехонд нарм-нармак ӯ,
Аз ҷудоиву аз ғами ҳиҷрон.
Нола мекард бод аз ҳар сӯ,
Оҳ мезад бед бо афғон.

Дил ба андӯҳи дигаре машғул,
Ёр бо ман нишаста механдид.
Як гулаш ношукуфта аз сад гул,
Духтарак дилфигор механдид.

...Ман дилеро намекунам қисмат,
Як диле бардавом мехоҳам.
Баҳри ман ними дил чӣ кор ояд,
Ман дилеро тамом мехоҳам.

***1967***

## Такрор меоям

Даруни синаам яххо шикаста,
Миёни ҳалқаҳои чашми ман хуршед мерақсад,
Баҳорон боз меояд.
Ба сар хуршеду андар синаам уммед мерақсад,
Баҳорон боз меояд.
Ман акнун дар лаби дарьё,
Ман акнун дар канори чашмаҳо
Ба пазмонӣ лабони бӯсахоҳи ёр меҷӯям.
Ба мисли сабзаи навхез боз аз хок  мерӯям.
Назар бинмуда чун кӯх,
                                        аз паси дарьё
Нишони рӯзҳои рафтаам дар об мебинам,
Ман аз нав ҳар баҳори
                                        умри худро ёд меорам,
Суруди тоза мехонам,
Ман акнун бо фазои лоҷувардӣ роз мегӯям,
Муҳаббатҳову улфатҳои дурам боз меҷӯям.

Зи ҳар пайроҳаи бигзоштаам
такрор меоям,
Наву такрор меоям.
Ман акнун аз ҳавасҳои парешон даст мешӯям,
Нигоҳ аз ахтарони дур мебандам.
Ба таъзим аз замин гулҳои
рангоранг мечинам,
Заминро саҷда меорам,
Ба ёрон аз баҳори орзуҳо мужда меорам.
Агар гирьям,
чу абри навбаҳорон
Наву такрор мегирьям.
Агар хандам,
чу гулҳои баҳорон тоза механдам,
Басо такрор механдам.

***1967***

## Тавба кардем?!

Ба ёдгори кайҳоннаварди
шаҳид Владимир Комаров.

Хабари марги муфоҷоти далер
Дар асбҳои ҷаҳон ларза фиканд.
Дар гулӯ печ зад оҳи ҳама кас,
Аз дили даҳр фиғон гашт баланд.

Шарари синаи халқу ватанам
Рафту баргашта ба манзил нарасид.
Қосиди пурдили халқам ин бор,
Дар сари роҳи само гашт шаҳид.

Ӯ на Колумб, ки бар сарвати Ҳинд
Роҳ ҷусту
яке Амрик кушод.
Ӯ ба амри ватану ҳукми замон
Банди афсонаи торик кушод.

Чун Магеллони само одамият
Достони сафараш мехонад.
Ҳамчу Беруниву Сино ӯро
Ин замин шӯҳрати худ медонад.

Ӯ нарафт
аз паси як пора замин,
Ба само шайтанатангезӣ нарафт.
Ҷон Стейнбек, ҳамчу фарзанди шумо
Сӯи Вьетнам паи хунрезӣ нарафт.

Ӯ нарафт аз паси симу зари муфт,
Ё паи меваи боғи дигарон.
Набуд ӯро тамаъ аз моли касе,
Набуд  ӯ  марҳаматеро нигарон...

Бедилу бешарафе хушнуд аст:
-- Мо нагуфтем, ки барвақт ҳанӯз.
Панд гӯяд мушаке бо ҳикмат:
-- Ба кӣ  даркор само ин шабу рӯз?

Пурсад андар паси девор ниҳон:
-- Тавба кардед, аё шаккокон?
-- Аз азал тавбафаромӯшонем,
Обию оташием мо яксон.

--- Тавба кардем?..
Ватан  фармон кард
Кӯдаку духтари мо тавба накард.
Павлику Зоя магар таслим шуд?
Не, не, аз қисмати худ шиква накард.

Аз азал тавбафаромӯшонем,
Ҳар киро қисмати худ, нисбати худ.
Ҷоннисорӣ чу ба мо  мерос аст,
Сурх кардем аз он рояти худ.

***1967***

## Тифли офтоб

Ханҷари барқ  абрро аз ҳам дарид,
Сар бурун овард хуршеди баҳор.
Ҳамчу пирони кӯҳистонӣ  банур,
Тори ришаш паҳн карда ҳар канор.

Ман, ки тифли офтобам, ҳар саҳар.
Панҷаи хуршед бошад бар сарам.
Хоназоди офтобам дар замин,
Нури он бар сар чу дасти модарам.

Ташнаам ман чашмаи хуршедро,
Ман ба роҳи офтоб истодаам.
Бе шуояш сабзаи пажмурдаам,
Бе нигоҳаш соғари бебодаам.

Гаҳ ба мисли мавҷи нури офтоб
Мезанам фаввора аз девору дар,
Рӯи саҳроҳо парешон мешавам,
Тори кӯҳҳо медурахшам ҳар саҳар.

Ман фурӯ резам ба қаъри чоҳҳо,
Тангнои тираро равшан кунам,
Ман сукути рӯдҳоро бишканам,
Бо забони қатраҳо шеван кунам.

Шӯълаи хуршедро бар дашту дар
Ҳалқаи чашмони ман бар мекашанд,
Аз кафи дастони ман фасли баҳор
Лолаҳо бишкуфта соғар мекашанд.

Ғунчаҳо во гашта дар оғӯши ман.
Рангу бӯи гул зи эъҷози ман аст.
Аз қудумам даштҳо гул мекунанд,
Ҳусни хок аз сӯзу
аз сози ман аст.

***1967***

## Кӯҳсор

Гузашта аз баланду пасти дуньё
Ба оғӯши ту оям боз фардо.
Равам аз маҷлису ғавғои бисьёр,
Бупечам дар ҷаҳони орзуҳо.

Намегӯям ба зинат беқиёсӣ,
Вале ту модарӣ, бар ман асосӣ.
Ҷавон рафта, агар ман пир оям,
Маро  чун кӯдаки худ мешиносӣ.

Дилам бо орзу пур мекунӣ боз,
Чӣ гум кардам,
                        ту ҳозир  мекунӣ  боз.
Ду чашмам бор мебардорад аз бахт,
Маро, кӯҳсор, шоир мекунӣ  боз.

Ба дӯшам бори армонҳои бисьёр,
Умедам чун асо  доим нигахдор,
Агарчӣ  пири барҷомонда  бошам,
Ба побӯсит оям боз, кӯҳсор.

Шудам пазмонат,
                            эй фархунда маъвой,
Равам ҳар гоҳ истиқбол бинмой.
Равам дар манзили худ ҳамчу фарзанд,
Чу модар нимишаб дарвоза бикшой.

***1967***

## Шубҳа

Гуфтӣ ба ту боварам наояд,
Дар шеъри ту васфи ёри дигар.
Дар бораи ман наменависӣ,
Худро мафиреб, эй ситамгар!

Аммо чӣ кунам, ки сояи ман
Афтад ҳама дам ба остонат.
Худро занад он чу мавҷи бехуд
Бар соҳили сахти безабонат.

Ман тоқаам, эй нигор, аммо
Танҳоӣ суроғи ман наомад.
Бо ёди ту дилхушам... Чу соя
Пайваста равонам аз қафоят.

***1968***

## Шикваи рӯди кӯҳӣ

Шоиро, хуш омадӣ меҳмони ман,
Меҳмони мавҷи хушилҳоми ман.
Пештар о, тарсам озорат диҳанд
Хорҳои соҳили урьёни ман.

Лаҳзае биншин, ба оби ман нигар.
Як нафае бар печутоби ман нигар,
Бар ғами мардум ту бепарво наӣ,
Ғамгусорӣ, бар азоби ман нигар.

Чор фасли сол ҷавлон мекунам,
Чӯлу саҳроҳо гулистон мекунам.
Ман мутеи дасти инсонам кунун,
Ҳар чи хоҳад одамӣ, он мекунам.

Лек ин ҷо ҳоли зори ман бубин.
Дар ду паҳлу регзори ман бубин.
Бенасиб аз сабзаву себаргаам,
Ҷои гул хори канори ман бубин.

Обам, аммо оташи сӯзон ба бар,
Дасти мардонро намебинам ба сар.

Сояи барге наафтад  бар сарам,
З-ин сабаб ман белаҷому худсарам.

Ҷаҳд бошад, соҳили ман боғ буд,
Домани ман низ боғу роғ  буд.
Ман намерафтам аз ин ҷо чун ғариб.
Аз ҳавои зиндагонӣ  бенасиб.

Дар канорам ошиқони беқарор
Роз  мегуфтанд бо ҳам шодмон.
Дасту рӯ  шуста ба обам марду зан,
Оббозӣ доштандӣ кӯдакон.

Чаҳ-чаҳи мурғон дар ин ҷо, шоиро,
Гар ба шеърат ҷӯр мешуд, соз буд.
Сабзаву гулҳои шабнамшустаам,
Зери поҳои  ту пойандоз буд.

Лек он гаҳ, шоиро, аз назди ман
Бо ду-се сатрат намерафтӣ бадар.
Коҳилӣ гар менамудӣ, бесухан,
Буд бо ту гуфтугӯӣ  ман дигар.

***1967***

## Нидои ишқ

Ду тан андар зиндагӣ як бор ҳамдил мешаванд,
Ду дил аз сӯзи муҳаббат як замон хун мешаванд.
Моҳ бар сӯи замин ҳар сол моил мешавад,
Ду нигаҳ бо ҳамдигар
як бор мафтун мешаванд.

Кист он носӯхта дар кӯи ишқи бебарор?
Кист он дар зиндагӣ беҳуда дил нобохта?
Дар ғами шӯхи сияҳчашме нагашта дилфигор,
Кист он дар рӯи коғаз мисрае пардохта?!

Чун ба чашмонат нигаҳ кардам
қалам омад ба даст,
Лоиқи ишқи ту танҳо буд гӯё ин ҳунар.
Оташи дилро фақат шеъру ғазал мекард паст,
Менишастам дар сари тасвири ҳуснат то саҳар.

Гар кушандам, ки туро,
танҳо туро мехостам,
Ғунчаҳои боғи мову ту вале нашкуфта монд.

Балки дар як гӯшаи қалби ту маскан доштам,
Розҳои мо ба ҳамдигар вале ногуфта монд.

Ошиқонро худписандӣ мекунад носозгор,
Чашми бахти одамиро худнамоӣ баста аст.
Ҳар ду бар ду роҳ рафтему гузашт он рӯзгор,
Аз ҳавоҳои мухолиф тори меҳри мо гусаст.

Ҳар касе ҳамдасту ҳар хушбахт гар ёрат шавад
Ту сазоворӣ фидо созад ба роҳат ҷону тан.
Дар раҳи пасту баланди умр ғамхорат шавад,
Дӯст дорад, сер ногашта зи рӯят, мисли ман.

***1968***

## Дасти ман магзор...

Ман зи роҳи сахту лағҷон меравам,
Аз раҳи кӯҳу биёбон меравам.
Дар раҳи ноошно  бераҳбалад
Ҳамчу тоқа абри борон меравам.

Дар зимистонҳои сарду дилшикан
Медароям аз дарат чун офтоб.
Шоми андӯҳат саҳар хоҳам шудан,
Аз дили ту мебарам ранҷу азоб.

Дар раҳи мову ту тӯфон мешавад,
Бар сари мо  сангборон мешавад.
Ман балогардони ту хоҳам шудан,
Бо манат ҳар дард дармон мешавад.

Дар биёбон ҷӯи обат мешавам,
Мешикофам сангро бо нохунам.
То ба гардунҳои гардун меравам,
Ҳар чӣ фармоӣ ту,
онро мекунам.

Лек аз ту мебарам хоби гарон.
Аз вуҷуди ту касолат мебарам.
Дастн ман магзор,
эй шӯх, ин замон
Ман туро бо роҳи қисмат мебарам.

***1968***

## Баҳор

Замин сабзу само нилуфарӣ гашт,
Табиат ҳамсадо шуд бо дили ман.
Мисоли сабзрӯде мехурӯшам,
Замину осмон — ду соҳили ман.

Ҳавои кӯдакӣ ҷӯям баҳорон,
Ба рӯи одамон хушнуд хандам.
Гурезам боз аз мактаб ба саҳро,
Ба ту ҳар субҳидам гулдаста  бандам,

Ба ту ошиқ шавам боз аз сари нав,
Ба роҳат ҳар саҳаргаҳ лола пошам.
Ба ту ҳар субҳидам гулдаста бандам,
Чи бошад,  боз ҳаждаҳсола бошам.

Ба истиқболи мурғони баҳорӣ
Бигӯям боз шеъри ошиқона.
Бисӯзам боз мисли мурғи оташ,
Ки аз ишқи ту монад ин фасона.

Баҳор, эй гулбаҳори зиндагонӣ,
Баҳори ишқу уммеду амонӣ,
Ман аз ту ёфтам худро дигар бор,
Ман аз ту ёфтам аз нав ҷавонӣ.

***1968***

## Таронаи Ёвон

Ман чу саҳро беканорам,
Чун назарҳо беҳудуд.
Чун биёбон безабонам,
Рӯзу шабҳо дар сукут.
Синаи саҳроям аммо
Хоки бодоварда нест,
Гӯшаи сарбастаеву
Шавқи дар худ мурда не.
Дил ба рӯи каф чу саҳро
Ман на пастам, не баланд,
Ҳар кӣ ояд, рӯи каф дил —
Гӯӣ дастархони ман.
Гар бубинӣ дар дили ман.
Гӯшаеро дар ғубор
Беумеде, бенавиде,
Бе ҳавои рӯзгор?
Ҳар кӣ  бошӣ, ист як дам,
Дил макан, ҳоло марав.
Умр дар пеш аст охир,
Бехабар аз мо марав.
Ин биёбон аз садоқат
Лолазорон мешавад,
Сайргоҳи ошиқону
Кӯи ҷонон мешавад.
Ман чу саҳро гар ту оӣ,
Ҳамчу оби сарди Вахш
Дашти Ёвони туам ман,
Босафову рӯҳбахш.

***1968***

## Хотира

Хотиротам зи рӯзҳои дур
Менамоянд ҳар нафас сад роз.
То нагардад ҳама фаромӯшам,
Рафтаро ёд оварандам боз.

Селаи рӯзҳои бигзашта
Менамоянд дар назар такрор,
Лек чашмони боғбон бинад
Фарқи гулҳои ин баҳор аз пор.

Чист ҳар рӯзи рафтаам? Ибрат,
Сабақу дарси огаҳӣ будаст.
Додам аз даст ҳар баҳорамро,
Гуфтам ин,
ки баҳори дигар ҳаст.

Умр роҳи кӯтал бувад, дар он
Кош,
бошад нишони огоҳӣ!
Дар сари ҳар хатаргаҳе лавҳе,
Як хитобе ба ҳар гузаргоҳе!

***1969***

## Шоир аз гуфтор монад...

Шоир аз гуфтор монад,
Базмҳо бечӯш монанд,
Канда бошад тори танбӯр,
Ҳофизон хомӯш монанд.

Бе фурӯғи шеъри шоир
Раҳравон гумроҳ бошанд,
Нокасон аз дилсиёҳӣ
Доғи нав бар моҳ пошанд.

Шоир аз гуфтор монад,
Мункирон ғавғо кунанд,
Оқилон хомӯш монанд,
Ҷоҳилон даъво кунанд.

Бишканад гар килки шоир,
Бишканад паймони ёрон,
Нашканад ғавчӯби раҳҳо,
Нашканад армони ёрон.

Гар забун афтод шоир,
Теғҳо урьён шаванд,
Сабзаҳо сӯзанд яксар,
Кинаҳо ҷӯшон шаванд.

Гар сухангӯе набошад,
Чӣ баҳору, чӣ хазон.
Ҷаҳл монад беҷазову
Адл гардад безабон.

Бе ҷилои шеър бошад
Ҳусни зан ҳам бефурӯғ,
Шоир аз гуфтор монад,
Ишқ мегардад дурӯғ.

***1969***

## Пахтакор

Ту ба сӯи ҳар ниҳоли ин замин
Ҷони ман,
сад бор таъзим кардаӣ.
Ҳар паға,  ҳар куракаш, эй нозанин,
Бо арақҳои ҷабин парвардаӣ.

Ҳосили ранҷи ҳалолат, деҳқон,
Як нахи ин зар намонад дар замин.
Пахта не,
афтода ҳар як тори он
Шаддаи поки арақҳои ҷабин.

Кӯш, фурсатро мадеҳ аз даст, кӯш,
Қадри ҳар соат кунун зарбаркаш аст.
Кӯш, чашми дӯстон бар туст,
кӯш,
Гар ту суст оӣ, дили ёрон ғаш аст.

Ҳикмати машҳур дорад халқамон,
Гӯйё бар мову ту дорад хитоб:
«Рафт вақтат — рафт бахтат»— гӯяд он,
Ҳикмати ӯро амал кардан савоб.

***1969***

## Базм

Ман ин бода нӯшам ба ёди гуле,
Ки бо ӯ маро хотир осуда аст.
Агарчи дар ин ҷо надорад, ҳузур,
Хаёлаш фараҳ дар дил афзудааст.

Бинӯшам ба ёди ҳамон  нозанин,
Ки бо ӯ басо талху ширин шудам.
Гаҳе худнамову гаҳе хурдагир,
Гаҳе беш аз ҳад ба тамкин шудам.

Ман ин арғувони қадаҳро тамом
Бинӯшам ба ёди ҳамон дӯстдор,
Ки бе ман ҳама ҷо дилаш тангу танг,
Ба роҳам ҳама шаб бувад интизор.

Ман ин бода нӯшам барои гуле,
Ки ӯ ҳар ғамамро ба ҳам дидааст,
Вале рӯзи шодиву дилҷӯиҳо
На ҳар бор ӯ дар канорам нишаст.

Ман ин бода нӯшам барои гуле,
Ки ӯ дар муҳаббат фидокор монд.
Ҳамеша ба рӯям нахандид ӯ,
Валекин ба меҳраш вафодор монд.

***1969***

## Чашмҳоят

Ёди ту рӯзу шабон дар сари ман мераксад,
Барқи чашмони ту дар соғари ман мерақсад.
Чашми ту аз гулу аз ахтару аз оби равон
Ҳар шабе дар сари ман, дилбари ман, мерақсад.

Мӯи нобофта дар гирди сарат чанбар буд,
Қадди ларзони ту дар нозу адо дигар буд.
Чун баҳор аз қадамат хонаи ман гул мекард,
Ҳар қадам, ҳар сухану ҳар нигаҳат дилбар буд.

Чун гиёҳи сари роҳат зи назар афтодам,
Лек ман кай зи паи фихри дигар афтодам?!
Қавли ман буд якеву дили ман буд яке,
Сустаҳдии ту шуд ҳаҷр ба сар афтодам.

Боз мағрур ту аз пеши назар мегузарӣ,
Боз дар базм ту ҳар як қадамам мешумарӣ.
Боз мерақсию ҳар дам сари ман чарх занад.
Боз бо чашми пур аз роз ба ман менигарӣ.

Ҳар сари сол гар аз нав чу гияҳ мерустам,
Рӯи гарму нафаси поки туро меҷустам.
Гар диле дораму в-ар дидаи меҳрафшоне,
Боз аз меҳру вафо дастагуле мебастам.

Як замон бозии чашми ту дил афрӯхт маро,
Як замон дору мадори ту басо сӯхт маро.
Боз ман силсилаҷунбони вафодоронам,
Меҳри поки ту, гуло, кина наомӯхт маро.

***1969***

## Тирезаҳо

Мисли ситора чашм кушоданд як ба як
Тирезаҳо чу дидаи андешаҳои ман.
Рахшанд ҳар шабу саҳар аз нури зиндагӣ,
Ин дарчаҳои дилбари рамзошнои ман.

Дерест ман ба шӯълаи ин шишаҳои пок
Ҳар  шаб назора дораму ҳар субҳ  интизор.
Дерест ман  ба партави ин пардаҳои роз
Хонам таронаҳои дилангези меҳри ёр.

Чун бурҷи раҳнамой, шумо, эй тирезаҳо,
Мармуз лавҳаед пур аз гуфтугӯи мо.
Чун қосиди нигори гуландом огаҳед
Аз ҳар ишорату нигаҳу пурсуҷӯи мо.

Мисли саҳифаҳои китоби муҳаббатам
Хонад ҳамеша рози шумо чашми чори ман.
Ҳар гоҳ чу парда мекашад он шӯх бехабар,
Гӯё ниқоб мекашад бар рӯзгори ман.

Эй чашмҳои гарми сухангӯи ошно,
Эй дидаи кушодаву хандони дилбарам!
Бе равшании поки шумо ҳар шабу саҳар
Мисли чароғмурда касе зору музтарам.

Бинам агар кушодаву рахшону босафо,
Хандад чаҳони бекарон ҳар дам ба рӯи ман.
Чашмам ба осмону замин баста мешавад,
Гар пӯшад он нигор шуморо ба рӯи ман.

***1969-83***

# Гадо

Дар сафар дидам гадои зангие
Табл мезад,
бар замин мекӯфт пой.
Дастафшон медавид аз кӯчаҳо,
То диҳад як пора нонашро худой.

Байраќи давлат ба тан чун пираҳан
Меравад афтону хезон дар ватан.
Меравад болову поён байраќе,
Ҷилвагар дар пеши чашми марду зан.

Косааш дар даст мераќсад гадо,
Мезанад он косаро дар санги роҳ.
Гушна нон мехоҳад
аз ҳар раҳгузар,
Беибо аз рӯзгори пурҷафо.

Ӯ надорад шарм аз ҳалќи худо,
Шарм доред, эй шикамсерон, шумо.
Шарм дор, эй рӯзгори беамон.
Шарм доред, эй замонсозон, шумо.

***1969***

# Духтари пахтакор

Мисли саманди тоқа дар ангори осмон
Хуршед шеҳа мекашад.
Дар тори осмон магар бо тори сабри ту
Онро бубастаанд,
Мастона метапад,
Чун шир медамад.

Мурғон даруни сояи ғафси дарахтҳо
Ҳалқак зананд беқарор,
Аз тафс бемадор.
Моҳӣ даруни оби гарм афтода бепаноҳ,
Афтода барги ҳар гиё —
Чи гул бувад, чи хор.

Дар мазрае, ки ҳар кулӯхи он
Дар хумдони оташин чун хишт пухтааст.
Дар каф каланди офтоб,
Рухсора шуста аз арақ як гул шукуфтааст.

***1969***

## Шогирд

Мо ба шогирдӣ ба дуньё омадем,
Мо ба шогирдӣ нигаҳ бикшодаем.
Чун давоми роҳи устодони худ
Аз барои хеш раҳ бикшодаем.

Зистан омӯхт моро рӯзгор,
Чашми моро зиндагӣ ҳушьёр кард.
Мо мурувват дидаем аз дӯстон,
Лутфашон моро накӯкирдор кард.

Меҳри гарму шафқату одамгарӣ,
Ҳар нигоҳи беғараз дар ёди мост.
Раҳнамои мо бувад хурду бузург,
Чашми ибратгир истеъдоди мост.

***1969***

## Шеър чист?

Шоир аз ҷавҳари ҷон шеъри ҷилодор кунад,
Ҳамчу дарьё раҳи худ ҷӯяду ҳамвор кунад,
Ӯ сукути дараҳоро шиканад ҳамчу баҳор,
Чашмаҳоро ба хурӯш ораду бедор кунад,.

То ки ҳар шеър ба дилҳои дигар роҳ барад,
Шоир аз хуни ҷигар мазҳари ашъор кунад.
Ҳама кас замзамаи шеър ба сар дораду лек,
Ӯ ба шамшери қалам шӯраду пайкор кунад.

Шоир аз шеъри касон маънигадоӣ накунад,
Оядаш нанг аз он ҳарф, ки такрор кунад.
Ҷомаи нав натавон дӯхт ба дарбеҳи куҳан,
Аз чунин беҳунарӣ марди ҳунар ор кунад.

Эй ки аз шеъру сухан номи баландат ҳавас аст,
Аз дили худ сухане гӯ, ба диле кор кунад.

***1970***

## Дарьё шав

Чун уқобе ба фазо бол кушо, боло шав,
Зери пар гир ҷаҳоневу ҷаҳонпаймо шав.

Ҳайф чун хор ба домони хасон печидан,
Сӯз чун лола, дило,
машъалаи саҳро шав.

Гар матоест туро муштарие пайдо кун,
Нест умри абадат,
чашм кушо, бино шав.

Оби мурдоб агар моҳии заррин парвард,
Ҳоҷати хеш мабар,
ҷӯш зану дарьё шав.

Донасӯз аст агар хоки ҷаҳони дигарон,
Мушти гил дорӣ ту ҳам,
аз гили худ пайдо шав!

*1970*

## Миннати болин макаш

Аз кӯҳ сарнагун шаву аз санг амон мапурс,
Аз захми тир нола кун, раҳм аз камон мапурс.

Роҳи талош бигзину ҳиммат баланд дор,
Зинҳор дасти ёварӣ аз нокасон мапурс.

Дар об ғарқа гарду даме дасту по  бизан,
Аз бутта лутфу марҳамат аз осмон мапурс.

Шафқатталаб  чи  лоиқи ин гирудор шуд?
Аз фили дар қафас раҳи Ҳиндустон мапурс.

То метавонӣ миннати болин макаш, ҷавон,
Дастат ба сар гузору зи кас ину он мапурс.

*1970*

## Шеваи мунофиқон

Ман шеваи мунофиқон бас озмудаам,
Гаҳ бо ту як мавиз ду тақсим мекунанд.
Пеши ту лоф мезананд аз сидку дӯстӣ,
Сар хам гаҳ аз ниёз,
гаҳ аз бим мекунанд.

Гоҳо ба пеши пои ту хам гашта лаҳзае
Сар гӯиё ба ҳурматат таслим мекунанд.
Бовар макун тамаллуқи ночори нокасон,
Бар кӯҳ то баромадан таъзим мекунанд.

***1970***

## Шеъри хушбошӣ

Бар кишвари худ, нигори озар,
Як дастагул аз диёри мо бар.
Як даста ҳарорати дили гарм,
Як даста таронаи вафо бар.

Бар мулки Низоми суханвар –
Он кишвари ҳусну шеърпарвар.
Аз накҳати боғи Рӯдакӣ гир,
Атри чамани Камолро бар.

Ҳарфат, ки зи шеваи Низомист,
Аз шоири оташинкаломест,
Гар гӯш диҳам, маро бисӯзад,
Болотар аз ин куҷо мақомест?!

Меҳри ту ба дил нишона мондаст,
Ҳам ёди ту бекарона мондаст.
Ду чашми ту мисли ду кабӯтар
Дар синаам ошьёна мондаст.

Ҳарчанд,
                ки рӯди Вахш, эй дӯст,
Дар баҳри Хазар нарезад имрӯз,
Ҳар лаҳза расад бар остонат
Мавҷи дили пурвафои Фирӯз.

***1970-78***

## Ҷои ту холист...

Рӯи қолини сабза биншаста
Роз гуфтем бо суруди баҳор.
Лек ҳасрат намебарам дар дил,
Розҳои ногуфтаам бисьёр.

Навбаҳорони аз ҳама зебо,
Пургулу пурумеди ман боқист.
Дар дилам шеърҳои ногуфта,
Достони наву куҳан боқист.

Боз дар чашмҳои пуруммед,
Шӯълаҳои шарорaборам ҳаст,
Дар лабони хамӯши сӯзонам
Оташин шеъри васфи ёрам ҳаст.

Метавонам, ки бо суруди хуш,
Боз мафтун кунам нигореро,
Боз хушбахт мешавад бо ман
Ҳар яке нозанини шаҳри мо.

Ғам надорам, ғариб ҳам не ман,
Ҷуфти ман меҳру моҳ хоҳад шуд.
Ёри ман нозанини беҳамто,
Шӯхи олам██ панох хоҳад шуд.

Лек дар сина ҷои ту холист,
Дигар он пур намешавад ҳаргиз.
Оташи ишқ ҳар касеро сӯхт,
Доғаш аз дил намеравад ҳаргиз!

*1970*

## Диёрам

Диёрам, каъбаи ман ту,
Ба ҳар сангат тавоф орам.
Ба ҳар неку бадам наздат
Чу фарзанд эътироф орам.

Ба бӯи сабзаи навхез,
Ба бӯи меҳр мастам ман.
Гулу хори туро умре
Диёрам, мепарастам ман.

Гуле аз навбаҳорат ман,
Ватан, як мушти хокат ман,
Сари сабзи чинорат ман,
Парешон атри покат ман.

Ватан — модар, ватан — фарзанд,
Ватан — чашмони биноям.
Ватан аз ман, ман аз ӯям,
Ватан — имрӯзу фардоям.

Агар гӯяд ватан, рав ту
Дигар ҷо подшоҳе шав.
Бигӯям, дар барат монам,
Ту бар ман сарпаноҳе шав.

Маро бигзор дар кӯҳат
Чу абри даргузар бошам,
Маро бигзор дар кӯят
Насими дар ба дар бошам.

***1970***

## Муҳаббат

Ба монанди замини норасида
Гили хомӯш будам, сард будам.
Ки сурат дидаву сират надида,
Ба сӯзу дарди кас бедард будам.

Намедидам чи сон себарга меруст,
Ба рӯи дашту дар домони кӯҳсор.
Намедидам чи сон хуршед мешуст,
Танаш дар оби раҳмат ҳамчу бемор

Ба рӯзи сахти худ хандидам он рӯз,
Ҷавони худсару худрой будам.
Надонистам,
ки толеъ чисту қисмат,
Аҷаб хушбахту рӯҳафзой будам.

Чу манзилгоҳи бекас монда будам,
На дуде,
на чароғе доштам ман.
Муҳаббат шӯълае зад дар вуҷудам,
Ба дил сӯзу гудоз анбоштам ман.

Азизон, ишқ асроре надорад,
Ба худбинон сару коре надорад.
Биҷӯшад аз дили он кас, ки умре
Ба дуньё ғайри дил боре надорад.

***1970***

## Надомат

Нарав, эй ёр нарав, аз дилам уммед мабар,
Гӯш кун бар суханам, даст наафшон ба ҷафо.
Нарав, эй шодии ман, аз гунаҳам бозгузар,
Дил набардор аз ин хонаи уммеду вафо.

Дил набардор ба саҳл аз мани бечора чунин,
Ногаҳ аз дӯст ҷудо гашта, нагунсор шудам.
Аз гуноҳе, ки гузаштан нашавад, бозгузар,
Ман хато кардаму бо бераҳае ёр шудам.

Шодиам аз рухи шодоби ту бошад асаре,
Дили ман бо гули рӯи ту ҳаёт аст мудом.
Бо ҳама мастиву майнӯшиву девонагарӣ,
Синаам хонаи уммеду нишот аст мудом.

Бо ту як риштаву яктофта монам ба ҷаҳон,
Ҳар ду як байт сурудем зи ду мисраи умр.
Нарав, эй ёр, баҳори дигаре нест, бидон,
Навбати кишти дигар нест ба ин мазраи умр.

***1970***

## Фирефта

Дили пурҳасрате чун ҷоми лабрез,
Ду чашмон нимапӯшу дардангез.
Чаро аз ҳамнишинон шиква дорӣ?
Чаро аз худ насозӣ шиква ҳаргиз?!

Ту мегӯӣ,
ки чашми бахт кӯр аст,
Ки қисмат баҳру оби баҳр шӯр аст.
Ту мегӯӣ зани зебост бебахт,
Агарчӣ дар малоҳат ҳамчу ҳур аст...

Кунун ҳар мард пешат нописанд аст,
Ҳама дуньё дурӯғу макру фанд аст.
Машав навмед аз толеъ,
ту, эй гул,
Ки инсон бо умеди худ баланд аст.

Ҷавононе,
ки бо ту ёр буданд,
Зи лутфат ҷумла бархурдор буданд,
Ба ту ошиқ  набуданд аз дилу ҷон,
Ба ном ошиқ ва ё хушдор буданд.

Машав ранҷидахотир, эй гул, эй гул,
Машав дилсард охир,
эй гул, эй гул.
Маҷӯй аз раҳгузар ҷуфти вафодор,
Машав мафтуни зоҳир,
эй гул, эй гул.
Ба дуньё мардуме,
ки некбинанд,
Зи гулзори сари раҳ гул наҷинанд.
Агар дар роҳ гул не,
бахт рӯяд,
Яқин дар сояи он кам нишинанд.

***1970***

# Побаланд

*Ба аввалин муаллимам*
*Ҳамроҳи Хӯҷам*

Омад ӯ бе ягон ҳидоятгар,
Омад ӯ бо асобағал ногоҳ.
Гашт ворид ба синф бо як пой.
Он ҳам аз чӯб будааст,
эй воҳ!

Куртаи хокиранг дар бар дошт,
Мӯзаи нимдошт дар пояш.
Кордида,
ҳаётсанҷида,
Ташнагӣ буд дар нигаҳҳояш.

-- Дар куҷо мондааст пояшро?
-- Аз куҷо ёфт ин асояшро?
Духтаре бо умед мепурсид,—
Ӯ дар он сӯ надид акояшро?..

Баъдҳо дар ҷабини ин одам
Ҷилвагар шуд ба мо ҷаҳон яксар —
Марду зан дар либоси сарбозӣ.
Пиру барнош ҷумла дар сангар.

Аз ватан ҳар гаҳе сухан мегуфт,
Гӯиё ӯ дарун-дарун месӯхт.
Мебаромад шарора аз нафасаш,
Чашми шафқат ба рӯи мо медӯхт.

Буд моро саволи бисьёре,
Дар ҷавоб ӯ агарчи дармемонд,
«Шоҳнома» зиёд мехонд ӯ,
Гӯӣ «Қуръон» ба тоҷикӣ мехонд...

Чашми моро ба дахр ӯ бикшод,
Боз кард ӯ ба мо дари фардо.
Ӯ ба як чашм одамонро дид,
Ӯ ба як пой гашт дар дуньё.

***1970***

## Пайванд

Ошиқам, эй диёри кӯҳистон,
Ошиқи нағмаҳои чӯпонат,
Ошиқи дасти заҳмати деҳқон,
Ошиқи саргузашти пиронат.

Нест подоши меҳрубониат
Ин муҳаббат, ки ман ба дил дорам.
Нест аз баҳри пуштибониат
Ин саодат, ки ман туро ёрам.

Дӯстдорам, диёри беҳамто,
На барои баҳори Дарвозат,
На ба ҳусни тамузи Сирдарьё,
Тирамоҳони Вахши мумтозат.

Ошиқам, эй диёри ҳуснобод.
На барои футӯҳи афлокат,
На ба ёди гузаштаи ношод,
Саргузашти дарозу ғамнокат.

Ошиқам на барои неъматҳот.
На барои шукӯҳи иқболат...
Дӯстдорам аз он,
ки дар дуньё,
Зиндаам бо умеду омолат.

***1970***

## Тешаи наҷҷор

*Барои устоди арҷманд*
*Мирзо Турсунзода*

Гӯянд падар дуредгар буд,
Ӯ чӯбтароши пурҳунар буд.
Чун теша задӣ ба чӯб наҷҷор,
Диданд дар он ҳазор асрор.

Фарзанди суханшиноси усто
Шуд рандакаши каломи шево.
Буньёд ниҳод ба пойдорӣ
Аз шеъри латиф кохи раъно.

Дар даҳр иморат аз сухан кард,
Ӯ кишвари назмро чаман кард
Овозаи шеър дар даҳон рафт,
Андар дили мардумон ватан кард.

Афрохт бинои пойдоре
Аз шеъру суруди дӯстдорӣ.
Дилҳо зи ҳунар
ба ҷӯш овард,
Аз хуш рабуду ҳуш овард.

***1971***

## Хайрбод дар мактаб

Синфи якумро тамом кардем.
Аз паи таътил меравем имрӯз.
Эй бародарон, хоҳарони ҷон,
Шумо аз мактаб меравед афсӯс.

Синфи даҳумро тамом мекунед,
Ҳар сӯ аз паи мақсад меравед,
Ба донишгоҳу заводу фабрик.
Баҳри адои хизмат меравед.

Мо ҳам чун шумо калон мешавем.
Ба якдигар меҳрубон мешавем,
Ҳунар омӯхта,
                    дониш омӯхта
Бар кори Ватан равон мешавем.

Дар боби таҳсил, тамкину таъҷил
Дар мактаб ба мо ибратпазиред.
Дар роҳи ҳаёт инчунин бошед,
Ибрат диҳеду ибрат бигиред.

Ваъда мекунем монанди шумо
Мактаби худро ном бардорем.
Унвони поки шогирдиро мо
Як зарра доғе намефурорем.

Ҳоло ба шумо,
эй бародарон.
Эй хоҳарони меҳрубони мо,
Аз самими дил ҳама мегӯем:
-- Доим роҳатон сафед бодо!

***1970***

## Падар

*Барои падарам*
*Бобои Мусулмон.*

Ман сутуни хонадон будам туро,
Чун дарахте соябон будам туро.
Ман асои фасли пириат будам,
Муттакову пуштибон будам туро.

Дастьёрат нест, корат мондааст,
Зӯрӣ дастат рафта,
борат мондааст.
Кӯч карда гӯиё мурғон зи боғ,
Лонаҳо дар шохсорат мондаст.

Гаҳ пушаймон гашта гӯӣ  бо итоб,
К-з хато бар дасти ман додӣ  китоб.
Аз хато бар насья додӣ накди худ,
Чашмаат хуштар зи дарьёи сароб.

Аз ҳарорат хокро ҳосил  бувад,
Аз муҳаббат дил ба дил моил бувад.
Гуфта будӣ  з-обу оташ нагзарӣ,
Обу тобе ёфтан мушкил бувад.

Мард дар тӯфон шиновар мешавад,
Дил ба дарьё дода,
гавҳар мешавад.
Рав, парешон гарду сомоне биҷӯй,
Қадри кас он гаҳ  муқаррар мешавад.

Донаи дар хок  пинҳонам ҳанӯз,
Қатраи аз абр ғалтонам ҳанӯз.
Аз рухи ҳар сабза мебинам, ки ҳаст
Сад баҳоре дар дилу ҷонам ҳанӯз.

***1970***

## Кӯчабоғи деҳа

*Ба хотираи поки*
*модари азизам.*

Равам аз кӯчабоғи деҳа имрӯз,
Ҳама — хурду калон бо ман шиносанд,
Ҳама занҳои пири хотирафрӯз
Маро монанди модар менавозанд.

Замони баччагӣ аз номи онон
Ба фарзандонашон хат менавиштам,
Ба онҳо хонда мактуби муҳиббон,
Гаҳе хушнуд, гоҳе мегиристам.

Равон гаштам ба пою
модаронро
Ба дилбардориҳо дилбанд, гаштам.
Басо барвақт бори ғам кашидам,
Ба тақдири ватан пайванд гаштам.

Ҳама — гушна, ҳама — урьён,
ҳама —- зор.
Вале дилҳо пур аз уммеду армон.
Ба сар тоқӣ набуду буд фахрам,
Ки меҷангад падар дар ҷанги Гирмон.

Надидам оташи ҷанги ҷаҳонсӯз,
Вале ман ранҷи модарҳо бидидам,
Зи хирманҷойҳои бодрӯфта
Чу гунҷишки гурусна дона чидам...

Равам аз кӯчабоғи деҳа имрӯз
Туро бар ёд меоранд,
модар!
Сухан гуфта аз армони ту занҳо,
Дилам бар дод меоранд, модар!

Аз ин раҳҳо гузашта бори аввал
Ба саҳро лолачинӣ рафтаӣ ту.
Ба мактаб рафтаӣ озоду хушдил,
Сухан аз эътиборат гуфтаӣ ту.

Гузаштастӣ шаби тӯйи арӯсӣ
Аз ин раҳ бо суруди ёр-ёрон.
Ту бори аввалу охир ҳамон шаб
Савора роҳ рафтӣ дида гирьён.

Бидидам ман чигарбандони худро
Фиристодӣ ту бар ҷанг аз ҳамин роҳ.
Ба мисли ҷумла модарҳо шабу рӯз
Нишастӣ чашмчори роҳи онҳо.

Падар н-омад, бародар ҳам наомад,
Вале бар мо зафар омад аз ин роҳ.
Сияҳхат омад аз ин роҳ бар мо,
Ба ғам пайваста омад рӯзи дилхоҳ.

Баҳор омад, баҳори бас ғамолуд,
Баҳоре арғувон аз хуни мардон,
Насимаш бӯи дуди хонумонҳо,
Ҳама боронаш аз ашки ятимон.

...Ҳамин раҳ ибтидои роҳи ман буд,
Ба дуньё аз ҳамин раҳ омадам ман.
Аз ин пайроҳаи холиву хомӯш
Сухангӯю дилогаҳ омадам ман.

Маро ҳам аз ҳамин раҳ як замоне
Фиристодӣ, ки ҷӯям қисматамро.
Туро чун кӯдакии хеш, модар,
Ҳамин ҷо ёфтам,
гум кардам ин ҷо.

... Сари роҳи ту истодам ман имрӯз,
Сари хоки ту биншастам ман имрӯз.
Зи ҳамкорону ҳамдардони бисьёр
Туро пурсида бигзоштам ман имрӯз.

Маро бинанд марду зан ба як бор,
Туро бар ёд меоранд, модар.
Навозиш мекунандам, лек донам,
Туро пеши назар доранд, модар.

***1970***

## Панди падар

Чун рӯд роҳи худро мо худ кушода будем,
Бар ҳукми қисмати худ мо тан надода будем.
Бар ташнагон зи дарьё обе надод дуньё,
Аз чашмаи дили  худ дарьё кушода будем.
Хору хасе набуда садде, ки роҳи мо буд,
Бар теғҳои урьён мо по ниҳода будем.
Бар дӯши хеш умре бори замона бурда,
Мо пайравони роҳи кас нофитода будем.
Маро ҳам инчунин буд як умр, як ҷавонӣ,
Бингар, ки мо саропо азму  ирода будем.

***1970***

## Ҷӯраҳо

Меравему меравем
Бар кӯҳсори дуродур.
Пайраҳа — пули сирот,
Вале мо — ҳама дилпур.

Табъи мо  ҳамеша чоқ,
Таронаҳо мехонем,
Аз Синою Эйнштейн
Доим сухан меронем.

Вах, чӣ зебо,
                    чӣ зебо
Ин дараи Харангон!
Валекин бе ҷӯраҳо
Мешавӣ ин ҷо лангон.

Аз ҷӯраи нағз авло
Ба дунё дигар чӣ ҳаст?!
Мо ҳарҳаша надорем,
Ҳама рафиқу ҳамдаст.

Дар раҳи сафар доим
Ҳамраҳи ҳамдил даркор.
Дар рӯзи шодию ғам
Ҷӯраи оқил даркор.

***1971***

## Нимишаб

Нимишаб буд дар канори рӯд
Нағма сар кард марди нобино.
Нолаи дилхарош оҳиста
Рехт дар ҳам сукунати шабро.

Дар фазои хомӯши кӯҳистон
Нолаи най ба дард мелағжид.
Дар сукути замини симобӣ
Шӯълаи қалби мард мерақсид.

Нимишаб найнавози нобино
Ранҷи дилро ба нағма мепардохт.
Ӯ ба оҳанги нойу савти рӯд
Дар дили шаб сурур меандохт.

Дар сари ӯ ҳавои ёди кист?
Сози ӯро кӣ сӯзи ҷон додаст?
Машъали шеъри кист дар дили ӯ,
Ё ки сайди кадом сайёд аст?

Кист имшаб зи нағма беором?
Дар дили нимишаб кӣ  бедор аст?
Кист дар печу тоб афтода,
Кй аз ин  нағмаҳо дилафгор аст?

Шарфае ногаҳон ба гӯш омад,
Ё ки ногаҳ насим бол афшонд,
Сози пурсӯз аз наво афтид,
Моҳ бар китфи кӯҳ сар мемонд...

***1971***

## Фили пир

Солҳо ин фили дастомӯзро
Кас надида очизу афтодарӯҳ.
Фил не, рӯи сутуни чор по
Устувор афтода гӯё лахти кӯҳ.

Солҳо дар боғи ҳайвоноти шаҳр
Буд маҳбуби ҳама хурду калон.
Шӯху ширинкору беозор буд,
Шодмон буданд бо вай одамон.

Заъфи пирӣ карда ранҷураш магар,
Ӯ дигар аз гӯшае н-ояд бурун.
Ҳуштаку фарьёдҳои бачаҳо
Филро бас беасар бошад кунун.

-- Аз сари мардӣ ба по истодаӣ,
Фили бозингар,
намехобӣ чаро?
Ё худ аз пирӣ ту исьён мекунӣ,
Ё ба дил дорӣ ту дигар муддао?

Гуфт фил андар ҷавоби ман ба дард:
-- Пири ранҷурам,
вале ҳастам бапо,
Мард дар бистар бимирад, мард нест,
Оҷизу музтар намирам ҳеҷ гоҳ.

***1971***

## Молдова

Бо ту доим ҳамнишин гар нестам,
Гул ба дасту май ба соғар нестам,
Бо ту ҳастам ошно аз кӯдакӣ,
Меҳмон аз мулки дигар нестам.

Менигаштам дар харита сӯи ту,
Ҷониби ҳар теппаи дилҷӯи ту.
Мефишурдам дасти ту аз дуриҳо,
Месутудам қудрати бозуи ту.

Бо ту аз соли чилу чор ошно.
Аз хати сегӯшае,
к-омад ба мо.
Ҳамчу тӯморе фиристодӣ падар,
Баҳри таскини дили мо — бачаҳо.

Сер дидам ин замон хоки туро,
Аз қаду бар гаштам онро борҳо.
Хиттае чун номаи сегӯша аст —
Номаҳои аскарони ҷонфидо.

Дӯст буд он,

ки маро хушҳол кард,

Марҳабо гуфту хуш истиқбол кард.

Бо дили пурмеҳр дастамро фишурд,

Синаам аз меҳр моломол кард.

Дар панохат шодмон будам чу дӯст,

Рӯзи тӯят гулфишон будам чу дӯст.

Бо ту  он сон меҳру ёрӣ доштам,

Хайру хуш гуфтан гарон будам чу дӯст.

Эй диёри босафо, гулпӯш бош,

Чун Днестр,

чун Дунай пурҷӯш бош.

Ҳамчу токи реша дар хок авҷ кун,

Бо ватан ҳамдасту ҳамоғӯш бош.

***1971***

## Гули зиндон

Дар паси тирезае як бутта гул,
Реша дар зарфе ниҳоду қад кашид.
Лек мурғе аз баҳораш пай набурд,
Рафта-рафта рангу бӯи гул парид.

Баргҳояшро намебӯсад насим,
Нест боде, ки шавад сӯяш вазон.
Дар тубак бо решаҳои норасо
Кай бирезад шабнаме дар пои он.

Осмон бар сар напошад ахтараш,
Моҳ шаб зарҳал нарезад бар сараш.
Субҳидам дар шӯълаҳои офтоб
Чун гиёҳу гул нарақсад пайкараш.

Ғунчаҳояшро наороянд хеҷ
Шабпаракҳои сабукболи баҳор.
Орувон дигар набӯсанд аз лабаш
Дам ба дам чун ошиқони беқарор.

Шохи гул печида сӯи панҷара
Бингарад ошуфта бар кӯҳу дара.
Рӯи хоки ин  замини меҳрубон
Кош, резад тухми ӯ ҳам як-ду дон.

***1971***

## Қалам

Қаламам зӯру иқтидорам шав,
Теғ шав, теғи обдорам шав.

Мисли шамъе бисӯз беармон.
Равшанибахши рӯзгорам шав.

Қадди ман хам шавад зи бори умр,
Ростӣ чӯю растагорам шав.

Вақти пирӣ асои дастам бош,
Бемадорам агар, мадорам шав.

Гар бимонам ҳақиру бечора,
Дасти ман гиру чорадорам шав.

Дар зафарҳои пуршукӯҳи халқ
Дастаи байрақи диёрам шав.

***1971***

## Нӯшбоди соли навин

Дӯстон як қадаҳӣ бода хурем,
Баҳри соли нави озода хурем.
Май хурему ғами худро нахурем,
Ғами дармондаву афтода хурем.

Соли нав рӯзи дурахшон орад,
Хотири ҷамъ ба инсон орад.
Олам аз макру дурӯғ осояд,
Адлу инсофи фаровон орад.

Хоҳам ин,
ки ҳама пуркор шаванд,
Чун дарахтон ҳама пурбор шаванд.
Гар ба пои заифе хор занад,
Дӯстон сӯзани ҷаррор шаванд.

Аз миён нахвати доноӣ равад,
Фикри худбинию худроӣ равад,

Аз ҷавонон

ҳаваси ҷому шароб,

Ҳарзагардию худорой̣ равад.

Дӯстон ҳалқаи мо кам нашавад,

Ҳеҷгаҳ чашми шумо нам нашавад.

Покнийят ба муродаш бирасад,

Ҳаргиз аз дӯст сараш

хам нашавад.

Ҳайфи он кас,

ки дар ин шаб хомӯш,

Дари дил баста нишинад беҳӯш.

Ҳеҷ шабхуш накунед ин шаби қадр,

То саҳар тантана дорему хурӯш.

Дӯстон,

як қадаҳӣ бода хурем,

Баҳри соли нави озода хурем.

Май хурему ғами худро нахурем,

Ғами дармондаю афтода хурем.

***1972—83***

## Шеър

Дар ҳақи ёру сабзаву гулзор
Шеър гуфтан зиёда мушкил нест.
Шеър гӯяд ҳар ошиқи ночор,
Гарчи дар шеъраш оташи дил нест.

Шоиранд ошиқони дилогоҳ,
Ман ҳам аз дард шеър мегуфтам.
Неку бадро хулоса меҷустам,
Баҳри як нукта шаб намехуфтам.

Баъд шоиртароши бисьёре,
Мункирони газофгӯ дидам.
Сояҳоро иддао боло
Аз чароғони рӯ ба рӯ дидам.

Бехабар ман аз он, ки дар олам
Мардуми бехурӯшу беғам ҳам
Гоҳу бегоҳ шеър мебофанд,
Бо матои касод мелофанд.

Бехабар ман аз он, ки инсонро
Аввалин шеъри асл гул будаст.
Бехабар ман аз он,
ки дар дуньё
Шеъри шоир барои пул будаст.

Сатрҳо бефурӯғу безинҳор,
Маъниҳо обшуставу беранг.
Шеъри дилнописанд шуд бисьёр,
Омад аз шеъру шоириам нанг.

Дарди касро даво нашуд ҳаргиз.
Пас чӣ даркор инчунин ашъор?!
Бе ҳамин сатрҳои лангон низ
Пур шуд олам зи шеъри нодаркор!

***1972***

## Ҳарзаталош

Эй, ки дар боби сухан ҳарзаталошӣ ҳама умр,
Охиру аввали маҷмӯаи исрори ту нест.

Борҳо хондаву бишнидаам афкори туро,
Мантиқе ним ҷав андар ҳама гуфтори ту нест.

Душмани сабки наву кӯҳнаи ту, эй булаҷаб,
Ҳеҷ кас монеи варсоқии пиндори ту нест.

Ҳар чи гул кард, ба он кина нагирӣ чӣ шавад,
Адабиёт ҳарамхонаи афкори ту  нест.

Ҳарзагӯит туро то ба куҷо хоҳад бурд?
Як қалам маърифатат низ мададгори ту нест!

***1972***

## Намеравад аз ёд

Умри ман, ҷаҳди ман, талоши ман
Сарф шуд бо ғами ту беҳуда.
Оташи меҳри ман шавад хомӯш
Дар дилам доғу дард афзуда.

Эй ҳавасбоз, ман зи тимсолат
Дилбаре дар хаёл парвардам.
Дили ман  буд кӯдаки сода,
Орзуе муҳол парвардам.

Меравам гар,
                    аз оташи қалбам
Дар дили  ту шарора мемонад.
Гар дили ман шикастаӣ, афсус,
Қалби ту пора-пора мемонад.

Гар буридӣ ниҳоли  сабзеро,
Боз дар хок реша мемонад,
Меравам,
                    лек ёди он шабҳо
Дар дили  ту ҳамеша мемонад.

Ҳаргиз осон намеравад аз ёд
Сидқи ман, сӯзи ман, садои ман!
Кай фаромӯш мешавад осон
Шеъри ман, меҳри ман, вафои ман...

***1972***

## Бевафо

Ҳар замон мафтуни ёри дигаре,
Медавӣ думболи васли дилбаре.
Гаштаӣ  бозича дар дасти занон,
Аз ҳамин хорӣ ҳаловат мебарӣ.

Ҳар замоне дил ба ёре биспурӣ,
Дарди дил гӯию бо ӯ май хурӣ.
Сар ба болинаш ниҳӣ  бо сад қасам,
Гарчи бар аҳдат надорад боварӣ.

Дилбаре ёбӣ ба худ аз ҳар кучо,
Мисли қоғазгул ба сурат дилрабо.
Рози дил бишнида аз бисьёр мард,
Ҳам навозиш  дида аз бисьёрҳо.

Ҳеч меояд ба ёдат ҳамсарат?
Чашмҳои меҳрубони дилбарат?
Дастҳои мушфике,
ки аз чабин
Бо навозишҳош ғамро мебарад?

Ҳеч медонӣ, чӣ сон,
эй худпараст,
Дар дили ӯ меҳри ту савганд гашт?!

Ӯ  вуҷудашро на баҳри як-ду шаб.
Балки як умре ба ту бахшидааст.

Аз дили ӯ бехабар, эй дарбадар,
Меравӣ  ту кӯ ба кӯю дар ба дар.
Чашми чори ёри худро ҳар шабе
Мефиребӣ,
                    мефиребӣ ин қадар!

Ҳар касе бинӣ,
                    ба дил гӯяд туро:
Ин қадар бо ёри худ дорӣ ҷафо?
Бо кароҳат аз ту мегӯянд халқ:
-- Бевафоӣ, беҳаёӣ, бедаво!

Аз ту нафрат мекунад хурду калон,
Дур мегиранд худро одамон.
Дӯстонат дар ба рӯят бастаанд,
Чун махав манфурӣ ту дар ин ҷаҳон.

Боз бо ту ҳамсарат ёри дил аст,
Интизорат он нигори хушгил аст.
Боз ҳам вай аз гуноҳат бигзарад,—
Аз гуноҳе,
                ки гузаштан мушкил аст.

***1973***

## Фолбин

Ба ман як фол бин, эй лӯлидухтар,
Кушо як фоли нек аз меҳри ёрам.
Чаро ӯ меравам гуфту наомад?
Чаро ӯ ин қадар кард интизорам?
Ба ман як фол бин,
эй лӯлидухтар.

Магӯ аз кӯҳу аз дарьё гузаштӣ,
Магӯ дар қасдат афтодаст бадхоҳ...
Бигӯ, дар фолам омад як парирӯ,
Ба роҳи ту ду чашмаш гоҳу бегоҳ.
Магӯ аз кӯҳу аз дарьё гузаштӣ.

Ту гуфтӣ, ки пули бисьёр ёбам,
Вале ҳаргиз намегардам бадавлат.

Чӣ ҷои гап,

чу ман зебопарастам,

Гурезон аст аз ман молу сарват.

Ту гуфтӣ ки пули бисьёр ёбам.

На аз шӯҳрат, на аз сарват, на аз мол

На аз толею такдирам ба ман гӯй.

Ба дигар фоли ту бовар надорам,

Ба ман аз меҳри ёрам як сухан гӯй.

На аз шӯҳрат, на аз сарват, на аз мол.

Ба ман фоли ту аксар нек омад,

Ташаккур бар ту,

эй шӯхи суханбоз!

Худи шоир агарчи фолбин аст,

Ба фоли нек бовар мекунад боз.

Ба ман фоли ту аксар нек омад.

***1973***

## Никоб

Як замон марди фурӯтан буд ӯ,
Дар назар бо одамон ғамхор буд.
Ҳам баробар буд бо хурду калон,
Доимо пуркору камгуфтор буд.

Як замон дар байни ёру дӯстон
Хуштабиат,
хушсухан дилзинда буд.
Ҳар нигоҳаш чашмаи сидқу сафо,
Ҷумла дилҳоро ба домаш мерабуд.

Борҳо аз сӯзи дил,
бо тобу таб
Ӯ ба дарди дигаро  дигарон гириста  буд.
Бо касе сурху сафед асло нашуд,
Дар сари қаҳру итоб оҳиста буд.

На хушомаддӯст,

на таърифхоҳ,

Дар назарҳо ҷони одам буд ӯ.

Беҳтарин ҳамроҳ дар роҳи сафар,

Марди бас хушбахти олам буд ӯ.

Баъдтар аз одаму одамгарӣ —

Аз атои умри худ парҳез кард.

Дӯстони хурд даркораш набуд,

Оташе аз хирарой тез кард.

Одами ҳарчанд бошад дар ниқоб,

Дер ё зуд боз ифшо мешавад.

Лек ман ҳайронам охир, дӯстон,

Аз куҷо ин дард пайдо мешавад?

***1973***

## Захмҳо

Нуктаи «зоғею — доғе» бехатост,
Одами бедарду бедоғе куҷост?!
Бар дили ман ишқ зад захме чунон
То қиёмат гар аз он нолам,
равост.

Лек доғи ишқ ошиқро накушт,
Ҳеҷ инсонро аз он нашкаст пушт.
Аз ҳавасбозони ишқу ошиқӣ
Мерасад бар ҷону дил захми дурушт.

Захми носурам бувад дар ҷисму ҷон
Аз ҷудоиҳои ёронам нишон.
Гар якеро теғи марг аз мо бурид,
Дигаре худро бурид аз дӯстон.

Захми макру захми бӯҳтон дидаам,
Кини нодони гаронҷон дидаам.
Захми беғам,
захми бедардони дун,
Ҳар замон пайдову пинҳон дидаам.

Захми чашми нотавон дар синаам,
Захми сад теғи забон дар синаам.
Захми дилсахтии ҳамроҳон ба дил,
Таънаҳои нокасон дар синаам.

Ранҷи ҳар як инсу ҷин
бар ман гузашт,
Теғи зери остин бар ман гузашт.
Пурхарош аз пои мағрурони маст
Захмҳои ин замин бар ман гузашт.

***1973***

## Намефаҳмам

Ҳеҷ донӣ ту,
эй нигори ман,
Шоиреро чӣ панд додастӣ?
Дил аз ӯ бурда бо ҳазор ишва,
Фанди ин худписанд додастӣ?

Сири нн шеваро намефаҳмам.
Ту худат гӯй, ин чӣ корат буд?
Дил рабуда зи дарди сар додан
Чӣ муродат,
чӣ ифтихорат буд?

Ё ҳавои ҳавас туро ҳам бурд,
Васфи рӯят суханваре гӯяд?
Номи ту дар суруд андозад,
Аз маҳу меҳр бартарӣ гӯяд?

Ё ба ту зориҳои ӯ ҳуш буд?
Ё нигоҳи пурилтиҷои вай?
Ё суханҳои пуртабу тобаш?
Ё дили софу бериёи вай?

Ё ту мехостӣ тамоми халқ
Шоири дилкашолро хананд?
Қиссаи ишқи ӯву ҳуснатро
Ҳар куҷо як иловае банданд?

Худ бигӯ, ин чӣ гурбарақсонӣ?
Ҳазл бигзор,
ин чӣ корат буд?
Шоиреро зи дарди сар додан
Чӣ муродат, чӣ ифтихорат буд?

***1974***

## Гузаштам аз раҳи кӯҳсор имрӯз...

Гузаштам аз раҳи кӯҳсор имрӯз,
На гул чидам, на як гулдаста бастам...
Ба ёд омад баҳоре аз баҳорон,
Канори чашмаи кӯҳӣ нишастам.

Ба ёд омад ҳамон рӯзе, ки ҳар ду
Тамоми рӯз мо дар кӯҳ будем.
Тамоми рӯз гул чидем ҳар ду,
Тамоми рӯз беандӯҳ будем.

Нишаста дар канори чашмаи соф
Ба худ андоза кардӣ ҳусни дуньё.
Гаҳе мафтуни рӯи хеш будӣ,
Гаҳе гуфтӣ: — Баҳор, аз ман ту зебо!

На аз рафта, на аз оянда ёде,
Миёни сабзаву гул медавидем.
Ҳавои меҳрафзои ватанро
Чу бӯи шири модар мешамидем.

Баҳор омад... Чаро имсол, эй шӯх,
Надидемаш кай омад,
бар куҷо рафт.
Ҳама дар қайди ташвишу тараддуд,
Чаро сайри баҳор аз ёди мо рафт?!

***1974***

# Дубайтӣ

Табиби дардмандон бош, эй дил,
Ҳабиби мустамандон бош, эй дил,
Агар гаштӣ муҳибби хоксорон,
Хилофи худписандон бош, эй дил,

* * *

Мурод аспест бечавлон нагардад,
Ба дарди коҳилон дармон нагардад.
Раҳи осон маҷӯ дар зиндагонӣ,
Аз осон мушкилат осон нагардад.

* * *

Нагӯям дар ғами аҳволи худ бош,
Ба дуньё роҳбари омоли худ бош.
Ба пои дигарон раҳ рафтан осон,
Маҷӯ боли ҳумо, шаҳболи худ бош,

* * *

Дилогоҳӣ маҷӯ аз худписандон,
Маҷӯй аз шикасти мард даврон.
Маҷӯ бахт аз қимору аз таваккал,
Ҳам аз даҳмардагӯиҳои нодон.

* * *

* * *

Саробе нест бахти одамизод,
Гурезон дар уфуқи дашти бедод.
Туро дарьёбад он аз ҳар кучое,
Чунон ки ёбад аскарро мукофот.

* * *

Агар поят ба раҳ фарсуда бошад,
Да сахтӣ роҳи худ паймуда бошад,
Налағчад ҳаргиз аз пасту баландӣ.
Аз ин бобат дилат осуда бошад.

* * *

Ҷавоне чизӣ гумнокарда мекофт,
Ба шаб ҳуштакнавозон нағма мебофт.
Муродаш духтари ҳамсоя будаст,
Саҳар дар дасти ӯ гулдаста метофт.

***1975***

## Тирамоҳ

Тирамаҳ — майдони пурчавлони мо,
Тирамаҳ — домони пурэҳсони мо,
Тирамаҳ саҳрои пурхирман бувад,
Тирамаҳ — рӯсурхии деҳқони мо.

Тирамоҳон нони деҳқон дар замин,
Обрӯю номи деҳқон дар замин.
Давлати сармад ба саҳро рехта,
Музди субҳу шоми деҳқон дар замин.

Тирамаҳ гар деҳқон таъхир кард,
Нони дасташро таҳи по зер кард.
Накди худ гум карду номи неки худ,
Худ ба ҳаққи хештан тазвир кард.

Тирамаҳ — майдони пурчавлони мо,
Тирамаҳ — домони пурэҳсони мо,
Тирамаҳ саҳрои пурхирман бувад,
Тирамаҳ рӯсурхии деҳқони мо!

***1975***

## Ватан

Ватан танҳо ҳамин маъвои мо нест,
Ватан кӯҳсори сарболои мо  нест.
Ватан афсонаҳо не,
                    қиссаҳо не,
Ватан таърихи хунполои мо нест.

Заминеро, ки хуни нофи мо рехт,
Басо кирми хиёнат чун вабо хӯрд,
Ҳар он чи ёдгори рафтагон буд,
Ҷаҳолат бурд,
              хориву ҷафо бурд.

Ватан гар дидаи бинои мо буд,
Адӯ онро ба тираш борҳо дӯхт.
Ватан гар модари ғамхори мо буд,
Даруни оташи пайкорҳо сӯхт.

Барои ин ватан мо ҷон фишондем,
Таҳи зиндону рӯи дор мурдем.
Ватан то ҷовидон монад ба гетӣ,
Сари афрошта бо ор мурдем.

Ватан — тақдири фарзандони мо буд
Ватан-савганди мо,
пайкони мо буд.
Ватан-сабри дили меҳнаткаши мо,
Ватан як охирин дармони мо буд.

Ватан на миру на тоҷу на байрақ,
Ватан на ганҷу на ганҷинаҳо аст.
Ватан уммеди фардои хуше буд,
Ватан чун ормон дар синаҳо аст.

***1975***

## Дар оромгоҳи Ленин

Аз Осиё, аз Африқо,
Аз Аврупою Амрико —
Аз чор сӯю шаш ҷиҳат
Оянд мардум бо ният
То бар Ленин карда назар,
Созанд аз пешаш гузар.
Андар дили ҳар мӯътақид,
Гар ӯ сияҳ в-ар ӯ сафед,
Ленин чу уммеди наҷот,
Чун эътиқоду эътимод.
Гӯянд бар ӯ аз зафар,
Аз шӯри исьёни башар,
Оянд аз Ҳинду Араб,
Аз Африқои ҳақталаб...
Ҳар як зиёратгар ба ӯ
Дорад саволу гуфтугӯ.
Дорад саволи бас зиёд,
3-имрӯзу фардои ҳаёт.
Дорад савол аз он, ки ӯ
То кай намояд ҷустуҷӯ
Дар даҳр адлу ростӣ,
Ҳам бекамию костӣ!

То чанд одам хору зор,
Фазлу ҳунар беэътибор?
То кай сиёсатбозҳо
Бо макр,
бо дӯғу даґо
Инро ба он душман кунанд?
Кори сад Аҳриман кунанд?..
Ин марди бас ошуфтарӯз
Курд аст, ё аз андалуз
Аз роҳи дуре омадаст.
Дар сина шӯре омадаст,
Дар чеҳраи ӯ ҷилвагар
Ҷахди замон,
азми башар.
Аз Ленин ӯ пурсиданист
Пасту баланди асри бист...
Ҳоло ҷаҳонхӯре дигар,
Ҳамчун мададгоре ба сар.
Дар даст-гул,
дар ҷайб-теғ,
Чун ёрикори бедареғ
Ояд чу ёри беғараз,
Корад вале тухми мараз.

Бозори иғво ҷӯш зад,

Ҳар хирасар шуд раҳбалад.

Гаҳ худфурӯшон сар шуданд,

Гаҳ худпарасти худписанд.

Ленин, бигӯ довар куҷост?

Бечораро раҳбар куҷост?

Болою пастӣ аз куҷо,

Ҳам худпарастӣ аз куҷо?

Ҳар кас, ки ҳукмаш шуд раво,

Мавло шуморад хешро!

Лофи хирадмандӣ занад,

Даъвои доҳигӣ кунад!..

Аз Ленин ӯ пурсиданист.

Пушту паноҳи халқ кист?

Аз Ленин ӯ пурсиданист,

Акнун чӣ сон боист зист?!..

Ҳам ҳиндую курду араб —

Фарзанди фаллоҳ  аз Ҳалаб

Ҳам навҷавони андалуз,

Ҳам пирамарди пинадӯз

Дар сина дорад ташвише,

Дорад зи Ленин пурсише.

*1976*

## Тӯдакаш

*Ба хотираи*
*Маҳмуди Воҳид.*

Гуфта будӣ, ки ба Варзоб равем,
Қад-қади рӯдаки шӯхоб давем.
Боз таъзим намоӣ ту ба кӯҳ,
Боз дар рӯи шахаш хоб равем.

Дӯстам, қавли ту бишкаст, дареғ,
Доманат додаем аз даст, дареғ!
Бори дигар натавон дид туро,
Бо ту дидор ба хоб аст,
дареғ.

Бе ту Варзоб кунун гирьён аст,
Рамзи Хайём ба мо пинҳон аст.
Шеър аз саҳнаи мо рафт кунун,
Бе ту Ҳамлет ба мо армон аст...

Мисли ту ҷӯраи дилҷӯй куҷост?!
Тӯдакаш, якдилу якрӯй куҷост?
Шоирозор басе маҳмуданд,
Лек Маҳмуди сухангӯй куҷост?!

***1977***

## Монда нашав!

Дӯстам, марди ҳунар, монда нашав!
Ҳамчу кӯҳ баста камар, монда нашав.

Кор кун рӯзу шабон чун хуршед,
Ханда кун боз саҳар, монда нашав.

Эй, саропои ту шавқ асту шарар.
Аз ҷафоҳои ҳунар монда нашав.

Аз дағалбозии бедард маранҷ,
Гап дигар, кор дигар,
монда нашав.

Бо калонгири тиҳимағзу бахил
Бемуросоӣ агар, монда нашав.

Марди раҳ аз паи ҳар саг надавад,
Ба раҳат рост гузар, монда нашав.

Садди бисьёр зи раҳ баркандӣ,
Боз пеш ояд агар, монда нашав.

Гоҳе ин сохтану сӯхтанат
Надиҳад ҳеҷ самар, монда нашав.

Аз хатоҳои писар ғусса махӯр,
Аз аламҳои падар монда машав.

Оламе дар ғами худ, аммо ту
Дар ғами дарди башар монда нашав.

Хору хас дар сари раҳ хоҳад монд,
Пеш рав, пеш нигар, монда нашав.

Ин ҷаҳон гарчи ба дӯшат бор аст,
Бори фардош бубар, монда нашав.

***1977***

## Забони модарӣ

Зи нағмаҳои сози мо
Зи таърихи дарози мо
Туро бубаста тору пуд,
Забони дилнавози мо.

Зи ҳикмати замири пок
Зи оҳи пири дарднок
Зи тӯйҳо, зи сурҳо,
Зи мотаму  сурурҳо,

Аз «Алла»-ҳои модарон,
Зи хандаҳои кӯдакон,
Асос барниҳодаанд
Туро чу марҳаме ба ҷон.

Ту аввалин суруди мо,
Қиссаи «Буд-набуд»-и мо.
Забони модарӣ, туӣ –
Шаҳодати вуҷуди мо.

Чу кӯҳ сахту пойдор,
Чу рӯд шӯху беқарор.
Зи дарраҳо ту омадӣ,
Лафзи дарии беғубор.

Каломи шоҳномаҳо,
Равонибахши хомаҳо
Зи даврҳо ба даврҳо
Ту меравӣ, забони мо.

***1978***

## Таҷриба

Туро дар қадр аз худ беш дидем,
Туро дар фазл аз худ пеш дидем.
Нигар аз дарчаи чашмони мо ҳам,
Ҷаҳонро мо ба чашми хеш дидем.

* * *

Ғами дил бо ҳама одам нагӯям,
Ба як лутфе туро ҳамдам нагӯям.
Намеҷӯшем агар бо якдигар мо,
Туро аз хеш ҳаргиз кам нагӯям.

* * *

Чаро бо ҳамраҳон улфат нагирем?
Чаро аз зиндагӣ ибрат нагирем?
Зи бехуд тохтанҳо тира шуд об,
Чаро, эй дӯстон, ибрат нагирем?

***1978***

## Гӯш макун бар сухани шоирон...

*(Аз насиҳати савдогаре ба писар)*

Гӯш макун бар сухани шоирон
Маҳви ҳавасҳои ҳавоӣ шавӣ.
Бо сухани ростнамои дурӯғ
Шефта гардию гадое шавӣ.

Гӯш макун шоири афсонагӯй
Ҳарфи ҳавоӣ занад аз адлу дод.
Сӯзи вай аз бухлу ҳасад, ҷони ман,
Қиссаи меҳаш — пуфаки нур зи бод.

Меҳру вафо, сидқу сафо — ин ҳама,
Ҷони падар, шеваи бечораҳост.
Пул, ки надоранд, ба ин нағмаҳо
Шод намоянд дили худ равост.

Сарвату мошину вазифа, писар,
Ҳусни тую ақли тую шеъри туст.
Меҳру вафоро ту ба пул меҳарӣ,
Пул, ҷигарам, теғи ҷаҳонгири туст.

Шоиру олим — ҳама бо илтиҷо
Назди ман оянд ба дӯкон мудом
Орифу омӣ, нависанда — ҳама
Саҷда кунад пеши ман андар салом...

Гӯш макун бар сухани шоирон,
Маҳви ҳавасҳои ҳавоӣ шавӣ.
Бо сухани ростнамои дурӯғ
Шефта гардию гадое шавӣ.

***1978***

## Хиҷолат

Туро ҳар бор бо хушдори дигар
Бубинам ҳар замон бо ёри дигар.
Хиҷил мегардам аз он, ки замоне
Ба ту дил дода будам дар ҷавонӣ.

Ту уммеди маро дар дил шикастӣ,
Ба чашмам рӯзи равшанро бубастӣ.
Вале айём дид обу гили ман,
Шифо бахшид бар захми дили ман.

Нанолам, дарди ман нолиданӣ нест,
Ки мардонро ба ҳар ғам шеване нест.
Агар менолам, аз дарде бинолам,
Ки бо ман зор нолад халқи олам.

Кунун хандам,
                    бихандад кӯҳ бо ман,
Бихандад даҳр беандӯҳ бо ман.
Фақат аз ҳоли ту маҳзунам, эй шӯх,
Зи бебахтии ту дилхунам, эй шӯх.

***1978***

## Ошиқӣ

Ошиқӣ ҷилваи бедардон нест,
Ошиқӣ даъвии номардон нест.
Ошиқӣ шоирӣ не, соҳирӣ не,
Ошиқӣ васвасаи шайтон нест.
Ишқро дор азиз, эй дили ман,
Дар таҳи пой нарез, эй дили ман.

Бо ту гар об хурад, нӯш кунад,
Розҳо гӯяду ҳам гӯш кунад,
Ёр агар ҳамдилу ҳамроз шавад,
Бо ту аз ғайр фаромӯш кунад,
Ҷой дар дида намо, эй дили ман.
Аз дари меҳр даро, эй дили ман.

Таъна гар дилбари густох занад,
Ё худ аз меҳру вафо лоф занад,
Ба ҳавои даҳанаш ғарра машав,
Хок бар дидаи инсоф занад.
Ҷои худ нек бидон, эй дили ман,
Пой диниста бимон, эй дили ман.

Гул шаву лек ба ҳар даст марав,
Об шав, об, вале паст марав.
Ошиқӣ шеваи мардони вафост,
Гар ба дил меҳр напайваст, марав.
Ту вафо ҷӯй, вафо, эй дил ман,
Бевафоист хато, эй дили ман.

Бол бикшову ту ҳам боло пар,
Аз сари кӯҳи баланди мо пар,
Мепарад зоғу заған селазанон,
Ту уқобӣ ба фазо танҳо пар!
Қадри худ нек шинос, эй дили ман,
Қадри худ нек шинос,
эй дили ман!

***1978***

## Қадри нону инсон

Ҳама неъмат муҳайё буд дар хон,
Ҳама рақсону хандону ғазалхон,
Ҳама хушҳолу хушгӯю хушилҳон,
Ҳама ҷамъанд... танҳо ман парешон.

Бидидам кордро як ноҷавонмард
Ба мағзи нони гандум пок мекард.
Нигоре бо карашма сӯи хушдор
Зи нон саққоча меандохт бедард.

Ба ёд омад деҳу бобои пирам,
Агарчи буд пиру қоматаш хам,
Ба пирӣ тан надода сахткӯше,
Ки механдид ӯ бар риши олам.

Дарав мекардаму ӯ дарза мебаст,
Гумонам дарза не,
гулдаста мебаст
Зи хирманҷойҳо чун дона мечид.
Ту мегуфтӣ, ки ӯ дурдона мечид.

Ба сахтӣ монда дандонро ба дандон,
Ба ҷумбиш ҳамчу мӯре пири деҳқон.

Ба ҳикмат хӯшаи афтода мечид,
Ки нон ҳам нону як нонреза ҳам нон.

Маро омад ба ёд айёми сахтӣ,
Замони гушнагию ҷангу қаҳтӣ.
Ба сар ҷуз фикри нон андешае нест,
Шикамсерӣ ба мо буд некбахтӣ.

Сари мо баччаҳо аз санг будаст,
Ки андар қисмати мо ҷанг будаст.
Беҳин даврони мо ошуфта бигзашт,
Ватан дар ҳифзи ному нанг будаст.

Чӣ армонҳо дили моро бибурданд!
Чӣ сахтихо дили моро фишурданд!
Дар он айём қадри нону инсон
Ҳавасҳои дигар аз дил сутурданд.

Дареғ аз базму дастархони алвон,
Дареғ аз инчунин ҷамъи парешон!
На нон аст он фитода дар таҳи по,
Диламро зери по кӯбанд онон!

***1978***

## Эътироф

Ба ман ин дамдама дилгир набуд
Кори ман хондану тахрир набуд.
Се китобест маро дар ҷевон.
То кунун хонда накардам поён.
Гар надодаст худо истеъдод,
Дӯстони адибу шоир дод.
Се нафар ғун шуда гуфтанд: — «Навис!
Ҳуш бар гуфтаи мо  банд, навис.
Шарт не, ин ки ҳунарвар бошӣ,
Ғам нахур кӯр ва ё кар бошӣ.
Дар назар дор сухан дар ҳаки кист,
Васфу танқиди туро ҳосил  чист?!
Гар ба ту нафъу зиёнаш набувад,
Дар ҳақи кас суханат ҳайф равад.
Масалан, шеъри фалониро кӯб,
Номи ӯро ту аз ин ҷода бирӯб...»

... Фикрашон чида якояк аввал
Вараќе чанд  навиштам мӯҳмал.
Ҷӯраҳо, ҷумла чу аз як деҳанд,
Фурсати покнависӣ  надиҳанд.
Чӣ навиштам, ҳамаро чоп кунанд,
Номи ман начми ҷаҳонтоб кунанд.
Нағз агар ҷӯям, аз онҳо ҷӯям.
Нобиға хоҳам, аз онҳо гӯям,
Ғайри онҳо на адиб аст дигар,
Ҳамагӣ «ва дигарон» аст нигар.
Тавсифи ҳамқадаҳонро гуфтам,
Як ба як раҳбаладонро гуфтам.
Ҳар касе омад агар бар сари кор,
Васфи ӯ фарз, ба мо ӯ  даркор...
Фикр аз ин, сухану матлаб аз он,
Боядам зист барои дигарон.

***1979***

## Таскин

Гар насиби ту нашуд маҳбубе,
Дил рабуду нашудӣ дилхоҳаш,
Ҳар кас аз бахт насибе дорад,
Макун, эй дӯст, забонкӯтоҳаш.

Он ки дил дод ба ӯ мемонад,
Ба кӣ тақдир кунад, меравад ӯ.
Гар яке кошт,
дигар медаравад,
Ишқ бахтест чунин шӯъбадаҳӯ.

Ошиқ аст он,
кӣ ҷавонмард бувад,
Чашми бад дур аз ӯ дор, рафиқ.
Боз бекина нигаҳ кун ба рухаш,
Дил ба каф ҳамчу қадаҳ дор, рафиқ!

Бахти ту бастаи зулфи дигаре,
Аз дилат мебарад ӯ  озорат.
Ҷаҳд кун ёри ту хушбахт шавад.
То пушаймон шавад он айёрат.

***1979***

## Интизор

Имшаб ду дида бар дар
Бедор менишинам.
Дар ҳайратам чигуна
Бе ёр менишинам.

Маҳ шом хӯрду кайҳо
Аз ту дарак нашуд боз.
Гӯшам ба ҳар садое,
Ҷон ларзад аз ҳар овоз.

Хомӯшии шаби тор
Таҳдид менамояд,
Гӯё зи ҳар тиреза
Бар хона медарояд.

Мегӯяд он сияҳдил:
Беҳуда интизорӣ!
Ҳаргиз наояд он шӯх,
Бас кун умедворӣ.

Гуфтам, ки сарфарозам,
Беҳуда дилбарӣ нест,
Беҳуда интизорӣ,
Беҳуда боварӣ нест.

Гирам, ки ӯ наомад,
Ин мубталоиам ҳаст.
Ин шӯъла дар дилу ҷон
Як умр баҳри ман бас.

***1982***

## Бубахшоед

Мункире ҳар замон шикоят дошт,
Аз замину замон шикоят дошт.
Дур аз одамият,
ин турфа,
Аз ҳама  одамон шикоят дошт.

Шиква мекард марди хомандеш,
К-аз рафиқон фақат бад омад пеш.
Шиква мекард гоҳ аз фарзанд,
Гоҳ аз дилбари хиёнаткеш.

Бо дурӯғу фиреб дар дилҳо
Рахна меҷуст нохушомоле.
Бори ӯ гов мекашид,
аммо
Дар фиғон буд аробаи холӣ.

Пушти по мезад ӯ рафиқонро,
Ҳамнишинону ҳамтариқонро,
Гар ба вай не зиёну не нафъе,
Тира мегуфт меҳри тобонро.

Ӯ худогаҳ набуд, худбин буд,
Нотавонбини заҳрогин буд.
Кори неки касон намедид ӯ,
Баддилу бадгумону бадкин буд.

Дар гумонаш ҳама гаронҷонанд,
Сирф бетавфиқанду нодонанд.
Ҷуз ду-се тан шаробрези ӯ
Ҷумла беқавлу сустпаймонанд.

Бедаво ин замон даво мехост,
Бевафоро бубин, вафо мехост.
Он чи бар хештан раво медид,
Бар дигарҳо нораво мехост.

Мардум, аз отифат бубахшоед,
Ҷурми беоқибат бубахшоед.
Зистан ҳақ надорад ин васвос,
Лек бар носиҳат  бубахшоед.

***1983***

# Барнахост

Одамӣ бар маҳ  расид, аз ӯ ҳаросе барнахост,
Лек аз қайди таассубҳо халосӣ  барнахост.

Ҳусни зебодухтарон бе зинату зевар хуш аст,
Қадри инсон аз либосу аз палосе барнахост.

Бехирадро неъмате бахшу макун фармонраво,
Аз заифон шукру аз нодон сипосе барнахост.

Рӯи хушбахтӣ надид аҷдоди ман то дар ҷаҳон
Аз дили ӯ оташи қаҳру қасосе барнахост.

Илму фарҳангу зироат кард тоҷик аз азал,
Аз миёни қавми ман даҳшатасосе барнахост.

Модари таърих зотан кӯрпистон буд агар,
Мисли Айнӣ бетаассуб раҳшиносе барнахост.

Мерасад марди ҷаҳонбине ба ҳар даврон,
вале
Чун Ғафуров фозили равшанқиёсе барнахост.

Гури худ месӯзад аз кӯтоҳбинӣ худпараст,
Аз дили марди ҳунар ҷуз эҳтисосе барнахост.

Дасти ҳар нокас фишурдан сахт меояд аз он
Аз забони ман ба ҳар кас илтимосе барнахост.

## Соли куҳан меравад...

Соли куҳан аз дари мо меравад,
Даргузар аз кишвари мо меравад.
Монда ба ҳар сӯ асари хешро,
Аз вараќи дафтари мо меравад.

Шукри ҳамин соли куҳан мекунам,
Шукри ҳамин халқу ватан мекунам.
Шукри тани сиҳҳату инсофу адл,
Шукри ҳамин лафзу сухан мекунам.

Шукргузорам, ки дар ин сол боз
Ман ҳама рӯз ошиқи ёрон будам.
Ошиқи ин тирамаҳи дерьёз,
Ошиқи дашту дару борон будам.

Шукргузорам, ки ду чашмони ёр
Бештар аз пор ба ман кора кард,
Ҳар сухану хандаи зебонигор
Боз маро шоири бечора кард.

Меҳру вафо тангаи беқурб нест.
Дар кафи дарьюзагаронаш ниҳӣ.
Меҳр чу сол аст, чу соли нав аст.
Муфт бигириву гаронаш диҳӣ.

Соли азиз омада ноошно,
Бо ҳама маҳбубу қарин меравад.
Монда ба ҳар сӯ  асари хешро,
Меравад, аз рӯи замин меравад.

## Ошиқам

Ман ба ҳар як парраи ин кӯҳсорон ошиқам,
Чун гиёҳи ташнае бар абри борон ошиқам.

Кӯҳбисоту сангболин мондаам,
аммо чӣ бок,
Расми ин кӯҳпояро чун зиндадорон ошиқам.

Гар диламро мебарад Варзоб ё Кофарниҳон,
Обмондухтар, ба ту дар пахтазорон ошиқам.

Дида медӯзад саҳар аввал ба рӯи осмон,
Интизориҳои деҳқонро баҳорон ошиқам.

Чун китоби куҳнаро бӯсида бикшоянд халқ,
Дар ҷаҳон бар ҳурмати ин посдорон ошиқам.

Духтар аз шарму ҷавон аз ростӣ  ёбад мурод,
Ман ба панди инчунин ҳикматшиорон ошиқам.

Кӯҳсори тангро доманфарохӣ аз шумост,
Бар шумо, эй пиру барно — хоксорон ошиқам.

Ошиқам, аз осмон бе ресмон афтодаам,
Рӯи гарми ҳар якеро дӯстдорон ошиқам.

***1983***

## Рубоиёт

Чун лола зи дур сурхрӯӣ накунам,
Бо дилсияҳон шукуфтарӯй накунам.
Бо неку бади чаҳон дилоростаам,
Аз халқи ватан канорачӯӣ накунам.

* * *

Субҳе зи гиребони шабам механдад,
Хуршеди ман андар талабам механдад.
Оташ ба дилам зи меҳри ӯ пеши касон
Месӯзаму чун лола лабам механдад.

* * *

Чун лола агар бо дили  доғе  бошам.
Он беҳ, ки гиёҳи боғу роғе бошам,
Қандил нашавам ба қасри шоҳон ҳаргиз
Дар кулбаи бенаво чароғе бошам.

* * *

Хоҳам ба мисоли оби дарьё бошӣ,
Гаҳ гулшану гаҳ бодияпаймо бошӣ,
Ҷӯшиву хурӯшиву ситезӣ, аммо.
Дар тирамаҳи умр мусаффо бошӣ.

* * *

* * *

Гар ғунча ниқоб медарад, хушнудам,
Гар чашма ба рӯд мебарад, хушнудам.
Аз лонаи хештан агар чӯҷаҳаке,
Рӯзе чу уқоб мепарад,
хушнудам.

* * *

Ман рози дилам ба гӯши гулҳо гӯям,
Таскини дилам зи тоби дилҳо ҷӯям.
Чун дона миёни хоки раҳ гум шудаам,
Шояд ки ба иқболи ту фардо рӯям.

* * *

Баъд аз сари мо низ ҷаҳон хоҳад буд.
Ин гирьяву ханда ҷовидон хоҳад буд.
Обе, ки ба ҷӯй меравад, нолон аст,
З-ин ҷӯй гузаштан ормон хоҳад буд.

* * *

Аз неруи тан ҳикояте хоҳад монд,
Аз ҳусни ҷавонӣ сурате хоҳад монд.
Бар умри гузаштаи худ афсӯс махӯр,
Аз меҳру вафо саодате хоҳад монд.

* * *

* * *

Ҳиммат сухани дастнигарҳо будаст,
Ҳотам ҳашами тангназарҳо будаст.
Он чашм, ки гуфтаанд дуньёбинаш,
Кӯри худу бинои дигарҳо будаст.

* * *

Аз марг амон, ки ёфт, то ман ёбам?
Боз умри ҷавон кӣ ёфт, то ман ёбам?
Шеърам ҳамагӣ паёми фардои ман аст
З-ин беш ҷаҳон, ки ёфт, то ман ёбам?

* * *

Ҳар ошиқи булҳавас наояд ба дарат,
Ҳар лофзане намешавад ҷонсипарат.
Дар боғи ҳаёт нахли ишқе парвар,
Дар мавсими пирӣ соя созад ба сарат.

* * *

Шаб чашм ба роҳ, печу тобам додӣ.
Бар ман сабақе зи сарҳисобам додӣ,
Бар нуқли лабат умед бастам, ҳайҳот,
Аз мурғи дар осмон кабобам додӣ.

* * *

* * *

Ман қатрааму зиндагиам ошӯб аст,
Домони яке рӯд маро матлуб аст.
Аз халқ канора ҷустан кӯрдилист,
Аз хеш гаҳе канора ҷустан хуб аст.

* * *

Гаҳ бар гулу гаҳ ба боғбон механдам,
Гаҳ бар худу гаҳ ба бехудон механдам.
Ҳар кас, ки ба ҷуз хеш касеро нашинохт,
Хомӯш ба сармастии он механдам.

* * *

Дар хилвати хеш гӯи Афлотунӣ,
Аз бехабарӣ муаллими гардунӣ.
Пое ба замин гузору чашме бикшо.
Дар ҳар кадаме бинӣ зи худ афзуне.

* * *

То ғунча шукуфт, субҳидам мегузарад,
Ғавғои таккабури ту ҳам мегузарад.
Аз ёри нахуст дил набардор ба саҳл,
Ин бахти хуш аз кӯи ту кам мегузарад.

* * *

* * *

Аз туст кунун маро ҳама шодиву ғам,
Аз туст чӣ  бахти неку толеи бадам.
Дил саҳфаи нонавиштаи дафтари туст,
Бинвис, чи мехоҳӣ,
ба дасти ту қалам.

* * *

Ҳар гул зи баҳори нав нишон аст маро,
Ҳар қатра ба рӯд ҳамзабон аст маро.
Ин қадр ба чашми кам мабин, эй ғофил.
Дар сина ниҳон  баҳри дамон аст маро.

* * *

Дур аз ту дилам шод нашуд, шод нашуд,
Бе ту сарам аз хиҷолат озод нашуд.
Бе ту қадаме пеш ниҳам, пас  мерафт,
Бе ту мадади табъи худодод нашуд.

* * *

Дар чашми рамузбин тамошост китоб,
Гар кайфияте шиносӣ, дуньёст китоб,
Эй бехабар, аз бузургиҳои қатра,
Гар ғӯта задан тавонӣ, дарьёст китоб.

* * *

* * *

Эй қатраи пок,
роҳи худ гум накунӣ,
Бе руд дар ин ҷода талотум накунӣ.
Ҳастии ту як ҳалқаи ин занҷир аст,
Ҳуш дор, ки ин силсиларо гум накунӣ.

* * *

Онам, ки талотум аз вуҷудам наравад,
Аз дил шарарам ба тирадудам наравад.
Ошуфтагии сари ҷавонам боқист,
Ин сӯзи ҳаёт аз сурудам наравад.

* * *

Наврӯз расад рубоб дар даст баро.
Аз ишқ чу гул хумор нашкаст, баро.
Ман рози дилам ба гӯши гулҳо гӯям,
Гар накҳати гул шамиданат ҳаст, баро.

* * *

Тасвири ту бо қалам муяссар нашавад,
Ташбеҳи ту моҳу меҳру ахтар нашавад.
Дар нозукиву лутфу адоҳо суханам
Бо мисраи қоматат баробар нашавад.

* * *

* * *

Гардун чу ба сӯи мардум андохт каманд,
Овард басе сари баланде дар банд.
Ҳар мард чу Рӯдакӣ  ба домаш н-афтод,
Ин гург ду чашми равшани ӯро канд.

* * *

Дар хилвати рози мо наё, эй бадхӯ,
Гар омадаӣ, аз дили  худ кина бишӯ,
Сози ғаразу кинакашӣ барҳам зан,
Чун зоғ  ту аз меваи мо кирм маҷӯ.

* * *

Эй бахт, маро ранҷ мадеҳ бо афсун,
Чун хома ба ҳар даст макун хору забун.
Ҳар он чӣ дилат хост раво дор, вале
Дар қабзаи нокасон маро зоча макун.

* * *

Чун рӯд ман аз баландиҳо паст шудам,
Чун боди сабо поку тиҳидаст шудам.
Лек иззати худ нарехтам пеши касе,
Бо шавкати сарбаландиҳо маст шудам.

* * *

* * *

Дар маҳфили ҷумла пухтагон мо хомем,
Бо ростдилии хештан нокомем.
Аз чарбзабонӣ рӯи шум овардем,
Чун оинае ба пеши зиштандомем.

* * *

Ҳар ҷо, ки  ту рафтӣ, дар канорат будам,
Бе ваъда сари раҳ интизорат будам,
Нохонда ба сад баҳона дар хонаи ту,
Ҳар рӯз зи бахт умедворат будам.

* * *

Аз гуфтаи худ наям парешон, эй дӯст,
Аз кардаи худ наям пушаймон, эй дӯст.
Ман хӯшаи донарез гаштам акнун,
Аз оташам ин қадар матарсон, эй дӯст.

* * *

Аз кори ту гар рақиби ту ошуфтаст,
Ғамгин манишин,
хилофи маҳзе гуфтаст.
Ҳар гоҳ  ба тавсифи ту пардохт рақиб.
Он гоҳ бидон, ки аз ту нуқсе рафтаст.

* * *

* * *

Нодон чу ба фармони касон чира шавад.
Андешаи ҳар мард аз он тира шавад.
Бархост чу дар хона ғуборе, бингар,
Аввал рухи оина аз он хира шавад.

* * *

Дар кашмакаши ишқ  наафтодаӣ банд,
Бар зиллати ошиқон, дило, айб мабанд.
Оё нашунидаӣ, ки гӯянд  ҳанӯз
Ришат набаромадаст, бар кӯса маханд.

* * *

Эй шӯхнигаҳ умрхазонит бидон,
Сармастӣ зи шавқи дилситонит, бидон.
Селобсифат сарат ба ҳар санг мазан,
Оворадило, қадри ҷавонит бидон.

* * *

# ТАРҶУМАҲО



## И. А. КРЫЛОВ

### Тафохури хар

Деҳқонро дастьёри бемалол
Як хари яввош буд аз молу ҳол.
То ки огаҳ бошад аз хар деҳқон
Баст як зангӯлае бар ёли он.
Гарчи орден чӣ намедонист хар,
Рафт аз худ, гӯшҳояш гашт кар.
Фикр мекард ин, ки вай арбоб гашт,
Лоиқи фахр аст, иззатьёб гашт.

Лек он зангӯла офат шуд ба хар,
(Ибрате гиред харҳои дигар!)
Бояд ин ҷо гуфт, хар беор буд,
Ҳаққимардумхӯру безинҳор буд.
Лек бе зангӯла кайфаш чоғ буд,
Ризқаш аз полизу боғу роғ буд.
Медаромад ноаён бар киштзор,
Сер гашта мебаромад нобакор...
Лек ҳоло корҳо дигар шудаст,
Ҳар куҷое по ниҳад ин худпараст,
Медиҳад зангӯлаи фахраш садо,
Карда огаҳ соҳибони киштро.
Деҳқон аз қаҳр бо чӯбу лагат
Медиҳад ҳайвони моро зарбу лат.
Медавад ҳамсоя ҳам бо панҷшох,
То намояд паҳлуи ӯро сурох.
Оқибат аҳволи маркаб шуд табоҳ,
Лоғару нимҷон шуд то тирамоҳ.
Аз хари пуркарруфар зангӯла монд,
Пӯст монду устухони пӯла монд.
То даме, ки мансабаш поён бувад,
Нокас аз чашми касон пинҳон бувад.
Нобакоронро кунад мансаб хароб,
Ҳамчунон зангӯлаи пуризтироб.

## Хук ва дарахти балут

Хуки мо чалғӯза хӯрду сер шуд,
Бо фароғат хуфт дар зери балут.
Баъди он, ки соате ором ёфт,
Шуд ба пову сабзбунро реша кофт.
Гуфт бо ӯ зоғ аз шохи дарахт:
-- Ин чӣ кори кардагет,
эй некбахт?!
Бар ту аз ин решаҳо фоида нест,
Пас бигӯ ин заҳмати беҳуда чист?
Балки аз ин решакандаҳои ту
Хушк мегардад дарахти хушнумӯъ.
-- Бок не, бигзор хушкад,— гуфт хук.--
Ман надидам нафъи ин шохи сабук.
Метавонам зист умре бедарахт,
Нест бодо ин балути решасахт.

Баҳри ман чалғӯза даркор асту бас,
Сер бошам, соя мехоҳам сипас...»
Бар забон омад дарахти солманд,
Гуфт бо хуки шикамсери лаванд:
-- Ман чӣ гӯям бо ту, эй ҳақношинос,
Кӯр бошӣ, нобакору носипос!
Гар тавонистӣ  назар бар мо кунӣ,
Аз начосатковӣ сар боло кунӣ,
Худ ба чашми хеш медидӣ чӣ сон
Меваи мо мехурӣ, эй калтабон!

Ҷоҳилони кӯрдил дар зиндагӣ
Маърифатро гарчи пушти по зананд,
Меваи ширини онро мехуранд,
Дар ҳавои он фароғат мекунанд.

# МИХАИЛ ЛЕРМОНТОВ

## Шоир

Теғи он рахшанда чун арринкамон,
Ханҷари бенуқси ман — боэътимод;
Сири обу тоби пӯлодаш ниҳон —
Донад онро Шарқи ҷанговарниҳод.

Солҳои сол бар марди далер
Ёвари бемузду миннат буд он.
Теғаш аз ҷавшан гузашта ногузир,
Чок карда синаҳои душманон.

Бас итоатпеша буду шӯхтабъ,
Лек ханҷар дар ҷавоби нобакор,
Дар ҷавоби носазои беадаб
Медурахшидӣ чу барқи навбаҳор.

Теғи он мезад ба теғи душманон
Вақти гирудору ҳангоми ситез.
Зебу зинат буд ӯро бас гарон,
Нанг меомад зи нақши рангрез...

Дар лаби Терек казак ин теғро
Баркашид аз нашъи сарди хоҷае.
Дар таҳи дӯкони сайёре басо
Мондааст ин теғ чун бозичае.

Беғилофу бенишони корзор,
Дигар ӯ бо мардҳо ҳамроҳ нест.
Ҳамчу як бозича дар девор хор,
Безиён, аз номи худ огоҳ нест.

Дасти ғамхоре куҷо то ки варо
Бо навозиш пок созад аз ғубор.
Ҳар саҳар бо меҳр хонад чун дуо
Хатти зарринаш ба гӯши кирдигор.

Ту ҳам, эй шоир, кунун дар асри мо
Эътибори хешро гум кардаӣ.
Таъсиратро дода аз баҳри тило
Шеърро аз ҳарба маҳрум кардаӣ.

Як замоне ин каломи оташин
Дар дили мардон ҷасорат мефузуд.
Шамъи маҷлис буд шеъри дилнишин,
Ояти фатҳу дари ихлос буд.

Шоиро, монанди рӯҳи лоязол
Шеъри ту вирди забони халқ буд.
Рӯзи кулфат, рӯзи шодию висол
Ҳамчу нокусе миёни халқ буд.

Ҳарфи ту хушк асту дилгир ин замон,
Сабки ту олудаи макри замон.
Олами мо ҳамчу пири нотавон
Мекунад бо ғоза оҷингаш ниҳон.

Эй паямбар, чашм бикшо, ҳуш дор,
Кай бурун ой ту аз бадномиҳо?
Теғ баркаш аз ғилофи зарнигор,
То кай он зангор аз нокомиҳо?!

***1838***

## Черкасдухтар

Теппазору марғзорон дидаам,
Дидаам ман ҷангалу кӯҳсорро.
Файзи сахрои гулафшои дидаам,
Дидаам халқи саодатьёрро,
Содаю дилҷӯй пирон дидаам.

Лек андар соҳили Терек ба ман
Турфа черкасдухтаре омад дучор.
Пора шуд дил аз нигоҳаш бесухан,
Ёд омад зодгаҳ, ёру диёр.
Ҷилвагар шуд дар назар Модар-ватан...

Ҳар замон бархезад аз овои мо
Рӯҳи афсӯсу надомат бо фиғон.
Дар забонҳо сӯзи ғамполои мо
То ба рӯзи вопасин дар ин ҷаҳон
Нола дорад ишқ дар дилҳои мо.

***1829***

## Ба Н. Ф. И.

Ҳамеша гӯшаи хилват бихоҳам,
Зи хурдӣ ман ҳамин танҳоиҷӯям.
Ниҳон гаштам агар аз чашми мардум,
Аз он тарсам,
ки андар рӯ ба рӯям
Ба ман изҳори дилсӯзӣ намоянд.

Гумонам буд ин ки некбахтон,
Намефаҳманд ғамҳои диламро.
На сайру гашту сӯҳбатҳои ёрон,
На ширин бӯсаи ёри дилоро
Набикшоянд ин қулфи диламро.

Ҳама андешаҳои муғлакамро
Баён кардам ба ту бо шеъри мавзун.
Бихон ин дафтари шеъри дилосо,
Маро бо мардуми даҳр оштӣ кун,
Маро бо эҳтиросам оштӣ деҳ!

Вале дидам нигоҳат буд хомӯш,
Назар кардӣ ба ман бо чашми ҳайрат.
Сарат ҷунбид бо инкор, нохуш
Бигуфтӣ: — Орзуҳои муҳолат
Ба ақли ту халал оварда бисьёр.

Бикардам бовар ин ҳарфи туро боз,
Ба қаъри дил замоне ғӯта хӯрдам
Ва фаҳмидам, ки ақли дурпарвоз
Накарда бар абас оворагардам!
Чӣ асрори азал меҷӯяд ин ақл?!

Ҷуз он чизе, ки бар мо дода дуньё,—
Самои нилгуну пурситора,
Ҷуз он эҳсон, ки холиқ дода онро
Чиро мефаҳмам, эй дил, эй назора?!
Чӣ мефаҳмам ба зӯри ақл як умр?!

Дили ҳассосу табъи номуросо
Маро аз кӯдаки озурда карданд...
Равам бо дарду ҳасратҳо зи дуньё,
Бимирам пойбанди инчунин фанд,
Надида ин ғамангез орзуро.

***1839***

## Ба К.

Аз тасодуф якдигарро ёфтем,
Хешро дар якдигар бишнохтем.
То ба охир гарчи ҳамдам нестем,
Ҳар ду бо як сӯз дил бигдохтем.

Рӯди саршори баҳоронро нигар,
Осмон дар об рухбозӣ кунад.
Лек ин мавҷи маҳин бори дигар
Дар талотум соҳиландозӣ кунад.

Бар сари ман осмони соф бош,
Вақти тӯфонам ба ман ҳамҷӯш гард.
Зиндаам бо шӯру исьёну талош,
Дар талотумҳо ба ман ҳамдӯш гард.

Ман ба дуньё омадам, дуньё гувоҳ
Бар зафар ё бар ҳалокам оқибат.
То ту ҳастӣ дар барам,
эй дилрабо,
Чист бар ман заҳрханду таҳният?!

Чашми мардум рӯҳи шоирро надид,
Ҳеҷ кас андӯҳи ӯро пай набурд.
Сози ӯро, рози ӯро кӣ шунид?
Рӯзи шодӣ дасти ӯро кӣ фишурд?

***1832***

# Ба К...

Ташвиши беҳударо як сӯ бимон,
Рӯзҳои рафта бар хотир маёр
Лаҳзае дилҷӯ намеёбӣ дар он,
Бештар то дӯст дориам, нигор!

Дӯст медорӣ маро — кофист ин,
Кистам ман ту надонӣ беҳтар аст.
Ман чӣ сон гӯям ба ту,
эй нозанин,
Ки ҳаёти ман пуч асту музтар аст.

Ман нахоҳам бахти ту барбод кард,
З-ин сабаб аз саргузашти ман напурс,
Лоиқи ту нест ин оворагард,
Ҳеҷ гаҳ аз хубу зишти ман напурс.

Он чӣ бар дил буд як вақте азиз,
Ин замон заҳри ҳалоҳил гаштааст.
Талху шӯре, ки ба ман омад лазиз,
Ин замон сарбории дил гаштааст.

Як сухан гӯ, як нигоҳи чун алав,
Ҷон диҳам ман дар баҳои он нигоҳ.
Аз гузашти ман вале ҷӯё машав,
Ман ғами дилро фурӯшам? Ҳеҷ, гоҳ!

## Монолог

Чоҳилу номард даврон мекунад,
Донишу фарҳанги мо даркор нест.
Аз ҳунар, аз шавқи озодӣ чӣ суд,
Ин матоъ аз баҳри ин бозор нест!

Чун гиёҳу сабзаи мулки шимол
Зуд мо гул карда мегардем хазон...
Мисли хуршеди зимистон хира аст
Рӯзгори тираи мо, дӯстон.

Кӯтаҳ аст ин зиндагии якнавохт,
Дар диёри хеш дилгирем мо.
Бе муҳаббат, бе рафоқат, бе баҳор,
Дар ҷавонӣ мурдадил пирем мо.

Меравад беҳуда ин умри азиз,
Дар талошу гирудори нокиро.
Умр заҳролудаи кину ғазаб,
Талх ҷоми зиндагии бебақо;
Ҳеҷ хушнудӣ намеояд ба дил.

* * *

* * *

Ман наям Байрон, азизон, ман дигар,
Кистам, олам намедонад ҳанӯз.
Ҳамчу ӯ ман ҳам гурезонам зи даҳр,
Фарқам аз ӯ ин, ки ман бо қалби рус.

Зуд сар кардам, зуд охир мекунам,
Шоҳроҳи табъи худро, дӯстон!
Дар дили ман ҳам шикаста меравад
Киштии уммед бо сад ормон.

Эй дил, эй баҳри амиқ асрори ту
Кӣ ба мардум мекушояд баъд аз ин?
Кӣ кунад ифшои розам? Ҳеҷ кас
Ҷуз ману халлоқ дар рӯи замин.

## Илтиҷо

Худ нигаҳ дорад маро аз доми он холи сиёҳ,
Ҳам зи дилбандӣ ба он таннози ошиқнописанд.
Алҳазар аз дӯстони нозуки чун шишае,
Ҳам зи пироне, ки дар пирӣ ба кӯи ишқ банд.

# ОВАНЕС ТУМАНЯН

## Дар кӯҳсори арман

Шаби андӯҳгустар, роҳи пурбим,
Ҳамерафтем бе нури ҳидоят,
Аз ин раҳҳои зулмонии кӯҳсор
Ҳамерафтем бо сад ранҷу заҳмат.
Ҳамерафтем аз кӯҳсори арман,
Зи роҳи сахту ноҳамвори арман.

Зи қаъри асрҳои тираву тор
Ҳамебурдем умре ганҷи худро.
Ҳамон ганҷе, ки бобоён ба уммед
Ниҳодастанд чун мерос бар мо.
Ҳамерафтем аз кӯҳсори арман,
Зи роҳи сахту ноҳамвори арман.

Сипоҳи раҳзану duздон дамодам
Зи саҳроҳо сӯи мо ҷанг овард.
Дамодам корвони босафоро
Ғанимат бурдаву тороҷ мекард.
Миёникӯҳи ғамафзои арман,
Ба хун оғушта дар раҳҳои арман.

Вале ин корвони яъсомол
Ба раҳ мерафт,
тан абгору хуншор,
Зи дард озурдаву тороҷдида,
Парешонҳол, беҷурме гунаҳгор.
Миёни кӯҳи пурандӯҳи арман,
Чи кӯҳе,
саркашида рӯҳи арман!

Ба роҳи субҳи фардо менигаштем,
Ду чашми мо ба сӯи осмон буд.
Нишони субҳи содиқ ҷуста умре
Умеди мо ба сӯи осмон буд.
Вале кай мерасид он рӯзи равшан
Миёни кӯҳсори сабзи арман?

## Хоҳарам

Ман яке оворагардам, хоҳарам,
Рӯзгорам сахту роҳам пурхатар,
Нест дар рӯи замин бому дарам,
Кас дар ин роҳ нест бо ман ҳамсафар.

Рӯзҳои тираи бигзаштаам
Медиҳад сад ранҷу озорам ҳанӯз,
Аз мукофоти амал ман хастаам,
Мезанандам сӯз бар болои сӯз.

Дур гаштам аз диёри хештан,
Оҳ, аз имрӯзи бас пурормон.
Рӯд бо тундӣ бимонад дар ватан,
Ман гурезонам чу оҳу дар ҷаҳон.

Ногаҳон дар роҳ вохурдем боз,
Хоҳари ман, хоҳари дилсӯзи ман
Гуфт: судат чист аз оворагӣ,
Балки ту хушбахт будӣ дар ватан....

Аз ӯаму аз кулфати бисӣёри ман,
Меситезанд абрҳо дар осмон,
Ман тавоноям,
гар озодам даме,
Зистан побанд натвон дар ҷаҳон.

Умри ман бигзашт дар оворагӣ,
Хандаи беғам надида меравам.
Бо дили холиву хаста, дар ҷаҳон
Дарди ёре нокашида меравам.

Меравам хомӯш аз торикиҳо,
Дардҳо дар сина дорам, кишварам.
Тарк месозам ҷаҳонрову туро,
Меравам, хуш бош дигар, хоҳарам!

# Дубайтиҳо

То даме, ки шоҳ ҳасту банда ҳаст,
То даме ки бой ҳасту мардикор,
Дар ҷаҳон на ишқ ҳасту на вафо,
Дар замин на бахт ҳасту на баҳор.

* * *

Помол шудаст марғзори Лорӣ,
Ҷуғзест нишаста тарфи ҳар гулзоре.
Ҳар чуғз ду чашм дӯхта сӯям хира,
Гӯяд чӣ расад зи роҳ: садде, ғоре.

* * *

Маро дар хоб мепурсид гӯсфанд,
Ки бар ман гӯй, эй марди хирадманд,
Худо умре диҳад бар кӯдаконат,
Баллазат буд, оё барраи ман?

* * *

Обҳо ҳар лаҳза аз дида раванд,
Ташнагон обе нанӯшида раванд,
Шоирон банди хаёлоти зариф
Донаи мақсуд ночида раванд.

* * *

Мурғе ҳадафи тир намудам ба ҳаво,
Чун санг биафтоду бишуд нопайдо.
Он мурғ ба хоби ман дарояд ҳама шаб
Ҷӯлида ба хоку хуни худ дар кӯҳҳо.

* * *

Ёрони вафодор, куҷоед, куҷоед?
Таскини дили зор, куҷоед, куҷоед?
Ман бе руҳи ёрон ба ҷаҳон дилтангам,
Пайваста дилафгор, куҷоед, куҷоед?

* * *

# МИХАИЛ ЭМИНЕСКУ

## Дидор

«Эй бешаи сабзи ман,
Будӣ ба чӣ шуғле банд?
Бас солу маҳ,
эй дилҷӯ,
Афтода ҷудо аз ту,
Бисьёр сафар кардам
Дар бодияи олам...»

«Рӯзи мани ғампарвард,
Будӣ дами боди сард,
Уллоскашон тӯфон
Шохам шиканад алъон.
Ях бандад аз он сармо
Ҳам чашмаву ҳам дарьё.
Боди саҳарӣ хандад,
Раҳ рӯбаду раҳ бандад.
Ҳам авҷи сурудамро
То абр барад боло.
Корам ҳама мисли пеш
Бишнидани савти хеш.
Бо пайраҳаям занҳо
Оянд лаби дарьё,

Бо кӯзаи об онҳо
Хонанд сурудамро...»

«Эй бешаяки беном,
Бо наҳрчаи ором,
Сарсабзу ҷавон будӣ,
Сарсабзиат афзудӣ,
-- Тобанд дар ин дарьё
Бас солу маҳ ахтарҳо.
Дар неку бади айём
Бошам ба субот ором,
Чун бешаи садреша,
Чун марди баандеша.
Гар давр баду вар хуш,
Ҷорист Дунай бо ҷӯш.
Дар олами саргардон
Бемеҳр фақат инсон.

Истодаву бозистем
То даҳр бувад ҳастем.
Ҳам чашмаву ҳам дарьё,
Хуршеду маҳу гулҳо,
Саҳрои парешонҳол,
Ҳам бешаи деринсол...»

## ЛЕСЯ УКРАИНКА

### Катиба

«Ман шаҳаншаҳ, зоти хуршеди мунир,
Сохтам оромгоҳи беназир
То ки монад қарнҳо бо номи ман,
То ки хонад халқ дар ҳар анҷуман
Номи шоҳаншаҳ...» Шикаста он равоқ
Ҳеҷ кас дигар намесозад суроғ
Кист он шоҳаншаҳи хуршедфар,
Асрҳову аср мардум бехабар.
Кӣ шикаст онро? Шаҳе мағруру маст?
Ё ки дасти рӯзгорон худ шикаст?
Қиссаҳо хонад шикаста хатти зар
Аз шаҳи гумном бар ҳар раҳгузар.
Он катиба бас ҳикоят мекунад,
Аз шаҳи золим ривоят мекунад:
Шоҳ биншаста ба тахти офтоб,
Халқ меояд мутеъ дар изтироб.
Шаҳ чу сангинҳайкале даҳшатфикан,
Бар сараш парҳои товус бодзан,

Рӯи ӯ чун рӯи Тутмес-Аҳриман,
Ҳамчу Рамзес-золимони бас куҳан.
Бо яке чангол шоҳи кинавар
Мегирифт аз мӯи чанд исьёнгар.
Пас ба шамшери ғазаб сар мебурид,
Чун палангу бабр ӯ хун мечашид.
Сарду сангиндил чу Менефту Тарак,
Мисли ҷумла золимон зери фалак.
Бо ҳамон дасти ба хун оғушта ӯ,
Бас наҳангу шеру оҳу кушта ӯ.
Меравад, зери қудумаш мурдагон,
Дар ҳарам шод аст бо дӯшизагон.
Тобеонро мефиристад ӯ ба ҷанг,
Халқ аз озори ӯ омад ба танг.
Ҷон ба лаб аз меҳнати он ҳукмрон,
То ки ӯро ном монад ҷовидон.

Халқ меояд чу дарьё беканор,
Халқ меояд ба сӯи корзор.

Ҳар касе, ки зинда баргардад зи ҷанг,
Ҷон диҳад дар сохтмон, дар зери санг.
Шоҳ рӯи қабри онон баҳри худ
Ёдгори ҷовидон барпо намуд.
Метарошад санги хороро ғулом,
Мепазад хиште чу санг аз лои хом.

Мезанад девори он қасри ҷафо,
Мекунад ӯ ҳайкали худро ба по.
Менигорад, кандакорӣ мекунад,
Санъаташро ёдгорӣ мекунад.
Ҳар гулу нақше, ки он бечора канд,
Ҳайкалу тоқу равоқи дилписанд,
Ҳар як айвон, ҳар яке тасвири хуш,
Сангу хишти безабон дорад сурӯш:
«Мо ҳусули ранҷи дасти халқи Миср,
Ҳайкале бар сарнавишти халқи Миср».
Даргузашт аз даҳр шоҳи нобакор,
Ин катиба монда аз ӯ ёдгор.
Олимон, беҳуда солу моҳҳо
Ҷустуҷӯ доред номи шоҳро.
Давр аз қабри шаҳи гумгаштаном
Ёдгор афрохт бар халқи ғулом.

* * *

* * *

Медавидам, мефитодам як замон,
Дасту пешониву зону захмдор,
Дарди он бар устухонам мерасид,
Медавидам боз бесабру қарор.

Одамон пурсанд дардамро агар,
Ман аз он дилсӯзиҳо ранҷидаам.
Духтари мағрур будам онқадар,
То нагирьям, пеши кас хандидаам.

Гардиши айёмро бингар, ки чун
Зиндагонӣ бозие шуд пурдурӯғ,
Ҳозирам ҳар лаҳза аз ранҷу азоб
Ҳаҷв гӯям ҷои шеъри пурфурӯғ.

Хандаам меояду лаб мегазам,
То нахандам ман ба ин дуньёи дун.
Рафт аз ёдам ғурури кӯдакӣ,
То нахандам, ашк мерезам кунун.

## АЛЕКСАНДР БЛОК

* * *

Ба ҳусни сабзу рӯҳангези беғаш
Шумо чун рӯ ба рӯ оед ҳар гоҳ
Чаро монанди кулфатдида пирон
Шикоят карда аз ғам мекашед оҳ?

Фақат аз бими марги ногаҳонӣ
Ба дуньё дил намебандед асло.
Зи ҳусни хештан дилгир ҳастед,
Чӣ гӯям ман?
Намехоҳам биозорам шуморо.

Намехоҳам, ки дилозор бошам,
Намехоҳам, ки фахрам бо кулоҳам,
Агарчи соҳиби фазлу камолам,
Басо андешаманду некхоҳам.

Гирифторам ба дарди хеш умре,
Суханпардоз, хушдил шоирам ман.
Сияҳ гӯям сияҳро дар ҳама ҳол,
Агарчи гоҳ бори хотирам ман.

Сухан гӯед ғамолуду пурдард
Фақат аз маргу даҳшатҳои уқбо.
Маро ин понздаҳ соле, ки доред,
Ба хотир мерасад, эй ёри зебо.

Бихоҳам ҳамсари дилсӯз бошед
Ба марде, ки шуморо ғамгусор аст,
Сару коре надорад гарчи бо шеър,
Замину осмонро дӯстдор аст.

Ман аз бахти шумо меболам он гоҳ,
Ман он гаҳ, шод хоҳам буд бисьёр.
Фақат ошиқ, фақат дилдодагонро
Тавонам гуфт инсони сазовор.

* * *

* * *

Розиам аз сарнавишти хештан,
Қисмати дигар нахоҳам дар ҳаёт.
Эй дили ман,
                об гаштӣ бе дареғ,
Сӯхтӣ, эй ақл, чун шамъи мурод.

Аз барору нобарориҳои ман
Нақшҳо бигзошт дар дил рӯзгор.
Аз ғаму шодии ин дуньёи дун
Ранг нашкастам, гузаштам бовиқор.

Эй ки озурдам туро бо ишқи худ,
Аз гуноҳам бигзарӣ, ёри туам.
Он ҳама розе,
                ки дар дил доштӣ,
Гӯй як-як, ман ҳаводори туам.

Дида медӯзад нигори сарфароз,
Дил даруни сина туғьён мекунад.
Эй басо шабҳои сарду торро
Ӯ ба ёди ёр поён мекунад.

* * *

* * *

Месарояд дар калисо духтаре,
Аз забони хастагон дар мулки ғайр,
Аз азоби киштиҳои дар сафар,
Аз забони ҷумла ношодони даҳр.

Зери гумбадҳо навое дар хурӯш,
Медурахшад нур дар китфи булӯр.
Месарояд ёри пироҳансафед.
Аз барои модарони носабур.

Гӯӣ субҳи шодмонӣ медамад,
Киштиҳои рафта меоянд боз.
Бар ғарибон рӯзи равшан мерасад,
Мешавад ҳар як мусофир бениёз.

Месарояд дилбари уммедвор,
Лек тифле аз сурудаш бехабар.
Гирья мекарду ҳамегуфт инчунин:
«Ҳеҷ рафта пас намеояд дигар».

* * *

* * *

Ҷумла раҳҳо баранд бар як сӯ
Зиндагӣ ном ҳалқае дорем.
Ин ба мову ту низ пинҳон нест,
Ки ҳама оҷизона такрорем.

Дар паси уфқи тираи фардо
Қисмато,
аз ту дар ниҳебам ман.
Ҳар шабе дӯст дорамаш пинҳон,
Чун расад рӯз,
мефиребам ман.

* * *

* * *

Ба хобам ҳамчунон дар рӯзи равшан
Нигоре рӯ ба рӯ ояд дамодам.
Ба сӯям бо муҳаббат ҳарф гӯяд,
Қудуми ӯ баҳор орад ба олам.

Сухан гӯяд нишаста рӯ ба рӯям:
-- «Аз он ёрони гӯлу содаам ман,
Тамоми халқ медонанд акнун
Чигуна бар шумо дилдодаам ман».

Вале ман аз каломи сӯзнокаш
Нахонам шӯриши он ишқи дерин.
Нишаста гарди ғам рӯи ҷабинаш,
Ду чашмонаш шавад ҳар лаҳза ғамгин.

Куҷо бар дил расад акнун суханҳош?!
Нахоҳам маст буд аз атри гесу.
Наям афсуни ин чашмони шаҳлош,
Ки ман дилдодаам бар шеъри дилҷӯ.

Ба дасташ дастпона ёри дерин
Тааҷҷуб мекунад з-ин саркашиҳо.
Магар тамкини марди шоир авлост
Зи сӯзи ишқу шавқи дилхушиҳо?

* * *

Чаро ту сарнагунӣ аз хиҷолат?
Ба чашмонам нигар, дерина маҳбуб.
Чаро беҳуда дар ин чанд соле
Талаф кардӣ чунин ҳусни дилошӯб?!

Дигар гаштам, кунун ман ҳам на онам,
Куҷо шуд он ғурури марди соҳир?!
Назар дорам кунун бе ҳеҷ уммед,
Ба ин дуньёи бас оддиву дилгир.

Барои он ҳама найрангу макрат,
Ки бар аксар занон хос аст имрӯз,
Насозам таъна, эй зебои пешин,
Намегӯям маломат, эй сияҳрӯз...

Фақат ман донам, эй зебои бебахт?,
Чӣ сон ҳуснат ба ғорат додаӣ ту.
Зи ҳар як ошиқе ман беш донам —
Ба ин аҳвол чун афтодаӣ ту!

Замоне ҳар дуи моро ҳамин шавқ,
Ҳамин майлу ҳавас афканд дар ғам.
Ман аслан бо ту озоду сабуксор
Паридан хостам то боз афтам.

Умедат буд бо ҳам ёр бошем,
Ба ҳам созему ҳам сӯзем ҳар ду.
Агар мурдем — ҳамоғӯш мирем,
Гузар созем аз дуньё ба як рӯ.

Ба монанди тамоми орзӯҳо
Умеди мо хаёлу хоб будаст.
Ва ё худ зиндагонӣ бар сари мо
Чӣ шуд, ки захри худро рехт барқасд?!

Ба мо коре надорад рузгорон,
Заволи орзӯ будаст ҷоиз.
Ману ту ҳеҷ хушбахтӣ надидем?
Магар бо ман набудӣ шод ҳаргиз?!

Магар ин мӯи дилҷӯи тилоӣ
Фуруғи оташи он рӯзҳо нест?!
Бубахш, эй дилбари ҳассоси бебахт
Намегардӣ фаромӯшам сабаб чист?

* * *

* * *

Суруде хонад аз гулҳои хандон,
Сарояд аз баҳори дилнишине.
Бигуфтам: «Эй малика, меравам ман,
Ба ёд оварда маҳзун менишинӣ».

Ба китфи ман ниҳода дасти худро
Бигуфто: «Аз барои ҳифзи меҳан
Силоҳи ҳарба гиру рав ту бар ҷанг,
Нигаҳдорам туро бо меҳри худ ман.

Бирав қарзат адо кун, эй ҷавонмард,
Бирав,
боз ой сарсабзу ҷавонбахт.
Дари дилро ба кас накшода зинҳор,
Нишинам интизорат рӯи ин тахт.

Сипас бар дида ояд шодмонӣ,
Равад бигзашта солу моҳи бисьёр.
Зи даври қаср хиш-хиш бигзарад бод,
Ба ҷӯҳо ояд оби рафта такрор.

Ба ин сон вохурӣ омодаам ман,
Равонам сӯи ту он гоҳ, эй ёр,

Агар дар нӯги шамшерат ту аз ҷанг
Баҳор орӣ, баҳори сабзу гулнор.

Бирафтам ман, шукӯҳи қасри ту ҳам
Бирафт аз пеши чашмонам, ниҳон шуд.
Маро маъзур дорӣ, роҳи ман дур,
Баҳори орзӯям ормон шуд.

* * *

Сард гардад агар дили гармам,
Меравам боз сӯи тӯфонҳо.
Бар шумо медиҳам дилу ҷонам
Ман дар ин бекасӣ, эй инсонҳо!

Меҳр ҳасту маро ба дил қаҳр аст,
Гоҳ хотирпареш меоям.
Эй ситамгар, зи худнамоиҳот
Ҷону дил реш-реш меоям.

Дӯст гӯяд: Бас, фаромӯш кун,
Роҳате бин ту ҳам дар ин дуньё.
Худфурӯшӣ наҷоти шоир нест,
Аз муросо мурданаш авло.

* * *

## Устод

Зимистонҳои тӯлониву гармоҳои тобистон,
Ба рӯзи шодмониву дар айёми сияҳрӯзӣ
Куҷо савте, ки дар дилтангиҳои ман шавад дармон?
Суруди ғамбароре ку? Куҷо як савти пурсӯзе?!

Замоне ёфтам он сози дилхоҳу гуворор‍о,
Ба дил гуфтам: «Шикан ингуна созу савти бепарво!
Вале дар дидаҳои интизорам торҳои он
Ба ларзиш медаромад бо ҳазорон савти рӯҳафзо.

Магар тӯфони дарьё буд? Ё мурғи биҳиштӣ буд?
Ки андар шохсорон месуруд он рӯз бас бехуд?
Ва ё гулҳо ба рӯи хок резон гашта ҳамчун барф?
Малоик мепаридандӣ ба рӯи осмон хушнуд?...

Дарозанду чунон беохиранд имрӯз соатҳо,
Маро бар гӯш меоянд он оҳангҳо акнун.
Саросар рӯзҳои рафта рӯ оварда бар фардо,
Касе на коми дил ёбад, на нокас мешавад Қорун.

Валекин оқибат, дар мунтаҳои ин шаби зорӣ,
Даме ки рӯзи нав тавлид мешуд аз вафодорӣ,
Хирад шуд ҳалқаи дору ба по занҷир шуд фарҳанг,
Ва барқе сӯхт рӯҳи одамиро чун хасу хоре.

Ман он мурғи сабукпарвозу озоди хушоворо,
Ки аз дасти аҷал ҳар сӯ гурезон буд дар дуньё,
Наҷоти ҷони пурармони худ меҷуст, по бастам,
Даруни панҷаи сарди қафас ҷо кардам, одамҳо!

Қафас вазнину фӯлодин, нигар як бор бар ин дом,
Тилогун медурахшад ғарқа андар шӯълаҳои шом.
Нигар ин мурғаки хушлаҳҷаву озодро дар банд,
Даруни панҷара хуш чаҳ-чаҳе дорад аз он айём.

Нишаста дар паси тиреза гӯш андоз, ҳай афсӯс,
Пару болаш шикаст, аммо суруде ёд мехонад.
Ба гӯши ту хуш ояд он, маро дилгир месозад,
Навои тоза мехоҳам, вале мурғак намедонад.

# НОЗИМ ҲИКМАТ

## Сафедор

Шаб сафедоре, ки тобад андар об
Сарву шамшод аст гӯи нуқратоб,—
Гуфта буд шоир Надим аз сӯзи ҷон.

Дӯстдори тӯсҳои мулки худ,
Тӯсҳои чун арӯсон дар сукут
Аз Рязан шоире буд хушбаён.

Аз ҳамон рӯзе,
ки рафтам аз диёр,
Пеши чашмонам сафедоре чу ёр
Гоҳ хандад, гоҳ гирьяд бо фиғон.

Рост истода сафедоре ба роҳ
Чун арӯсон мекашад аз сина оҳ,
Интизор аст ӯ ба ёри меҳрубон,

Рӯзи тобистони гарму рангзард
Аз миёни бомҳои деҳ ба дард
Бингарад бар роҳ субҳу шом он.

Аз сари шаб то саҳар бо чашми чор
Шуд сафедоре ба ман ҳам интизор
Дар таҳи девори зиндон як замон.

Эй сафедор, эй гувоҳи ҳоли мо,
Шоҳиди уммеди мо, омоли мо,
Номи мо,
номуси мо дар ин ҷаҳон.

Эй сафедор, эй шарики бовафо,
Дар ғаму аидӯҳи якумрии мо,
Ту шарикӣ, ҳамдамӣ ту ҷовидон.

Кишварам, ман бо арақҳои ҷабин
Худ напарвардам сафедоре чунин.

## Мактуб ба ёр

(7.X1.1933. Бурса. Махбас)

Аё яктои ман!
Ба ман бинвиштаи дар номаи хеш:
«Сарам дар фикри кори ту гаранг аст,

Дилам дар чанги гургон аст гӯё,

Туро гар қатл бинмоянд
ман ҳам
Нахоҳам зистан дигар ба дуньё».
Машав маъюс, ҷонам,
ёди ман ҳам
Пас аз маргам зи хотирҳо равад зуд.

Ба мисли абри найсон бо шамоле

Парешон мешавад зуд.

Дар асри бист,
Дар аҳди ману ту
Начандон сахт буд ҷабри чудой,
Дили инсон зи ҳаҷри бешуморе

Дигар безаҳмате ёбад раҳой.

Агарчанде кунун маргам яқин аст,

Вале мурдан намехоҳам ба армон.

Ба ман бовар кун, эй ёри вафодор,

Намехоҳам бимирам зери зиндон.

Агар дасти аҷал чун анкабуте

Танобе афканад бар гардани ман,

Даруни ҳалқаи чашмони Нозим

Набинад тарс ҳаргиз душмани ман.

## Тафти дил

Агар дар вопасин субҳи ҳаётам
Туро бинам, бубинам дӯстонро,
Суруди нотамомам месупурдам,
Ба дил ҳасрат намерафтам зи дуньё.
Ба ҳусну нийят, эй маҳбуби хушгил,
Нигаҳширин, нигори ғамгусорам,
Чаро гуфтам ба ту дар ҳукми маргам?
Ҳанӯз аз зиндагӣ уммедворам.
Чаро гуфтам саромад рӯзгорам?
Ҳанӯзам ҳеҷ равшан нест, ҷаллод
Ба ҳар ҳол аз ҷафоям даст бардошт.
Дигар осуда бош, эй ёри мӯънис,
Раҳоӣ ёфтам аз тири сайёд.
Сари инсон турунҷе нест, к-онро
Бурад аз тан ба майли худ ситамгор.
Саравал бояд андешанд борик,
Чи мегӯянд бар халқам з-ин озор.
Азизам, ғам махӯр беҳуда имрӯз,
Надонад кас чи пеш ояд ба фардо.
Агар пул дорӣ, шалворе фиристон,
Ки дар ранҷам зи дарди по ба сармо.
Фаромӯшат нагардад боз, дилдор,
Зани маҳбус бояд сарбаланду
Умеду орзуяш нек бояд.

## Туркия

Чу аспе дар садои наълҳош ошӯбҳо пинҳон,
Рамида аз дили Машриқ
ба дарьё сар ниҳодаст он,
Бувад он ганҷи мо, ганҷинаи мо,
Бувад он кишвари вайронаи мо.

Ҳамон дандонфишурда, побараҳна, дастҳо дар хун,
Заминаш ҳамчу қолини бирешим мекунад афсун,
Ба ҷони мо ҷаҳаннам низ ин ҷост,
Биҳишту сабзу хуррам низ ин ҷост.

Дари бегонагонро бояд ин ҷо ҷовидон пӯшид,
Барои бахту озодии инсон баъд аз он кӯшид!
Мароми рӯзгору даъвати мо,
Талоши зиндагиву рояти мо.

Ба монанди чинори тоқа танҳо зистан озод,
Ба мисли бешазорон зистан ҳамдаст бо имдод,
Умеду орзӯи мо,
Навиде аз нумӯи мо.

## Боз дар ҳаққи ватан

Ватан, аз ту нишони ёдгорӣ
Намонд имрӯз ҷуз қалби шикаста.
На он кӯҳна кулоҳи корпӯшӣ,
На кафши роҳҳоятро гузашта.

Дарида дар тани ман ҷомаи ту,
Дигар чизе надорам ёдгорӣ.
Нишон аз туст ин чини ҷабинам,
Ба дил захми навам,
Мӯи сафедам,
Ватан, аз ту нишони ёдгорӣ.

## Асир

Чордаҳ сол ба зиндон будам,
Ҳафтдаҳ соли дигар монд ба пеш.
Аз замирам наравад маслаки ман.
Мурдани шер беҳ аз зинда чу меш.

Ошиқам ман ба ҳамон ёри куҳан,
Ба рухи дилбару чун шир сафед.
Он сурудест маро вирди забон,
Дар чаҳон мисли варо кас нашунид.

Дар сурудам ҳама андӯҳи чаҳон,
Зафару шодии мардони чидол.
Дасти дилдор ба дастони ман аст,
Гарчи дур аст ба ӯ рӯзи висол.

## Мактуби вопасин ба писарам Муҳаммад

Ситода дар миёни мову ту хунхор ҷаллодон,
Вале дил нописандӣ мекунад бо ханҷари онҳо,
Муҳаммад, ворisi умрам,
Гумонам, ман туро нодида хоҳам рафт аз дуньё.

Яқин донам, ту мисли хӯшаи гандум қад афрозӣ,
Баланду тозаву пурбор хоҳӣ буд,
бас ман ҳам
Дар айёми ҷавонӣ ҳамчунон будам.
Ба мисли модарат чашми сиёҳи сурма хоҳӣ дошт,
Даруни ҳалқаҳои чашми шаҳлоят ғаме пинҳон,
Ҳамон тарзе, ки вақте ман миёни дӯстон будам.
Сарат орому беташвиш,
Ҷабинбикшодаву овози ту пуршӯр хоҳад буд.
(Куҷо он ҷазбаи пешина акнун дар садои ман?)

Суруди ту чу гулбонги саҳар мафтун кунад касро,
Зи нутқи ту фитад оташ ба рӯи сафҳаи айём,
Замоне ман ҳам аз минбар зи дилҳо мефишурдам оҳ,
Ва мегуфтам барои мардумон пайғом.

Ба кирдору ба гуфтори накӯят мебарам ҳасрат,
Муҳаммад, духтарон девона мегарданд дар меҳрат.
Туро бо сад гаронӣ бепадар парвард он модар,
Варо ҳаргиз маёзор,
Қи он бечора худ як рӯзи равшан ҳам надид аз умр,
Набуд аз бахт бархурдор,
Варо дильёб шав, аз қалби ӯ занги ситам бардор.

Муҳаммад,
Модари ту дошт рӯҳи поки исьёнгар,
Дили монанди абрешим нафису нарму нозук дошт,
Вале монанди абрешим батобу пухта будаст он,
Гаронихои умри мову ту бар дӯши худ бардошт.
Агар ӯ пир гардад ҳам, ҷавону нозанин монад,
Ба монанди ҳамон рӯзе, ки аввалбор медидам.
Канори Шохи Тилло,
дар замони ҳафтдаҳсолӣ,
Ба мисли навгуле шодоб дар гулзор медидам.
Аё хуршеди ман, нури умеди зиндагии ман,
Нигори чашмолуям, қабул кун бандагии ман.
Муҳаммад, он саҳар бо модарат падруд бинмудем,
Ба уммеди висоли ҷовидон будем,

Валекин умри мо бигзашт дар ҳиҷрон.
Азизам, модари ту меҳрубону соҳибидрок аст,
Бақои умри ӯ бодо дар ин дуньёи ҷовидон.
Муҳаммад, ман натарсам ҳеҷ аз мурдан,
Диламро мефишорад лек танҳоии бас мудҳиш,
Чӣ сахт аст одамиро бекасу танҳоӣ дар пирӣ,
Чӣ мушкил ҷон супурдан дур аз ёру диёри хеш.

Ҳаёт ин гуна ширин асту аз он сер гаштан нест,
Ҷаҳони орзуҳо дар дили ман боз бедоранд.
Ҷаҳон ин хонаи ту, хонаи мероси ман бар туст,
Дар ин дуньё ту меҳмон нестӣ,
хуш дор, эй фарзанд, эй дилбанд!
Ба обу донаву бар хок бовар кун,
Вале пеш аз ҳама бар одамон бовар кун, эй фарзанд,
Ҳамеша бо китобу савту оҳанг ошноӣ кун,
Вале пеш аз ҳама бар мардумон ёвар шав, эй фарзанд.
Дилат бигзор хун гардад:
Барои ҳар ниҳоли сабзи хушкида,
Ва бар ҳар ахтари хомӯш гардида,
Ва бар ҳар ҷонвари озори кас дида.

Вале пеш аз ҳама бар одамон ҳамсар шав,
эй фарзанд.
Массарат гиру хуш бош аз ҷаҳон,
Зи субҳи равшану аз шоми тори он,
Зи файзи навбаҳори он,
Зи сармои зимистон,
Аз хазони тирамоҳон,
Зи неъматҳои алвон;
Вале пеш аз ҳама бо халқ ҳамдил бошу неруманд.

Муҳаммад, кишвари бас дилфиребе ҳаст дар олам —
Замини Туркия, мулки ҳасадангези мову ту.
Чӣ мардоне дар ин кишвар!
Ҷасуру ростқавлу бовафову кормандонанд,
Вале дар бенавоӣ хастаҷонанд.
Ба дӯши мардуми бечора таҳдиди ситамгорон,
Вале фардои ӯ рахшон.
Муҳаммад, ту ба мардум ҳамдилу ҳамдаст хоҳӣ гашт,
Ту хоҳӣ сохт коммунизм дар ин кишвари побаст.

Ту ранги коммунизмро ба чашми хеш хоҳӣ дид,
Ту онро дар диёри мо ба дастат тарҳ хоҳӣ баст.
Муҳаммад, ёдам ояд лафзи ширину суруди мо,
Зи дард андар даҳон нону намак мегардадам чун заҳр,
Ба ёди ту, ба ёди модарат гирьён,
Ва андар ҳасрати ёру диёри хеш пурармон,
Дар ин ҷо меравам аз даҳр!
На дар ҳиҷрону маҳрумӣ,
На дар мулки ғарибиҳо,
Бимирам дар диёри орзуҳои худ хушком,
Дар он шаҳри пуранворе, ки он ҷо
Маро бигзашт бас хуррамтарин айём!
Муҳаммад, нури чашмонам, туро ман
Ба ҳизби коммунисти Туркия биспурдам аз имрӯз,
Дигар бо хотири осуда хоҳам рафт аз дуньё.
Ҳанӯз андар вуҷуди ту,
Ҳанӯз андар мароми халқ рӯҳам лона бигзорад,
Ҳаёти ҷовидонам бар
дили мардум шарар борад.

# ҲАМИД ОЛИМҶОН

## Россия

Россия, эй Россия, мулки пурфар,
Диёри беҳудуди осмонӣ,
Туро бо нури худ хуршеди ховар
Намегирад яку якбора дар бар.

Ба монанди сабо поездҳоят
Расидан то шимол аз роҳ монанд.
Туро сайёҳ аз сарҳад ба сарҳад,
Гузаштанро ба соле орзуманд.

Саросар дар барат парвоз хоҳанд,
Агар тайёраҳои оҳанинбанд.
Зи Мағриб то ба Шарқи Дур оянд,
Дар оғӯши ту чандин раҳ нишинанд.

Камарбандат намегарданд ҳаргиз
Ба ҳам пайванд созанд рӯдҳоро.
Ба мисли мардуми ту миллате нест,
Ҳақиқатпарвар андар рӯи дуньё.

Бар ҳар офат зафар кардӣ ба майдон,
Дили ту манзили меҳру вафо шуд.
Ту гашти аҳли заҳматро саробон,
Дили ту васлгоҳи халқҳо шуд.

Ба даргоҳи Александр Невский
Вафо дорад кунун ҳар миллати мо.
Дар он ҷое, ки Пушкин мӯътабар шуд,
Шараф дорад Навоии дилогоҳ.

Дар он хиргаҳ, ки Ленин зист, будам.
Сукути рӯҳи русро дидам он дам.
Чу аз Маскав ҳамерондӣ адӯро,
Дар оташ теғи пӯлоди ту дидам.

Россия, қаҳри сармои ту дидам,
Ки мурғони ҳаво яхбаста буданд.
Писарҳоят вале дар барфу бӯрон,
Ба тақдири ҷаҳон пайваста буданд.

Ман андар даштҳои беканорат
Ҷаҳон нодида ҷанги сахт дидам.
Зи ҷангалҳои душман даргузашта
Нигоҳи субҳи чун ангишт дидам.

Ба мисли офтобӣ дар шафоат,
Ҳарорат касб дорӣ, эй Россия.
Зи қаҳри беначоти ту фашизм
Бисӯзад мисли хоре, эй Россия.

Садоҳои туфанги ту дамодам,
Ба ларзиш оваранд арзу саморо.
Канори руд чанги беамонат,
Дигаргуна кунад обу ҳаворо.

Чавонони туро дар чанг дидам,
Диловар дар фазо чун медиҳад чон.
Бидидам чашми пурхуни адӯро,
Ба фирӯзии ту овардам имон.

Россия, эй Россия, модари ман,
Ба чон фарзанди ту ҳастам,
на меҳмон.
Дар оғӯшат маро парвардаӣ ту,
Бароят ҳар нафас чон медиҳам, чон!

## Шинель

Рангат ба ранги хок аст,
Мисли намат ту форам.
Аммо туро напӯшам
Дар пахлӯи нигорам.

Сад борҳо накӯ буд,
Он беқасаб қабоям,
Аммо чи метавон кард,
Бар ҷанг медароям.

Бар ман туро, шинелам,
Андӯҳи ҷанг пӯшонд,
Модар,
падар, бародар,
Номусу нанг пӯшонд.

Ман бо ту раҳ гирифтам,
Бар сӯи хасми манфур.
Афтодам аз диёри
Маҳбуби хештан дур.

Бар дасти донапошам
Тиру камон гирифтам.
Аз душманон қасоси
Пиру ҷавон гирифтам.

Бастам миёни худро,
Бо тасмаи камарбанд.
Рӯмоли ёр дода,
Мондам барои фарзанд.

Баҳри дифои халқам,
Дар ҷанг ҳамчу ҷавшан,
Маҳбуби чашм бар роҳ,
Пӯшонд бар тани ман.

Бар санг сар ниҳодам,
Ту — болини париқу,
Дар ботлоқ бихуфтам,
Бистар шудӣ маро ту.

Доим ба тан, шинелам,
Аз ту нагаштаам сер.
Афсӯс мехӯрам гоҳ,
Пӯшидамат чаро дер?

Дар тан мисоли ҷавшан,
Пайваста бо манӣ ту.
Аз тан туро намонам,
Бигрифтам ончунон хӯ.

Дар ҷанг гар намурда,
Бар хона бозгардам.
Ҳаргиз насозамат хор,
Эй, ёри ҳамнабардам.

Дар пешгоҳи хона,
Овезамат ба девор.
Гар беқасаб бипӯшам,
Чашмам ба туст ҳар бор.

## Дар соҳилҳои Чирчиқ

Нур мебахшад нигоҳамро чаман,
Ҳамчу дарьё меравад ҳушу хаёл,
Аз паи обе, ки мерафт аз дилаш
Менигашт осуда кӯҳи Чотқол.

Дар канори рӯди Чирчиқ медавам,
Пеши чашмам Сиру Омӯ ҷилвагар.
Мекушояд қуфли асроре ба ман,
Мавҷҳои шӯхи дарьё ҳар сафар.

Дӯстону ҳамдиёрон дар барам,
Сӯҳбате дорам миёни аҳли фан.
Аз зироат,
                    аз наботот, аз ҳама,
Дарс мегӯянд ин мардум ба ман.

Дар кафи дасти яке тақдири чӯл,
Дар кафи дасти яке дарьё равон.
Хокро гирад яке, зар мешавад,
Аз ях оташ меҷаҳад бар осмон.

Хоки Туркистони вайрон дар куҷост?!
Ахтари Шарқ — Ӯзбекистон аст ин.
Кишвари маҳбуби дарьёҳои нав,
Сарзамини лутфу эҳсон аст ин.

Авҷ дорад ғӯзаи саҳрои он,
Кӯҳҳояш кони тилло, кони зар,
Боғҳояш чашмаҳои шарбатанд,
Ибрати ҳамсоягон шуд дар ҳунар.

Лек хоки Шарқи ҳамсоя ҳанӯз,
Ташнаи оби хуши Фарғона аст.
«Бемадорам, нурӣ деҳ!» мегӯяд он,
Озути Чирчиқ ба ӯ афсона аст.

Ҷӯйҳое, ки Навоӣ бигзаронд,
Аллакай хушкида, вайрон гаштаанд.
Бар Навоии нав онҳо интизор,
Ҳусни Чирчиқ дида ҳайрон гаштаанд.

Дар дилаш деҳқони Шарқи мустаманд,
Орзуҳо парварад аз оби он.
Ёд орад киштзори сӯхта,
Оҳ хезад аз дили пурормон.

Шоири Шарқам, ба чашмам дидаам,
Оби чашму оҳи дилро дар суруд.
Мардумонро он наво бар ҷанг бурд,
Дар дили ношодҳо шодӣ фузуд.

Сӯи Ленин бурд мардумро суруд,
Раҳнамо дар ҷустуҷӯи бахт шуд.
Кундаву занҷиру завлона шикаст,
Халқро ёру бародар карда буд.

Дар дилаш деҳқони Шарқи мустаманд,
Орзуҳо парварад аз оби он.
Ёд орад киштзори сӯхта,
Оҳ хезад аз дили пурормон.

Об не, доруи дарди деҳқон,
Об не, ин нури чашми одамӣ.
Дар дили вассофи Чирчиқ орзуст,
Шарқро бинад ҳама дар хуррамӣ!

Соҳили Чирчиқ чароғон гаштааст,
Рӯ ба рӯям мавҷи дарьёи пуроб.
Мехурӯшад дар дилам мавҷи суруд,
Дар сари кӯҳҳои барфӣ маҳтоб...

## РАСУЛ ҒАМЗАТОВ

### Кӯҳистониён дар ҳузури Ленин

Он замон дар мулки кӯҳистони мо
Васфи ӯ гуфтанд бо шеъру суруд.
Дар Арокон ҳар яке сарбози мард
Дар забонаш номи ӯ ҷон дода буд.

Одамон дар кулбаҳои тангу тор
Қисса мегуфтанд шабҳои дароз.
Дар ҳақи Ленин ғазал хонад ашуг,
«Боз хон, такрор,— мегуфтанд,— боз».

Номи ӯ машҳур... Лек аз кӯҳиён
Сурати ӯро надида ҳеҷ фард...
Сол вазнину замон нотинҷ буд,
Буд Доғистон чу майдони набард.

Ёди Ленин менамуданд одамон,
Дар зимистон ҳамчу ёди навбаҳор.
Мардуми озурдаро дар тафси рӯз
Буд Ленин соябони хушгувор.

Гӯӣ марди паҳлавоне буд ӯ,
Як сару гардан баланд аз кӯҳсор.
Гар кашад шамшери худро аз ғилоф,
Мекунад душман зи кӯҳистон фирор.

Чашми тези ӯ дурахшон менамуд,
Дар назарҳо наҷми тобон менамуд.
Қосидони мулки Доғистони ман
Сӯи ӯ рафтанд бар қалби ватан.

Устодони Кубачӣ баҳри вай
Турфа шамшери азиме сохтанд,
Аз барои паҳлавони номдор
Пӯстин тайёр шуд дар деҳи Анд.

Тӯҳфа бурданд аз барои ӯ чубуқ,
Нукракӯбӣ карда бо алмосу дурр,
Як тамокухалтаи гулдӯзие,
Ҳам паём аз халқи Доғистони дур.

Аз лаби дарьёи Каспий то Пумад
Гуфт бар Ленин саломи оташин.
Сар ба сар кӯҳсори Доғистони мо
Боғу деҳ — аз осмон то бар замин.

Тай намуда кӯҳу саҳрои зиёд,
Чеҳраҳоро сӯхта дар гармсер
Қосидон рафтанд сӯи пойтахт —
Пойтахти нурбори беназир.

Доимо дар Маскави меҳнатшиор
Аз саҳар то шом мечӯшид кор.
— Хайра мақдам, —
гуфт дар кохи Кремль
Посбон бар қосидони кӯҳсор.

Ҷумла дарҳо боз шуд бар рӯяшон,
Ҷумла меҳромезу бас пурэҳтиром.
Баҳри вохурӣ бурун омад Ленин,
Будааст ӯ марди одӣ, хушкалом.

Гашт ӯ пурсон зи ҳар як хонадон,
Буд ӯ пурсон зи ҳоли кӯдакон.
Дӯстонро ёд овopen боз,
Ёд карданд аз шаҳидони ҷавон.

Чеҳра пурнуру табассум дар лабон,
Менишаст ӯ байни доғистониён.
Гоҳ мепурсид Ленин маслаҳат,
Ҳарф мезад чун рафиқи роздон.

Қосидон хушнуд будандончунон,
Ноаён бигзашт вақти дилписанд.
Саҳл монд он тӯҳфаҳоро бар Ленин
Носупурда хайру хуш месохтанд.

Пӯстинро, ҳамчунон шамшерро
Бо табассум Ленин аз онҳо гирифт.
Гарчи таммокукашӣ одат надошт,
Ӯ чубукро ҳам чу як савғо гирифт.

Баъд, вақти хайрухуш бо дӯстон
Гуфт ӯ бар кӯҳиёни меҳмон:
— Дар ҷавоби тӯҳфаҳои бас гарон
Ман чӣ бахшам бар шумо, эй дӯстон?

Қосидон гуфтанд: — Дар кӯҳсори мо
Суратат ҳаргиз надид аҳли башар.
Сурататро деҳ ба мо,
эй мӯътабар,
Беҳтар аз он нест савғои дигар.

Кӯҳиён бо шавқу завқи беҳудуд
Роҳ бигрифтанд сӯи мулки худ.
Сурате бурданд аз Ленин, дар он
Соядасти доҳии маҳбуб буд.

Солҳо бигзашта аз он вохурӣ,
Лек он дар хотири пиру ҷавон.
Сурати доҳӣ ниҳода дар музей,
Доимо гулҳои тар дар зери он.

## ЕВГЕНИЙ ЕВТУШЕНКО

### Вакилон ҷониби Ленин равонанд
(Аз достони «ГЭС-и Братск)

Гузашта шаҳру деҳу дашту саҳро,
Гузашта гушнагию дарду сармо
Вакилон ҷониби Ленин равонанд,
Вакилон ҷониби Ленин равонанд.

Хурӯшад тундбоду барф борад,
Ба саҳро гурги гушна нола дорад,
Вале деҳқон «ҳақиқат ку?» бигӯяд,
Ҳамеша ӯ адолатро биҷӯяд.

Ҳақиқатро биҷуст ӯ асрҳо боз,
Биҷуст аз аҳди Разину Пугачев.
Адолатрову Ленинро ҳамеҷуст,
Вале ку, дар куҷо буд адлу инсоф?!

Вакилон ҷониби Ленин равонанд,
Суханҳо зери лаб такрор-такрор,
Қадам аз баҳри худ, аз баҳри бобо,
Барои ҷумла дар раҳ монда бардор.

Расида аз канори Волга Ленин,
Зи мулки мӯътабар Степа Разин.
Зи хатти тилгрофу ҷумла ахбор
Бубинад ӯ вакилони фидокор.

Бубинад дасту рӯҳои пуромос,
Ба гӯшаш мерасад ҳар сурфаи мо.
Бидонад мӯза мепурсанд аз ӯ,
Ва хӯроке, ки ноёб аст ҳоло.

Ситезад  барфу бӯрон... Раҳнавардон
Зи сармо ҷон ба лаб афтону хезон
Агарчи Ленин аз худ бехабар буд,
Валекин бохабар аз ҳоли онон.

Агар аз дарду доғи кулбаи Рус
Замоне бехабар бошем, донист:
Тамоми «изм»-ҳою ғояҳомон
Ҳама сафсаттаю беҳудагӯист.

...Ҷаҳида асп аз болои ғавғо,
Занону кӯдакон дар шӯру ғавғо.
Кулак пинҳон намуда ғаллаашро,
Вабою ҳасба ҷӯшад дар ҳама ҷо.

Хамида қаддашон аз шиддати бод,
Зи рӯи барфу ях қатъию ношод
Вакилон ҷониби Ленин равонанд,
Саропо барф, Бобо-Барфӣ монанд.

Гузашта ку ба ку, саҳро ба саҳро,
Гузашта шаҳрҳову бешаҳоро.
Ба дидори Ленин деҳқон равон аст,
Худи ӯ гарчи Ленини Замон аст.

# ДАВИД КУГУЛТИНОВ

## Ба Литва

Надида будамат, эй Литва, ҳаргиз,
Фақат дар хоб медидам туро ман.
Сухан меёфтам гарму шарарбез,
Туро ман месутудам бо сад аҳсан.

Хурӯшон мавҷҳои баҳри Балтик,
Нилобиранг кӯлу рӯдҳоят
Куҷо монад ба ранги дашти қалмиқ
Ба явшонзорҳои пурҳарорат?

Ман андар шаҳрҳои бостонит
Набудам меҳмони шеъргӯят,
Валекин ин манам он ёри ҷонит,
Гузашта гӯи аз ҳар деҳу чӯят.

Писандам шоирони бас ҳунарвар,
Барои шеърҳои шӯрангез.
На Майронис ба ман гардид ёвар,
Маро не раҳбалад шуд Донилайтис.

Ману ту ошно будем, Литва,
Ману ту ҳамсадо будем, Литва.
Ҳақу ноҳақ ба ҳам дар ҷанг буданд,
Ману ту ҷонфидо будем, Литва.

Нафаҳмам гарчи лафзи литвонӣ,
Забони ширадори дӯстонам,
Вале бовар кунед, эй халқи олам,
Шиносад дӯстро кас безабон ҳам.

Бигӯяд ёри литвонӣ «живирблис» —
Садои рӯдҳо ояд ба гӯшам.
Баҳор аз боғу дашти сабзу полез
Навои ошно ояд ба гӯшам.

Ҳар он чизе, ки хуб асту гуворост,
Ба литвонӣ ҳамегӯянд «герай».
Ба ёд ояд диёрам, мулки зебо,
Ки он ҷо хонаро гӯянд «гере».

Ту маънии «гере» ву ҳам «герай»-ро
Фақат дар ҷанг фаҳмӣ, эй дилосо,
Фақат дар ҷанг одам нек фаҳмад,
Макону манзили кас хубу зебо.

Ман аз рӯҳи баланду азму имон,
Ҳам аз тамкини фарзандонат, эй ҷон,
Хамӯшии пурасрори ту дидам,
Сукути ҳар булутзори ту дидам...

«Диёри дилрабоям, Литва», гӯён,
Ба шеъри Мицкевич он далерон
Ҳамерафтанд ҷон бар каф ниҳода,
Ватан то ҷовидон бошад баҳорон.
Аё Литва, писарҳои ту дидам,
Ту дар он мардҳо будӣ муҷассам!

* * *

Дӯстон гӯянд гоҳо васфи ман,
Душманонам таънаҳо созанд боз.
Сӯҳбати хонандагонам дилписанд,
Бо ҳама таърифу бо ҳар эътироз.

Ҳар чи мепурсанд онҳо беҳасад.
Бе ғалуғаш,
бекиноя, рӯирост.
Гаҳ ҷавобе ёфтан мушкил бувад,
Лек шодам ман зи гуфтугӯи рост.

Ҷумла медонанд дирӯзи туро,
Бо туянд имрӯз онҳо ҳамнафас.
Мӯсафеде назди ман иқрор кард,
Гуфт розаш бекиноя, беғараз:

Шеъратон орому пурмаънӣ шудаст,
Гарчи меранҷед гӯям беибо,—
Гуфта ӯ оҳиста бар чашмам нигашт:
Оташи пешини онҳо дар куҷо?

Ҳукми ҳақ бишнида аз он мӯсафед,
Ман ба ташвиш омадам аз ин хато.
Гӯиё виждони хоболудро
Ӯ бизад бо қамчини адлу сафо.

* * *

## Ба ҷаҳон менигарам

Субҳидам чун меваи нав ранг оварда само,
Равшану зарду сафеду соф аз гарду ғубор.
Боғҳо орому пурфайзу саҳаргаҳ хушҳаво,
Ман дар айвон менишинам з-ин ҳаловат беқарор.
Чашм медӯзад ба боғу роғҳо офтобпараст.

Ҳар куҷо наззора бинмоӣ, бубинӣ ҷӯши кор:
Сагчаи дайду равад тозон зи байни марғзор,
Меравад бигзашта аз болои тал бар ким-куҷо
Боз меистад ба бинӣ бӯ гирифта аз ҳаво.
Мешитобад, сагча ҳам аз баҳри коре раҳсипор,
Мешитобад ланг-лангон фурсати ӯ камшумор.

Гурбаи раҳ-раҳ равон аз пайраҳа бе як садо,
Дӯхта гӯё варо аз махмалу кимхобҳо.
Сих намуда гушҳояшро шитобе дорад он,
Мехазад гӯё ба раҳ часпида бошад кордон.
Гурба ҳам аз баҳри сайдеву бароре меравад,
Бехалал бошед ӯ бо кору боре меравад.

Зери пои ман зи байни сабзаву себаргаҳо
Мӯри заҳматпеша тозон аст бо барге наво.
Аз ду-се санге иборат кӯҳҳоро тай кунад,
Мебарад бечора бори худ кашида оқибат.
Аз барои тифлаконаш ношто... Ӯ хаста шуд,
Як малахро бурдан аз ин роҳҳо осон набуд.

Ҷонварони пур зи асрори бароям ошно!
Ман назар созам ба кору бори онҳо борҳо.
Содиқанд онон ба қонуни табиат умрҳо,
Мекунанд иҷро ҳамон қонуни кас нанвиштаро.
Гӯиё ҳар ҷонваре ояд ба дуньёи нишот,
Гар бидонад кори худ,
гар қарзи худ донад зи ёд.

Ман чӣ? Ман ҳам дар радифи ин ҳама заҳматкашон,
Ҳақ надорам чун бародар хуфта бошам, нотавон
Ман арақ резам барои сабзаву обу ҳаво,
Зиндагӣ бошад гуворо қарзи худ созам адо,
Ман ба сӯи навниҳоли себаки афсурдаҳол
Ҷӯй канда об орам, қад кашад он бемалол.

* * *

## Дар сармо

Ба тундӣ боди сармо мехурӯшад,
Ба нохунаш заминро мехарошад.
Бипечад он ба ҳар сӯ барфпошон,
Ту гӯи саҳраҳоро метарошад.

Зимистон рӯзи равшан гашт чун шаб,
Зи тӯфони балоафшони сармо.
Ба ҳар сӯ ҷонварон овора гашта,
Панаҳгоҳе ҳамеҷӯянд ҳар ҷо.

Ба ҳайвонот инсон худ амон дод,
Барои мол оғилхонаҳо сохт.
Каҳу беда бидоду фасли сармо
Ба неъматҳои тобистонӣ бинвохт.

Валекин бепаноҳ, оҳуи даштӣ,
Ба сахтӣ ҷони худ бифшурда буд ӯ.
Зимистон бо азоби гушнагиҳо
Қариб аз ҷабри сармо мурда буд ӯ.

Ҳамон оҳуи даштии сабукдав,
Ки аз боди саҳар чолоктар буд,

Азиятдида,
лоғар гашта акнун
Ба сахтӣ дар биёбон раҳсипар буд.

Тамоми марғзорон гашта холӣ,
Таҳи ҷӯву ҷари он ҳамчу хоро.
Тарошидаст бо хунаш гурозе,
Шикаста аз алам дандони худро.

Дар ин саҳрои бераҳми балокеш
Ба ҳайвон додрас шуд боз инсон.
Ба ин бечора ҷонварҳои даштӣ
Наҷот овард дар авҷи зимистон.

Ба сӯи тӯҳфаи инсон ҳамерафт
Ба бӯи беда сархуш гашта оҳу.
Зи торикии марговар ба хошок,—
Ба сӯи равшанистон по ниҳод ӯ.

Гуроз аз лоғарӣ ин соли сахтӣ
Ба сурат шуд чу сагҳои шикорӣ.
Ба роҳи он хуроки осмонӣ
Назар мекард ӯ бо беқарор.

Зимистон мурғи пӯлодӣ биёвард
Ба ҳар ҷонзоди ин саҳро шафоат.
Гаҳе баҳри наҷоти нек аз бад
Ба кас кофӣ бувад қадре муҳаббат.

Бигирад дӯст дастат рӯзи сахтӣ,
Ба саҳл андӯҳи ту гардад парешон,
Зи ҳар як қувваи қаҳри табиат
Бувад боло накӯкории инсон.

Ба ҳукми зиндагӣ бовар кун, эй дӯст,
Ки панди беғараз аз дӯст некӯст.
Туро ҳар мушкиле, ки бар сар ояд,
Равад, ногаҳ фараҳ аз дар дарояд.

Туро зореъу музтар карда андӯҳ
Равад кам-кам агарчи буд чун кӯҳ,
Вале он сабзаи меҳру саодат,
Ки ту парвардаӣ умре ба заҳмат,

Бисабзад, қад кашад пайваста ҳар рӯз,
Шавад он машъали дарду балосӯз.
Дигар бора ғам аз ту дур гардад,
Дилат шоду руҳат пурнур гардад.

* * *

Назар дорад зи сурат навҷавоне,
Чунон бедарду ғамноошное.
Ба сӯям аз паси тӯфони айём
Намояд бо нигоҳи пурсафое.

Манам ин навраси бедарду бебок,
Ба мисли сабзаи навруста хуррам.
Назар созам кунун бар сурати худ,
Дилам гардад дигар аз ғуссаву ғам.

Нафаҳмиданд ҳаргиз толеамро,
Кӣ будам ман, надонистанд ёрон.
Нахонданд аз лаби хандонам он гоҳ
Раҳи фардои ман сахт аст ин сон.

Кунун ҳам дӯстони навҷавонам,
Зи ҷисми хаставу мӯи сафедам
Намебинед ҳаргиз ҳастиамро,
Ҷавониву дили пур аз умедам.

# ФАЗУ АЛИЕВА

## Шеърҳо

Пур аз эҳсоси меҳру ошноӣ
Ба дастат афтад ин девони ашъор,
Маро шоир магӯ, эй дӯст, ҳаргиз,
Маро шоир магӯ, зинҳор, зинҳор.

Магӯ қавли маро ҳазл асту шӯхӣ,
Маро маъзур дор, эй мухлиси шеър,
Наҷӯям обрӯ аз хоксорӣ,
Бигӯям рози худ бе макру тазвир.

Қалам бигрифт чун бар каф, на ҳар кас
Тавонад шеър гуфтан шӯху дилрас.
Сухан шӯрида хезад аз ҳамон дил,
Ки месӯзад ҳама шаб мисли қандил.

Магар аз пеши худ ман шеър гуфтам?
Ба ҳукми шоирӣ байте надорам.
Шунав аз номи ман ин достонро
Бигуфт он кас, ки ӯро дӯст дорам.

Ниҳон аст аз назарҳо он фурӯтан,
Ниҳон аст ӯ ба мисли решаи ток,
Ман охир шоху баргу борам ӯро,
Баландам з-он, ки ӯро реша дар хок.

Бувад ҳар хӯша ангури тилоранг
Миёни баргҳои зард пинҳон.
Суруди ёрро дар синаи танг
Вале ман чун ниҳон дорам, азизон?

Ниҳон дорам чӣ гуна он тарона,
Ки хондаш ёр бас ширину ҳассон.
Ниҳонӣ нақш кард онро ба қалбам,
Чу нақши рӯи санги кӯҳсорон.

* * *

* * *

Дер шуд... бас дер шуд кайҳо...
Бозгаштан нест дар тақдир.
Кард бар ман табиат эҳсоне,
Пас нагирад варо бо сад тадбир.

Пас нагирад нигоҳи ҳайронам,
Пас нагирад ин хандаам аз лаб,
Пас нагирад ин сурудамро,
Гуфтам онро бо умед имшаб.

Фасли гулҳо рафту меояд
Фасли гармо, фасли тобистон,
Лек рангу бори наврӯзӣ
Боз монад бар тамуз эҳсон.

Навбаҳорон дар дили ғунча
Ҳамчу хуни сурх дар ҷӯш аст,
Навбаҳорон дар раги ҳар барг
Гоҳ рақсон, гоҳ хомӯш аст.

Фасли сармо мерасад мурғон
Роҳи мулки ғайр мегиранд,
Нағмаҳои кӯчии худро
Боз бигзоранд чун савганд.

Қоиманд он нағмаҳо ҷовид
Андаруни соқаи найҳо.
Дар ҳамин бебозгаштиҳост
Ҳусни дарьё, маънии дуньё.

Дер шуд бас дер шуд кайҳо
Бозгаштан нест дар тақдир.
Чун табиат кард эҳсоне,
Пас нагирад он ба сад тадбир.

* * *

* * *

Наандешам ман аз кирдори хӯд ҳеҷ,
Напурсам кистиву аз куҷой.
Ба мисли аввалин гул дар баҳорон
Пазируфтам нигоҳи ошной.

Намепурсанд мардум қимати гул,
Намепурсанд боре кай шукуфт он.
Намепурсанд аз боғи кӣ бошад,
Бимонад то ба кай сабзу шукуфон.

Хазон гардад баҳори ҳусни хубон,
Фано гардад ҳар он чӣ зинда бошад,
Гули коғаз — гули хушранги бебӯй,
Ҳамеша бенаво дар ханда бошад.

Ба монанди яке гулдастаи тар
Рухи ту, мӯи ту, бӯи ту дар дил.
Гули коғаз маёрӣ боз бар ман,
Чунин аст илтимосам, ёри хушгил.

Агар якрӯза бошад ҳам, гуле ор,
Гули хушрангу атрогини раъно..,
Ба ман он тоза гулҳо бори аввал
Ҳикоят мекунанд аз меҳри дилҳо...

* * *

* * *

Хоҳам ором бошад ин дуньё,
Чор сӯям хамӯшу беғавғо.
Лек дигар сукунат афсонаст,
Дигар оромиш аст нопайдо.

Нест гӯё сукунате ҳаргиз,
Кори дигар кучост ҷуз ғавғо?
Аз барои дарахтҳои сабз,
Баҳри ин қуллаҳои сарболо.

Гӯиё асрҳо шуд ин кӯҳҳо
На ба тамкин, ба шӯр машҳуранд.
Моҳу ахтар дар осмон ҳатто
Беқароранд дар сари шӯранд.

Осмон бахри пурталотумест,
Абр чун мавҷ шӯрише дорад.
Ашкам аз чашм меравад имрӯз,
Дар дилам ишқ ковише дорад.

Шаш ҷиҳат ларза дорад ин ошӯб,
Шуд фаромӯш роҳати дуньё.
Гӯиё дар хаёли ман дигар
Нест осоише аз ин балво.

Ҳам наботот, ҳам ҷамод имрӯз
Дар ҷидоланд пеши чашми ман.
Нест осоише дар ин олам,
Ҳам манам беқарору пуршеван.
Ошиқам ман!

* * *

Ҳар як сухани ту ҷонфизо аст,
Бар ташналаби ҳаёт об аст.
Ман ташнаам он қадар ки умре
Бе ҳарфи ту ҷони ман кабоб аст.

Ҳар як сухани ту бар мани зор
Чун шӯълаи ногаҳони хуршед,
К-андар шаби тираи зимистон
Аз домани чоки абр тобид.

Он қадр ман интизорам онро,
Гӯё ки як умр интизорам.
Ҳар гоҳ чу бишнавам садоят,
Бехуд шавам аз нишот, ёрам.

...Ногаҳ сухане чӣ талх гуфтӣ,
Аз хотири ман намеравад он:
«Ман аз ту чӣ қадр қарздорам,
Подоши ту пас чӣ созам эҳсон?»

Бо ин суханат ту бар дили ман
Теғе задиву чи теғи озор!

Меҳри ту ҳанӯз ҳеҷу пуч аст,
Ошиқ най  ту,
най фидокор!

Ман аз ту чӣ қадр қарздорам,
Ман аз ту чӣ қадр некӣ дидам,
Инро нашумурдаму надонӣ,
Кош, он суханат намешунидам.

Имшаб чӣ шабест бас ғамангез,
Аз қисмати худ дар инфиолам,
Подоши накӯии ту, эй ёр,
Пас ман чи диҳам зи моли олам?

Ҷуз меҳру вафои ту чӣ дорам?
Сармояи дигаре надорам.
Гар ишқи ту ҳақгузорие нест,
Он ҳарф дурӯғ мешуморам.

Ҳарчанд, ба дил гарон бувад боз
Дорам ман умеди он,
ки ногоҳ
Ту он суханони сахту дилкӯб
Гуфтӣ ба ғалат, нигори дилхоҳ.

* * *

* * *

Қабл аз ҳар воҳӯрӣ, эй ёр,
Қалби ман хун гардаду афгор.
Ту диламро дар азобу ранҷ
Беш аз ҳад додаӣ озор.

Ин магар ранҷ не,
чудо аз ман
Метавонӣ ту зистан хунсард?
Метавонӣ ту ҳафтаҳо, маҳҳо
Бе манат шод бошӣ, эй бедард!

З-ин сабаб ман ба рӯзи воҳӯрӣ
Ҳар суханро чу оташ андӯзам.
Лек дар рӯ ба рӯи ту хомӯш,
Лом ногуфта боз месӯзам.

Дардро мушкил аст бинхуфтан,
Гуфтани он зиёда мушкилтар.
Бо ҳамин дилхарошиҳо умре
Ҳастии худ сӯхтан беҳтар.

Лек он рӯз омадӣ аз нав
Пешвозат бирафтаму хандон
Он сухан то туро насӯзад боз,
Гӯр кардам даруни дил,
эй ҷон!

* * *

Меҳмонӣ ту ё ки мизбонӣ,
Шомам шавӣ ё ки субҳ орӣ,
Ман шукргузорам аз ту умре,
Пинҳонӣ ту ё худ ошкорӣ.

Ман шукргузорам аз муҳаббат,
Аз ишқи ту, эй баҳори хандон.
Аҳсан ба ту аз барои ҳар дард,
Аҳсан ба ту аз барои дармон.

Шукри шаби пурсукути ҳиҷрон,
Шукри шаби васлу комгорӣ.
Сад шукри хаёлҳои ширин,
Сад шукри ҳама умедворӣ.

Бар сӯи ту меравам, нигоро,
Бар олами ношиносу мубҳам.
Аз бахри манат чӣ ҳадья дорӣ,
Толеи накӯй, ханда ё ғам?

Бигзор, дар осмон натобам,
Бо ту нашавам баландахтар,
Гумном шавам ба олами хеш,
Ман шукргузорам, эй ситамгар!

* * *

* * *

Гузаштам аз раҳи кӯҳсор имрӯз,
Ду пайроҳа маро овора карданд,
Ду пайроҳа, ду тақдири тую ман,
Диламро бори дигар пора карданд.

Ба мисли хобҳои мо сабукбол,
Гузашта водиҳову дарраҳоро,
Гаҳе хомӯш монда, гоҳ тозанд,
Намедонам куҷо оғози онҳо.

Ду пайроҳа гузашта кӯҳҳоро,
Ба монанди ятимон зору мискин.
Шарики дарду андӯҳанд гоҳе,
Гаҳе хушбахту озоду батамкин.

Гаҳе печида бо ҳам рӯи шаххо,
Гаҳе бо кибр аз ҳам дур гарданд.
Гаҳе дар чашми ман аз дур ду раҳ
Ба монанди ду хатти нур гарданд.

Ба дил бори гарон оҳиста рафтам,
Зи дунболи ду пайроҳа – ду дунё.
Наход ин ду ба роҳи умр боре
Намеёбанд ҳаргиз ҳамдигарро?

Гузаштам роҳи дур, аз по фитодам,
Валекин хайрият гуфтам дар охир.
Ду пайроҳа ба ҳам як роҳ гаштанд,
Ба монанди ду роҳи сахти тақдир.

Ҷаҳон пурнур шуд, дил ёфт таскин,
Дигар ман аз паси онҳо нарафтам.
Ду пайроҳа мабодо чун ману ту
Ҷудо гарданд тарсам боз аз ҳам.

* * *

* * *

Расад рӯзе ту дил бардорӣ аз ман,
Ба кӯи ёри дигар роҳ гирӣ,
Нагардам садди роҳат, эй дилозор,
Ки ин дардест дармоннопазире.

Намегӯям азобу изтиробам,
Ту медонӣ манам густоху мағрур.
Вале пеши раҳат занҷири кӯҳҳо
Ҳамегиранд қаҳролуда бо шӯр.

Ба мисли кирми шабтобе ба роҳат
Давад ҳар қатра ашки сӯзнокам,
Ба гӯшат бо садои ман зи гардун
Нафире дарзанад раъд аз ҳалокам.

Зи ҳар як қатра борони баҳорӣ
Ба гӯшам занги овозат биёяд,
Табассумҳои ман чун шӯълаи субҳ
Ба хоби беқарорат медарояд.

Ба худ ой, дилат гум мезанад боз,
Ба худ ой, пушаймон мешавӣ ту.
Наёбӣ  ғамгусори дилнавозе,
Ба кори хеш ҳайрон мешавӣ ту.

Сипас бар қасди ин кибру ғурурам,
Сари худро гирифта меравӣ дур.
Ба ту ман дар биёбон чун саробе
Зи ҳар сӯ ҷилва созам бо тамасхур.

Вале рӯзе, ки ту ночор монӣ,
Маро меҷӯӣ дар хориву зорӣ,
Наҷоте ҷуста аз гирдоби кулфат,
Маро меҷӯӣ бо уммедворӣ.

* * *

# ЭРКИН ВОҲИДОВ

## Андеша

Ба ёдам ҳаст пурсидам зи устод
Ба ҳайрат монда аз асрори дунъё:
Замин гар чарх гардад дар ҳақиқат
Чаро ҳар сӯ напошад одамонро?

Ба ёдам ҳаст, болои сар устод
Сатил пур-об карду гирд гардонд.
Аз обаш қатрае берун наафтод,
Мисолаш солҳо дар хотирам монд.

Гузашт айёми мактабхонии ман,
Ҳанӯзам пеши чашмонам ба туғъён:
Ҷаҳони гирдгардон — як сатил об,
Дар он чун қатрае ман ҳам хурӯшон.

Ба ҷавлон медавам афтону хезон,
Дар оғӯши замини гирдгардон.
Дилам хоҳад — даме ором гирам,
Вале аз раҳ наистад чархи даврон.

Замин андар шитоб асту замон ҳам,
Ҷаҳон чун баҳру ман як қатра обам.
Агар аз роҳ монам, берун афтам,
Дигар гумном бошам андар олам.

## ЗУЛФИЯ

### Мафтуни суруд

Он нафасеро, ки ту осудай̣,
Гӯр кун андар таҳи чоҳи чуқур.
Бо қалами кунд ту беҳудай̣,
Бишкану аз хеш биандоз дур.

Ҳайф, ки чолок наям чун сабо,
То ки шавам дар ҳама ҷо чашму гӯш.
Шарфаи хоку нафаси сангҳо
Қалби маро то ки биёранд ҷӯш.

Нест маро як нафаси ғафлате,
Майли фароғат ба раҳ афкандаам.
Аз ҳама сӯ мерасад авҷи суруд,
Ман ба ҳамин шеъру ғазал бандаам.

## Зани хушбахт мегӯянд...

Дилам бишкасту бахтам низ бишкаст,
Баҳори умр поён гашт ҳоло.
Ба сина ҳамчу сурбе дард дорам,
Вале гӯянд — ӯ хушбахти дуньё.

Надидам бар чафои хеш лоиқ,
Тараҳҳум кард бар зан чархи гардун.
Рабуду бахт, шӯҳрат дод аз шеър,
Маро хушбахт мегӯянд акнун.

Даруни устухон тири чафоро
Гирифта гаштааст имрӯз аскар.
Нагирад занг имрӯз
он ҳама сурб,
Ба чисми аскару дар қалби модар.

Ҳар он кас,
ки варо бахти тамом аст,
Надонад дарди бахти нотамомам!
Ба дил файзаш ниҳоду рафт он ишқ,
Вале ёдаш ба дил ҳар субҳу шомам.

Вале ман бахтьёрам!
Аз чунин бахт
Созад,
ки шоҳдухтар ҳам бинозад,
Шудам ҳамдаст бо халқи азизам,
Зани хушбахт гӯянд аз ҳақиқат.

## ГРИГОРЕ ВИЕРУ

### Ҳамон рӯзе, ки мирам

Ҳамон рӯзе, ки ман мирам,
Бипӯшам чашм аз дуньё,
Маро дар қаъри чашмони сиёҳат дафн кун, ҷоно.
Ба мотам дар сари қабрам фитода ашк меборанд,
Ҳама ёрон ба пои ту
Сари таъзим меоранд!
Насозад то адӯ помол гӯрамро,
Маро ҳаргиз ту бар хоки лаҳад маспор,
Маро дар қаъри чашмони сиёҳат дафн кун, ҷоно!
Маро дар дидагони худ нигаҳ дор,
Ту будӣ ибтидои ман,
Ту худ бош интиҳои ман...

## Молдова

Ҳама хубию накӯроиро
Аз ту гирам, ватанам Молдова!
Аз қади сарву сафедори сиҳит
Ман раҳи ростӣ ибрат гирам,
Аз талу пуштаи пурнеъмати ту
Хоксорию саховат гирам,
Мулки нақши чаманам,
Молдова.
Рақси ту дасту ба даст аз хурдӣ
Дастгирии муҳиббон омӯхт.
Ҳар танобе ба сари панҷаи ток
Васлу пайванд ба инсон омӯхт.
Монд аз рӯзи сиёҳи ту ба ёд,

Кишварам,
гирьяи мардона маро.
Аз суруду хуши ҳар чашмаи ту
Шӯхию хандаи тифлона маро.
Дар сари гӯри ниёгон ин ҷо
Сачда оварда ба савганд манам.
Дӯстат дораму то ҷон ба танам
Риштаи меҳру вафоят наканам.
Ҳама хубию накӯроиро
Аз ту гирам,
Ватанам Молдова,
Лек аз хасми ту гирам, эй ёр,
Нафрату қаҳру ғазаб бар ғаддор,
Мулки боғу чаманам,
Молдова!

# ЖУМЕКЕН НАҶМИДДИНОВ

## Ними нон

Субҳ чашми хешро  во менамуд,
Шоми сармои зимистон мегузашт.
Бо падар падруд мегуфтем мо,
Бибиам омад бари ӯ нон ба даст.

Порае бишкаст аз он нони тамом,
Рафт хомӯш тӯшаи роҳаш ба пушт.
Бибиам аз дар даромад, гӯиё
Нон набуду моҳи нав будаш ба мушт.

Модарам месӯхт аз ғам рӯзу шаб,
Бибиам мегуфт ӯро ҳар сафар:
--  Шир паз, хӯрок деҳ бар молҳо!
-- Кӯдакат ғаш мекунад, бар он нигар!

Бибиам мегуфт, ки бовар макун,
Илтиҷову нола кори бесамар.
Дар ҷаҳон бо ашкрезӣ то ба ҳол
Ҳеҷ кас эмин намондаст аз хатар.

Лек он як пора нони хонадон
Ҳар куҷо бошӣ, туро боз оварад.
Мекашад касро ба худ нону намак,
Ҷони ӯ аз ҳар балое меҳарад.

...Дур аз мо дар кучое чанг буд,
Лек хоки чӯли мо дармегирифт.
Марг аз ҳар сӯ ба мардум медавид,
Мамлакат мотамсаро буд, эй шигифт!

Дар авул чандин азо шуд, тӯй шуд,
Дар чаҳон чандин азоҳои дигар.
Бибии мо интизорӣ мекашид,
Чашм бар дар буд ӯ шому саҳар.

Чашм дар роҳи падар аз дарду ғам
Мӯи чун қатрон сиёҳаш шуд сафед.
Дар таҳи сандуқ буд он нони қоқ,
Буд бар он ниманон моро умед.

Модар аз ғам об мешуд мисли шамъ,
Чашми ӯ нам буд ҳар шому саҳар.
Лек ман бо Бибии якрав ҳамон
Чашм дар роҳем — меояд падар.

Дар сари ман осмони беғубор,
Дур рафтаст он қадар моро падар.
Варна ними нони монда, дӯстон,
Ноумед асло намекард инқадар.

# МУНДАРИҶА

**ПЕШГУФТОР** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 5

**ШЕЪРҲО** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 7
Субҳи ид . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 8
Мулоқоти нахустин . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 9
Шабе бо хаёлат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 10
Сир — махзани сирҳои ман . . . . . . . . . . . . . . 11
Сафедӣ медамад . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 13
Ёдат ҳаст ё не? . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 15
Эй дили ман! . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 17
Пайроҳаи хотирнавоз . . . . . . . . . . . . . . . . . . 18
Сири ишқ.......................................................... 19

Рӯзҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 20
Савти рӯд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 21
Ин ҳам зи ноз бошад..? . . . . . . . . . . . . . . . . 23
Ғалбери дарида не, дили ман . . . . . . . . . . . . 24
Ин қадар ноз макун... . . . . . . . . . . . . . . . . . 25
Падруд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 26
Зани тоҷик . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 27
Роҳи сафед . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 29
Кӯҳҳо — гаҳвораи ман . . . . . . . . . . . . . . . . 31
Рози маҳтобшаб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 32
Орзу . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 33
Булҳавас . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 34
Ғурури ҷавонӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 35
Дӯст дориам агар... . . . . . . . . . . . . . . . . . . 37
Дар дили ман туӣ, ту . . . . . . . . . . . . . . . . . . 38
Ман ваъда намекунам биҳиштат . . . . . . . . . . 39
Илтиҷо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 41
Ҷомӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 43
Навиди рӯҳбахш . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 45

Мумиё . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 47
Арзи хизмат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 49
Манор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 51
Модар . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 53
Салом, кӯҳсор! . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 55
Эҳсон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 57
Шол . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 59
Рӯ ба рӯи нақшҳои соҳирӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . 61
Самарқанд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 63
Боз аз розҳои маҳтобӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 65
Маслаҳат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 66
Соя . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 67
Суруде хон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 68
Зан . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 69
Гулдаста . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 70
Масӯзон номаҳои ошиқона . . . . . . . . . . . . . . . . . 71
Хоки ватан . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 73
Қисмати ҳалолам деҳ! . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 74
Ҳулбӯй . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 75
Саҳаргоҳон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 76
Хоҳиш . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 77
На ину на он . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 78
Мактаб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 79
Бе ту дар сайр будам . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 80
Дар канори деҳа . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 81
Сурат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 82
Ман дилеро намекунам қисмат . . . . . . . . . . . . . . . 83
Такрор меоям . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 85
Тавба кардем?! . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 87
Тифли офтоб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 89
Кӯҳсор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 91
Шубҳа . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 92
Шикваи рӯди кӯҳӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 93
Нидои ишқ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 95

Дасти ман магзор... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 97
Баҳор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 98
Таронаи Ёвон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 99
Хотира . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 100
Шоир аз гуфтор монад... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 101
Пахтакор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 103
Базм . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 104
Чашмҳоят . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 105
Тирезаҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 107
Гадо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 109
Духтари пахтакор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 110
Шогирд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 111
Шеър чист? . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 112
Дарьё шав . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 113
Миннати болин макаш . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 114
Шеваи мунофиқон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 115
Шеъри хушбошӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 116
Ҷои ту холист... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 117
Диёрам . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 118
Муҳаббат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 119
Надомат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 120
Фирефта . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 121
Побаланд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 123
Пайванд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 125
Тешаи наҷҷор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 126
Хайрбод дар мактаб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 127
Падар . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 129
Кӯчабоғи деҳа . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 131
Панди падар . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 135
Ҷӯраҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 136
Нимишаб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 137
Фили пир . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 138
Молдова . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 139
Гули зиндон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 141

Қалам . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 142
Нӯшбоди соли навин . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 143
Шеър . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 145
Ҳарзаталош . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 147
Намеравад аз ёд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 148
Бевафо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 149
Фолбин . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 151
Ниқоб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 153
Захмҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 155
Намефаҳмам . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 157
Гузаштам аз раҳи кӯҳсор имрӯз... . . . . . . . . . . . . . . . 159
Дубайтӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 160
Тирамоҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 162
Ватан . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 163
Дар оромгоҳи Ленин . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 165
Тӯдакаш . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 168
Монда нашав! . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 169
Забони модарӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 171
Таҷриба . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 172
Гӯш макун бар сухани шоирон... . . . . . . . . . . . . . . . . 173
Хиҷолат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 174
Ошиқӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 175
Қадри нону инсон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 177
Эътироф . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 179
Таскин . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 181
Интизор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 182
Бубахшоед . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 183
Барнахост . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 185
Соли куҳан меравад... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 186
Ошиқам . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 187
Рубоиёт . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 188

**ТАРҶУМАҲО** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 197

**И. А. КРЫЛОВ** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 197
Тафохури хар . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 197
Хук ва дарахти балут . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 199

**МИХАИЛ ЛЕРМОНТОВ** . . . . . . . . . . . . . . . . . . 201
Шоир . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 201
Черкасдухтар . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 204
Ба Н. Ф. И. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 205
Ба К. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 207
Ба К... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 208
Монолог . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 209
Илтиҷо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 210

**ОВАНЕС ТУМАНЯН** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 211
Дар кӯҳсори арман . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 211
Хоҳарам . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 213
Дубайтиҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 215

**МИХАИЛ ЭМИНЕСКУ** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 217
Дидор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 217

**ЛЕСЯ УКРАИНКА** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 219
Катиба . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 219

**АЛЕКСАНДР БЛОК** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 223
Месарояд дар калисо духтаре, . . . . . . . . . . . . . . 226
Ҷумла раҳҳо баранд бар як сӯ . . . . . . . . . . . . . 227
Ба хобам ҳамчунон дар рӯзи равшан . . . . . . . . . . 228
Чаро ту сарнагунӣ аз хиҷолат? . . . . . . . . . . . . . 229
Суруде хонад аз гулҳои хандон, . . . . . . . . . . . . . 231
Сард гардад агар дили гармам, . . . . . . . . . . . . . 232
Устод . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 233
**НОЗИМ ҲИКМАТ** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 235

Сафедор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 235
Мактуб ба ёр . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 237
Туркия . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 239
Боз дар ҳаққи ватан . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 240
Асир . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 241
Мактуби вопасин ба писарам Муҳаммад . . . . . . . . . 242

**ҲАМИД ОЛИМҶОН** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 247
Россия . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 247
Шинель . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 250
Дар соҳилҳои Чирчик . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 253

**РАСУЛ ҒАМЗАТОВ** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 256
Кӯҳистониён дар ҳузури Ленин . . . . . . . . . . . . . . 256

**ЕВГЕНИЙ ЕВТУШЕНКО** . . . . . . . . . . . . . . . . . 260
Вакилон ҷониби Ленин равонанд . . . . . . . . . . . . . 260

**ДАВИД КУГУЛТИНОВ** . . . . . . . . . . . . . . . . . . 262
Ба Литва . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 262
Дӯстон гӯянд гоҳо васфи ман, . . . . . . . . . . . . . . 264
Ба ҷаҳон менигарам . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 265
Дар сармо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 267
Назар дорад зи сурат навҷавоне, . . . . . . . . . . . . . 270

**ФАЗУ АЛИЕВА** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 271
Шеърҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 271
Дер шуд... бас дер шуд кайҳо... . . . . . . . . . . . . . 273
Наандешам ман аз кирдори хӯд ҳеч, . . . . . . . . . . 275
Хоҳам ором бошад ин дуньё, . . . . . . . . . . . . . . . 276
Ҳар як сухани ту ҷонфизо аст, . . . . . . . . . . . . . . 277
Қабл аз ҳар вохӯрӣ, эй ёр, . . . . . . . . . . . . . . . . . 279
Меҳмонӣ ту ё ки мизбонӣ, . . . . . . . . . . . . . . . . . 280
Гузаштам аз раҳи кӯҳсор имрӯз, . . . . . . . . . . . . . 281

Расад рӯзе ту дил бардорӣ аз ман, . . . . . . . . . . . . . . . 283

**ЭРКИН ВОҲИДОВ** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 285
Андеша . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 285

**ЗУЛФИЯ** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 286
Мафтуни суруд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 286
Зани хушбахт мегӯянд... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 287

**ГРИГОРЕ ВИЕРУ** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 288
Ҳамон рӯзе, ки мирам . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 288
Молдова . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 289

**ЖУМЕКЕН НАҶМИДДИНОВ** . . . . . . . . . . . . . . . . . 291
Ними нон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 291

МУНДАРИҶА . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 293

*Фируз Бахром Бобоевич*

**ЖАР СЕРДЦА**

(на таджикском языке)

Муҳаррир *А. Азизов*

Рассом *Р. Азимов*

Муҳаррири расмҳо *С. Логинов*

Муҳаррири техникӣ *М. Саидова*

Мусаҳҳеҳ *М. Ҳалимова*

БИ № 249

Ба матбаа 02.01.84 супурда шуд. Ба чопаш 11.07.84 имзо шуд. КЛ 04391. Формати 70*907з2. Коғази типографии № 1. Гарнитурааш адабӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 7.605. Ҷузъи рангаи шартӣ 7.9. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 7,66. Адади нашр 5000. Супориши № 2357.

Нархаш 1 сӯм.

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кӯчаи Айнӣ, 126.

Матбааи № 1 Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёг, полиграфия ва савдои китоб.

Душанбе, хиёбони Ленин, 37.




НАШРИЕТИ «ИРФОН»